АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА
МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 9(575)

МИРЗОЕВ ШУҲРАТ ҶУМЪАМУРОДОВИЧ

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҲОДИСАҲОИ ТАЪРИХИИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА ИБТИДОИ АСРИ XV-И МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР «ЗАФАРНОМА»-И НИЗОМУДДИНИ ШОМӢ ВА «АҶОИБУ-Л- МАҚДУР ФИ АХБОРИ ТЕМУР»-И ИБНИ АРАБШОҲ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 –Таърих, ихтисоси
6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих,
профессор Камолов Ҳ. Ш.

ДУШАНБЕ – 2022

# МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА ..........................................................................................3

**БОБИ 1. «ЗАФАРНОМА»-И НИЗОМУДДИНИ ШОМӢ ВА «АҶОИБУ-Л-МАҚДУР ФИ АХБОРИ ТЕМУР»-И ИБНИ АРАБШОҲ МАЪХАЗҲОИ МУҲИМИ ТАЪРИХИИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА ИБТИДОИ АСРИ XV** ..........................................................................................24

1.1 Ахбори шарҳиҳолӣ дар бораи Низомуддини Шомӣ ва тавсифи нусхаҳои хаттӣ, сохтор ва муҳтавои «Зафарнома»..................................................24

1.2. Зиндагиномаи Ибни Арабшоҳ, тавсифи рисолаи «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» ва аҳамияти таърихӣ-илмии он.........................................37

**БОБИ 2. ИНЪИКОСИ ҲОДИСАҲОИ ТАЪРИХИИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА ИБТИДОИ АСРИ XV ДАР «ЗАФАРНОМА»-И НИЗОМУДДИНИ ШОМӢ ВА «АҶОИБУ -Л- МАҚДУР ФИ АХБОРИ ТЕМУР»-И ИБНИ АРАБШОҲ** .......................................................51

2.1. Таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур тибқи ахбори Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ.....................................................................51

2.2. Инъикоси лашкаркашиҳои Темур дар рисолаҳои «Зафарнома» ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур».......................................................74

2.3. Хусусиятҳои фарққунандаи тасвири рӯйдодҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ..........................................................................................121

2. 4.Тасвири шахсияти Темур аз ҷониби Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ ..........................................................................................137

ХУЛОСА..........................................................................................153

НОМГӮИ АДАБИЁТ..........................................................................158

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Манбаъҳои хаттӣ хазинаи таърихи ҳар миллат маҳсуб мешаванд. Ин манобеи хаттии таърихианд, ки фарозу нишеби рӯзгори ҳар миллатро дар дарозои таърих ба худ ҳамл мекунанд.

Масоили бисёр мубрами сиёсии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV –и Мовароуннаҳру Хуросон дар бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ инъикоси худро ёфтааст. Дар асоси матолиби ин осор муҳаққиқони таърихи асрҳои миёна ба паймонаҳои мухталиф таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин даврро таҳқиқ кардаанд.

Қадимтарин рисолаи маҷмӯие, ки дар он муборизаҳои Темур барои ба қудрати сиёсӣ расидан инъикоси худро ёфта ва ба дастури Темур навишта шуда, мавриди қабули он гаштааст, ин асари Низомуддини Шомӣ «Зафарнома» ҳаст, ки ҳаводиси салтанати Темурро то соли 1404 дар бар мегирад.

Рисолаи дигари таърихӣ «Аҷоибу-л-макдур фи ахбор (фи навоиб)-и Темур» мебошад, ки ба қалами Ибни Арабшоҳ мутааллиқ буда, вақоеи таърихии аҳди Темурро фаро мегирад ва муаллифи он шоҳиди бевоситаи воқеаҳои таърихии то замони марги Темур мебошад. Ин асар бо забони форсӣ –тоҷикӣ «Зиндагии шигифтовари Темур» тарҷума шудааст.

Муаллифони ин осори таърихӣ фарзанди замони хеш буда, мусалламан ба доирае, гурӯҳе ҳамбастагии ақидатӣ ва вобастагии моддӣ доштанд. Бинобар ин рисолаҳои онҳо робитаи танготанг ба мавқеи иҷтимоии муаллиф доранд. Муҳаққиқи ин замон зери бори андешаҳои муаллифи сарчашмаи таърихӣ наметавонад равад, зеро дар таҳқиқи онҳо мебояд аз усулҳо ва методҳои дар илми таърих озмудашуда, мисли усули татбиқӣ-муқоисавӣ, назариявӣ-муқоисавӣ, интиқодӣ-объективӣ кор гирифта шавад.

Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ аз дидгоҳи мухталиф авзои сиёсии он замонро дар асарҳояшон мунъакис кардаанд. Низомуддини Шомӣ дар навиштани асари хеш аз асноди мавҷудбуда дар дарбори Темур,

ҳамчунин аз қавли шоҳидони бевоситаи воқеаҳо истифода кардааст. Ибни Арабшоҳ бошад, илова бар он ки худ шоҳиди баъзе воқеоти таърихии марбут ба лашкаркашиҳои Темур буд, инчунин такя ба ахбори шахсони қобили эътимодаш низ кардааст.

Низомуддини Шомӣ бо ҳусни таваҷҷуҳ ба аъмоли Темур дар усули идораи давлат ва лашкаркашиҳову ғорату валангор кардани дигар кишварҳо менигарад ва онҳоро дар шумори тадобири дурусти давлатдории ӯ медонад. Ибни Арабшоҳ бошад, дар баёни вақоеи таърихии ин замон хотири касеро надида, дар сабти хунрезиҳо, вайронгариҳо ва ғоратгариҳои Темур комилан дасти боз дорад. Аз ин рӯ, баррасии татбиқии ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV–и Мовароуннаҳру Хуросон дар асоси рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ мубрам будани мавзӯи мавриди таҳқиқро матраҳ мекунад.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот боз дар он дида мешавад, ки таҳлили муқоисавии ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ бори нахуст дар шакли маҷмӯӣ анҷом меёбад.

Таҳлили муқоисавии ахбори таърихӣ дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ, инчунин баррасии осори илмии таърихнигорон, ки ба ин масоил робита мегиранд, ба исбот расидаанд, ки баёни воқеияти рӯйдодҳои таърихии ин ва ё он рисола аз ҷониби муҳаққиқ танҳо дар татбиқи усули интиқодӣ, муқоисавӣ ва бетарафӣ сурат хоҳад пазируфт.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Таҳлили муқоисавии ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л- мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ то кунун ба таври маҷмӯӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аммо паҳлуҳои гуногуни он дар таҳқиқоти илмӣ инъикос ёфта, бисёр муҳаққиқон зимни омӯзиши масоили таърихӣ аз онҳо истифода кардаанд. Нахустин муҳаққиқе, ки ба ин рисолаҳо муроҷиат

намудааст, В.В. Бартолд[1] мебошад. Ӯ зимни омӯзиш ва баррасии масоили таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур, лашкаркашӣ ва дигар фоҷиаҳои анҷомдодаи ӯ ба «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ таваҷҷуҳ намуда, аз ахбори ӯ истифода кардааст. Аз ҷумла, бо такя ба ин манбаъ қайд менамояд, ки соли 1366 баъди пахши шӯриши Сарбадорони Самарқанд Ҳусайн аз дӯстони Темур андоз талаб кард ва Темур ба хотири кӯмак расондан ба дӯстони худ гӯшвораҳои ҳамсари худро ба Ҳусайн пешниҳод кард. Ҳарчанд Ҳусйн донист, аммо гӯшвораҳоро барнагардонд ва баъди марги Туркановго байни ин дӯстон мухолифат сар зад.[2]

Муҳаққиқи дигари замони шӯравӣ А.Ю Якубовский[3] дар таҳқиқи масоили таърихи Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIV-ибтидои асри XV аз «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ба таври васеъ истифода намуда, ин рисоларо аз аввалин манбаъҳои таърихии замони Темур медонад. Ӯ дар асари худ «Тамерлан. Эпоха, личность деяния» қайд мекунад, ки Низомуддини Шомӣ дар муқаддимаи рисолаи худ аҳволи умумии Осиёи Миёнаро то ба майдони таърихӣ омадани Темур (1360) инъикос кардааст. Бино ба таҳқиқи ӯ Низомуддини Шомӣ дар инъикоси лашкаркашии Темур ба Ҳиндустон аз ахбори рисолаи «Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ истифода бурда, матнҳои онро пурра оварда, баъзе ҷойҳояшонро кӯтоҳ кардааст. Фасли охирини ин рисола ба тасвири таҷлили ҷашн дар Қарабоғи Аран дар баҳори соли 1404 бахшида шуда, муаллиф онро пеш аз марги Темур (1405) ба итимом мерасонад.[4] А. Якубовский бар он назар аст, ки воқеаҳои таърихии дар «Зафарнома»-и

[1] Бартольд В. В. Улусные эмиры. Царствование Тимура / В. В.Бартолд. Сочинения. Москва, Наука. - 1964. Том II. Част 2. -С.37-62.
[2] Бартольд В. В. Улусные эмиры. Царствование Тимура / В. В.Бартолд. Сочинения. Москва: Наука. - 1964. Том II. Част 2. -С.42
[3] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Ю. Якубовский- Москва: Груш, 1992.-252 с.; Якубовский А. Ю. Тимур / А.Ю. Якубовский // Вопросы истории. 1946. № 8—9. С. 42—74.
[4] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Ю. Якубовский- Москва: Груш, 1992.-С.5

Низомуддини Шомӣ инъикосшуда дар таърихнигории Темур тасдиқи худро ёфтаанд.[1]

Донишманди Эронӣ Паноҳӣ Саҳнонӣ дар таҳқиқоти худ оид ба аҳамияти таърихии рисолаи «Зафарнома» қайд менамояд, ки таърихҳои баъдҳо дар бораи афъол ва аъмоли Темурланг навишташуда, мустақим ва ғайри мустақим, аз ин китоб иқтибос шуда ва таъсир пазируфтаанд. [2] Ӯ бо такя ба таҳқиқоти Маликушшуаро Баҳор изҳор медорад, ки «Зафарнома» қадимтарин таърихест перомуни зиндагӣ ва футуҳоти Темур навишта шуда ва муаллифи он Мавлоно Низомуддини Шомӣ қадиматрин муаррихи асри темурист».[3]

Муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Камол[4] дар таҳқиқоти худ оид ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дюми асри XIV-ибтидои асри XV» ба «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ бештар таваҷҷуҳ фармудааст. Ӯ дар инъикоси фоҷиаи Исфаҳон дар соли 1387 бо такя ба ахбори Низомуддини Шомӣ қайд менамояд, ки Темур дар ин шаҳр ба аскарони худ фармон дод, ки ҳар кадом сари буридае оварад ва аз 70 ҳазор сари бурида калламанора бунёд кард.[5] Инчунин, ӯ бо истифода аз ахбори ин манбаъ менигорад, ки Темурланг 17 декабри соли 1398 дар Деҳлӣ 100 ҳазор нафар асирро ба қатл расонд.[6] Ҳ. Камол дар мақолаи худ дар бораи аҳамияти «Зафарнома» мефармояд, ки «аҳамияти «Зафарнома» нахуст дар он зоҳир мегардад, ки

---

[1] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Ю. Якубовский- Москва: Груш, 1992. - С.4

[2] Паноҳӣ Саҳнонӣ. Муқаддимаи «Зафарномаи темурӣ» / С.Паноҳӣ // Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Чопи аввал. Интишороти Бомдод. 1363 . -С. 3

[3] Паноҳӣ Саҳнонӣ. Муқаддимаи «Зафарномаи темурӣ»/ С.Паноҳӣ// Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Чопи аввал. Интишороти Бомдод. 1363 . -С. 3-4

[4] Камол Х. Таджикский народ во второи половини XIV-XV вв/ Х.Камол// Истории таджикского народа. Том III. (Период развития феодального общества)- Душанбе: Дониш, 2013. -С. 422-469; Камол Ҳ. Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и ӯ/ Ҳ. Камол // Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Баргардонанда. Аҳмадхон Муродзода.- Душанбе: ЭР-Граф, 2019. -С.9-14

[5] Камол Х. Таджикский народ во второи половини XIV-XV вв / Х. Камол// Истории таджикского народа. Том III. (Период развития феодалного общества)- Душанбе: Дониш, 2013. -С.449.

[6] Камол Х. Таджикский народ во второи половини XIV-XV вв / Х. Камол // Истории таджикского народа. Том III. (Период развития феодалного общества)- Душанбе: Дониш, 2013. - С.449.

муаллифи он мустақиман бо Темурланг ва коргузорони ӯ сару кор дошт, вақоеъро аз наздик мушоҳида кард ва бо василаи коргузорони ҳукумат ахбори дасти аввал ба ӯ расид. Ба ин эътибор «Зафарнома» аз манобеи дасти аввал дар таърихи Темурланг ва лашкаркашиҳои ӯ маҳсуб меёбад»[1]. Ба андешаи ӯ ҳарчанд Низомуддини Шомӣ дар рикоби Темур буд ва «ҳама харобкориҳо, куштори дастаҷамъӣ ва бераҳмиҳои ин саффокро дар шумори тадбирҳои дурусти ӯ донистааст, аммо зулму бедодии Темурлангро Шомӣ дар пароҳати қалами хеш фош кардааст, ки ҷойи таҳсин аст».[2]

Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ[3] бо такя ба ахбори рисолаи «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ хунхориву ғоратгариҳои Темурро ифшо кардааст. Аз ҷумла, ӯ зимни инъикоси ҳуҷуми Темур ба шаҳри Буст, қалъаҳои Сурх, Ҳазорасп ва ғайраҳо ба рисолаи Низомуддини Шомӣ мурочиат карда, аз қавли ӯ менависад: «ба эшон ҷанги сахт карданд ва маҷмӯъро ба қатл оварданд ва фармуд, то аз сарҳои мақтулон манораҳо ва гилтӯдаҳо сохтанд»[4].

Л. Бойматов дар асари худ «Сарбадорони Самарқанд» «Зафарнома»-и Низомуддини Шомиро «нахустин намунаи таърихнигории расмӣ дар мавзӯи таърихи Сарбадорони Самарқанд» донистааст. Ба андешаи ӯ Низомуддини Шомӣ аз нахустин муаррихонест, ки зикри шӯриши Сарбадорони Самарқандро карда, аммо ин воқеа ба таври мухтасар баён ёфтааст. Ҳамзамон, қайд мекунад, ки «он чӣ ошкор аст, ин аст, ки ин муаллиф нисбат ба ҷунбиши Самарқанд назари чандон хубе надорад. Аз диди ӯ шӯришгарони Самарқанд, «мардуми шарир» ва раҳбарони қиём

---

[1] Камол Ҳ. Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и ӯ/ Ҳ. Камол// Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. -С. 12.
[2] Камол Ҳ. Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и ӯ/ Ҳ. Камол// Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. -С. 14.
[3] Амиршоҳӣ Нурмуҳаммад. Темур дувумин чеҳраи хунрези таърих / Н. Амиршоҳӣ // Фарҳанг №1. 2004. –С.11-23.
[4] Амиршоҳӣ Нурмуҳаммад. Темур дувумин чеҳраи хунрези таърих / Н. Амиршоҳӣ // Фарҳанг №1. 2004.-С.17.

«мағруру золиму ҷаврпеша» мебошанд ва «халқ дар дасти ҷабру бедодии эшон гирифтор буданд».[1]

Як қатор муҳаққиқони дигар, ба монанди Лусин Бувот,[2] М. Каримов,[3] асари «Таърихи Эрон давраи Темуриён», [4]Б. Ахмедов[5] Г.Н. Турсунова,[6] А. А. Одилов[7] ва дигарон зимни омӯзиш ва таҳқиқи ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон аз рисолаи «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ истифода кардаанд. Қисмати дигари муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ, ба монанди Б. Ғафуров,[8] Ғ. Ғоибов,[9] А. Аскаров,[10] Жан Пол Ру[11] А. Мелехин[12] асари дастаҷамъии «История армянского народа»[13] ва дигарон, ки ба масоили сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву иҷтимоии Осиёи Миёна ва Эрон таҳқиқот анҷом додаанд, аз ахбори «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ сарфи назар кардаанд.

Бо вуҷуди ин, метавон қайд кард, ки гарчанде Низомуддини Шомӣ дар рикоби Темур буд, тавонист тамоми хунхориву ғоратгариҳои ӯро зери

---

[1] Бойматов Л. Сарбадорони Самарқанд / Л. Бойматов- Интишороти «GlobeEdit»-2019. С.-25.

[2] Лусин Бувот. Таърихи муғул.Темуриён. Тарҷумаи Муҳаммад Беҳфрӯзӣ. Чопи аввал. Теҳрон: Озодмеҳр. - 1384 ҳ.

[3] Каримов М.М. Из истории международных связей и дипломатии Центральной Азии во второй половине XIV - начале XVI вв. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук / Каримов М.М. // Худжанд-2009.-27 стр.

[4] Таърихи Эрон давраи Темуриён. Пажӯҳиш аз Донишгоҳи Кембриҷ. Тарҷумаи доктор Яъқуб Ожанд. Теҳрон, 1379 ҳ.қ. - 440 с.

[5] Ахмедов Б. Государство кочевых узбеков / Б.Ахмедов - Москва. Издательство «Наука». 1965. – С.109-148.

[6] Турсунова Г.Н. Амир Темур. Основаные этапы деятельности (1360-1405гг) // Г.Н. Турсунов - Хуҷанд: Хуросон. - 2006. - 200 с.

[7] Одилов А. Амир Темур тузуклари – давлат бошқаруви асоси// А. Одилов –Ташкент: fan va texnologya 2016. -180 бет.

[8] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. // Ғ. Ғафуров - Душанбе: Ирфон.- 1983. Ҷ.1. -С.639-651.

[9] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз // Ғ. Ғоибов- Душанбе: Дониш.- 2006. -С.286-320.

[10] Аскаров А. История происхождения узбекского народа // А. Аскаров - Ташкент: Узбекистан, 2018. -664 с.

[11] Ру Жан- Поль. История Ирана и иранцев. От истоков до наших дней // Жан Пол Ру- Санкт - Петербург. - 2015. - 432 с.

[12] Мелехин А. В. Тамерлан // А. В. Мелехин — «Издательство АСТ», 2018 — (Библиотека военной и исторической литературы).

[13] История армянского народа. С древнейших времён до наших дней. Ереван,-1980. -460 с.

қабои мадҳу сано ба қалам диҳад ва ба муҳаққиқони оянда манбаи муҳим ва арзишманди таърихӣ ба мерос гузорад.

Оид ба рисолаи «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ бошад, нахустин шуда В.В. Бартолд таваҷҷуҳ фармудааст. Ӯ зимни омӯзиши масъалаҳои таърихии давраи зикршуда, хусусан дар инъикоси таърихи Темур аз ин рисола ба таври васеъ истифода карда, бо такя ба ин манбаъ зодгоҳи Темурро деҳаи Хоҷаилғори шаҳри Кеш номидааст.[1] В.В. Бартолд дар таҳқиқоти худ дар заминаи рисолаи Ибни Арабшоҳ ба хулосае меояд, ки Темур бесавод монд, аммо ба ғайр аз забони модарии худ-туркӣ забони форсиро низ медонист ва бо донишмандон суҳбат мекард ва дар дарбори худ вазифаи қиссахониро таъсис дода, ба шарофати шунидани ин достонҳо метавонист таърихнавис Ибни Халдунро ба ҳайрат орад.[2]

А. Якубовский дар асари худ «Тамерлан. Эпоха, личность, деяния» аз рисолаи «Аҷобу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ ба таври васеъ истифода карда, онро дар байни сарчашмаҳои таърихӣ оид ба таърихи Темур муҳим ва калонҳаҷм донистааст. Бино ба андешаи ӯ Ибни Арабшоҳ ба сиёсати ғоратгарона ва таҷовузкоронаи Темур нафрат дошт, ки дар таълифи асараш таъсир расонд. Бо вуҷуди ин, Ибни Арабшоҳ дар ҳеҷ ҷойи асараш ақлу хирад, истеъдоди ташкилотчигӣ ва ҷанговарии ӯро инкор намекунад.[3]Якубовский ба ахбори Ибни Арабашоҳ ва дигар манобеи таърихӣ таваҷҷуҳ дода, қайд менамояд, ки бисёр маълумотҳои рисолаи Ибни Арабшоҳ дар асарҳои Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддини Алии Яздӣ инъикос шудаанд. Муқоисаи тавсифи рӯйдодҳо дар рисолаи Ибни Арабшоҳ бо дигар манбаҳо аксар вақт... ба мо имконият

---

[1] Бартольд В. В. Улусные эмиры. Царствование Тимура / В. В.Бартолд. Сочинения. Москва: Наука. - 1964. Том II. Част 2. -С.39.
[2]Бартольд В. В. Улусные эмиры. Царствование Тимура / В. В.Бартолд. Сочинения. Москва: Наука. - 1964. Том II. Част 2. -С.59-60.
[3] Якубовский А. Тамерлан.Эпоха, личность, деяния / А. Ю. Якубовский- Москва: Груш. 1992.- С.5.

медиҳад, ки макон, вақт ва сабабҳои ба амал омадани воқеаҳоро мушаххас созем.[1]

Муаррихи эронӣ Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ, ки рисолаи «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-ро аз забони арабӣ ба забони форсӣ тарҷума намудааст, дар муқаддимаи ин асар, ки «Муқаддимаи мутарҷим» ном дорад, чунин менависад: «Ибни Арабшоҳ дар даврони зиндагии худ он чиро шахсан дида ва ё аз дӯстони мувассақ шунидааст, бидуни муболиға ва газофа бо баёни ширину фасеҳ ба қалам оварда ва ба хилофи нависандагони чоплус ва муттазоҳири он замон, ки аз хони неъмати Темур ва фарзандонаш бархурдор будаанд ва ӯро муайид ба тайиди илоҳӣ ҷилва дода ва афъолу кирдорашро натиҷаи хостаҳои Худовандӣ шумурдаанд, вай ҳаводиси замон ва моҷароҳои даврони Темурро ба таври одӣ баён карда, воқеаҳои лашкаркашӣ, тадобири ҷангӣ, найрангҳо, паймоншиканиҳо, хунрезиҳо ва кушторҳои ваҳшиёнаи Темурро, ки ҳеҷ кас инкори он натавонистааст, он тавре ки буда, васф карда ва сифоти писандида, ҳуш, зиракӣ, матонат, баландназарӣ ва иҳотаи ӯро ба таърих ва сияри мулук низ чунонки дарёфта, нигошта ва аз онҳо шавоҳид ва достонҳои фаровон овардааст ва ҳатто дар нақли баъзе ахбор аз баъзе нуқот, ки итминони комил ба дурустии он надошта, ба раҳнамунии ҳисси амонат ва тақвои қалам, тардиди худро китмон накардааст».[2]

Б. Ғафуров, ки дар мавзӯи «Халқи тоҷик дар давраи Темур ва Темуриён» таҳқиқоти муҳиме анҷом додааст, аз рисолаи Ибни Арабшоҳ танҳо дар хусуси шӯриши Сарбадорони Самарқанд ёдовар шуда, бо такя ба ин манбаъ, мефармояд: «... пас аз барқарор гардидани ҳокимияти Темур низ ҳар бор, ки ӯ дуртар сафар кунад, аҳолии Самарқанд шӯриш

---

[1] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Ю. Якубовский- Москва: Груш, 1992.-С.8.
[2] Наҷотӣ М. А. Муқаддимаи мутарҷим / М.А. Наҷотӣ // Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. (Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур). Душанбе, ЭР-Граф - 2018. -С. 26.

мебардоштанд. Дар давоми ҳаждаҳ сол (1370-1388) аз ин қабил шӯру ошӯб нуҳ мартаба сар задааст».[1]

Муҳаққиқ Ҳ. Камол зимни таҳқиқоти худ оид ба масъалаи «Халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV»[2] аз ин рисола ба таври васеъ истифода бурда, бо такя ба он ва дигар манбаъҳо тамоми хунхориву фоҷиаҳои анҷомдодаи Темурро инъикос кардааст.[3] Ҳ. Камол ва А.Шарифзода дар мақолаи худ «Асрори дафни Темурланг»[4] дар хусуси марги Темур, ба Самарқанд овардани ҷасади ӯ ва макони дафнаш ба рисолаи Ибни Арабшоҳ таваҷҷуҳ карда, ахбори ӯро дар ин хусус барҳақ донистаанд. Аз ҷумла, мефармоянд: «Муҳимтар аз ҳама Ибни Арабшоҳ хабар медиҳад, ки баъди муддате ҷасади Темурро ба тобути филизӣ, ки пешаварони Шероз сохта буданд, гузошта, мадфун месозанд».[5]

Ҳ. Камол дар муқаддимаи асари «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ, ки он соли 2018 аз ҷониби Аҳмадхон Муродзода ба алифбои кириллӣ баргардонида шуд, қайд менамояд, ки ин рисола дар шинохти авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми садаи XIV ва ибтидои садаи XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон барои пажӯҳандагон ва алоқамандони таърих сарчашмаи арзишманд мебошад.[6] Муаррихи дигар Л. Бойматов дар асари худ «Сарбадорони Самарқанд» ҷиҳати омӯзиши масоили шӯриши Сарбадорони Самарқанд аз рисолаи «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» истифода карда, онро дар таҳқиқ ва баррасии шӯриши Сарбадарони Самарқанд муҳимтарин манбаъ

---

[1] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. / Ғ. Ғафуров - Душанбе: Ирфон.- 1983. Ҷ.1. -С.646.

[2] Камол Х. Таджикский народ во второи половини XIV-XV вв / Х. Камол // Истории таджикского народа. Том III. (Период развития феодального общества)- Душанбе: Дониш, 2013. - С. 422

[3] Камол Х. Таджикский народ во второи половини XIV-XV вв / Х. Камол // Истории таджикского народа. Том III. (Период развития феодального общества)- Душанбе: Дониш, 2013. -С.422-469

[4] Камол Ҳ., Шарифзода А. Асрори дафни Темурланг / Ҳ. Камол, А.Шарифзода // Фарҳанг, №3, 2004. -С.15-22

[5]Камол Ҳ., Шарифзода А. Асрори дафни Темурланг / Ҳ. Камол, А. Шарифзода // Фарҳанг, №3, 2004. -С.21.

[6] Камол Ҳ. Оинадори ҳаводиси аҳли хушунат ва бераҳмӣ / Ҳ. Камол // Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. (Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур). Мутарҷим Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ. Душанбе, ЭР-Граф - 2018. -С. 18.

ҳисобидааст.[1] Ӯ зимни омӯзиши масоили зикршуда манобеи таърихиро аз лиҳози муҳтаво ва афкору идеологияи муаллифон ба се гурӯҳ ҷудо намудааст, ки «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» ба гурӯҳи дуюм мансуб мебошад. Ба ақидаи Л. Бойматов «муаллифини онҳо, гироиши зиддият ва ё мухолиф бо шахсияти Темур ва дарбори ӯро доштанд. Намояндаи боризи ин гурӯҳ аз муаррихин Ибни Арабшоҳ мебошад»[2].

Қайд кардан ба маврид аст, ки на ҳама муҳаққиқон ба рисолаи «Аҷоибу-л-мақдуро фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ баҳои мусбӣ додаанд. Муҳаққиқи фаронсавӣ Лусин Бувот (1872-1942) дар таҳқиқоти худ «Таърихи муғул. Темуриён» ахбори Ибни Арабшоҳро ғаразнок дониста, мефармояд, ки «китобе пур аз кинаву нафрат ва муғризона, ки баёни ҳама дар он метавон шарҳу авсоф ва авзои Самарқанду зиндагии адибонаи нависандаро ёфт, ки дар воқеъ Темурро ба муҳокима кашидааст».[3] Аз таҳқиқоти Лусин Бувот бармеояд, ки ӯ бештар ба рисолаҳои «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ ва дигар асарҳои дар пайравии онҳо навишташуда такя карда, бехабар аз воқеияти таърихӣ таҳқиқоти худро сарсарӣ анҷом додааст. Ҳамзамон, олими ӯзбек Х. Бабакбаев ба монанди Л. Бувот дар мақолаи худ изҳор медорад, ки бисёр воқеаҳо дар «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» холисона ва беғаразона тасвир нашудаанд.[4] Ба ақидаи ӯ Ибни Арабшоҳ, ки ҳангоми ҳодисаҳои таърихии давраи Темур 12-15-сола буд, ба дурустии воқеаҳо сарфаҳм нарафта, ҳангоми навиштани ин рисола ба авзои сиёсиву иҷтимоӣ аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо дода, аз ҳад зиёд муболиға намудааст. Вай ба дурустии далоили ин рисола шак карда, сабабашро зикр наёфтан дар

[1] Бойматов Л. Сарбадорони Самарқанд / Л. Бойматов- Интишороти «GlobeEdit»-2019. - С.37.
[2] Бойматов Л. Сарбадорони Самарқанд / Л. Бойматов- Интишороти «GlobeEdit»-2019. С.-24.
[3] Лусин Бувот.Таърихи муғул.Темуриён. Тарҷумаи Муҳаммад Беҳфрӯзӣ. Чопи аввал. Теҳрон: Озодмеҳр.-1384 ҳ.-С.25
[4] Бабакбаев Х. Ибн Арабшах. История амира Темура / Х. Бабакбаев // http://www.vostlit.info/(Дата обращения: 14.08.2020. - 12:13)

дигар таърихномаҳои он давра арзёбӣ менамояд,[1] ки ба андешаи мо ин аз ҳақиқат дур аст. Зеро бештари рисолаҳое, ки дар хусуси таърихи Темур нигошта шудаанд, дар пайравӣ ба «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ иншо гардидаанд. Низомуддини Шомӣ, ки ба шахсияти Темур ва сиёсати пешгирифтаи ӯ аз назари идеологияи синфи ҳукумрон баҳо додааст, дигар таърихнависон низ ба ӯ пайравӣ намуда, дар хусуси шахсият ва сиёсати пешгирифтаи ӯ аз воқеияти таърихӣ дур афтоданд.

Ҳақиқат ин аст, ки пас аз соли 1991 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мақолаву китобҳои алоҳида дар бораи Темур ба нашр расид. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов таҷлили ҷашни 660-солагии амир Темур дар соли 1996 аз ҷониби ЮНЕСКО пазируфта шуд. Ба ин муносибат дар шаҳри Тошканд муҷассама ва осорхонаи нави амир Темур ифтитоҳ ёфта, конфронси байналмилалӣ-илмӣ баргузор гардид ва дар бораи Темур як қатор китобу мақолаҳо ба табъ расид. Х. Бабакбаев низ зери ҳамин сиёсати пешгирифтаи давлати худ ахбори Ибни Арабшоҳро, ки ҳама хунхориву ғоратгариҳои Темурро ошкор кардааст, ғайривоқеӣ донистааст.

Ибни Арабшоҳ аввалин таърихнависест, ки дар рисолаи худ таърихи Темур ва сиёсати пешгирифтаи ӯро аз нуқтаи назари мардум баҳо додааст. Сабабҳои офаридаи Бабакбаев дар хусуси ғайривоқеӣ тасвир ёфтани воқеаҳо дар асари Ибни Арабшоҳ комилан беасос мебошад.

Як зумра муҳаққиқони дигар, ба монанди Б. Ахмедов,[2] Ғ. Ғоибов,[3] Г.Н. Турсунова, [4]М. Каримов,[5] асари «Таърихи Эрон давраи Темуриён»,[1]

---

[1]Бабакбаев Х. Ибн Арабшах. История амира Темура / Х. Бабакбаев // http://www.vostlit.info/(Дата обращения: 14.08.2020. - 12:13).

[2] Ахмедов Б. Государство кочевых узбеков / Б. Ахмедов - Москва. Издательство «Наука». 1965. –С.109-148.

[3] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз / Ғ. Ғоибов- Душанбе: Дониш-2006.-С.286-320.

[4] Турсунова Г.Н. Амир Темур. Основаные этапы деятельности (1360-1405гг) /Г.Н. Турсунова –Х уҷанд: Хуросон - 2006. – 200 с.

[5] Каримов М.М. Из истории международных связей и дипломатии Центральной Азии во второй половине XIV - начале XVI вв. автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. / Каримов М.М - Худжанд-2009.-27 с.

А. Мелехин,[2] муҳаққиқони ӯзбек Э. К. Арифҷанов,[3] А. Одилов[4] ва дигарон дар таҳқиқоти худ зимни омӯзиш ва баррасии ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон аз ин рисола истифода намудаанд.

Муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ, ба монанди А. Аскаров,[5] Жан Пол Ру[6] асарҳои дастаҷамъии «История армянского народа»[7] «История Афганистана с древнейших времен до наших дней»[8], Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ,[9] С.А. Абраров,[10] ки ба масъалаҳои гуногуни таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV даст заданд, аз рисолаи «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» истифода накарданд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо рисолаҳои «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ ба теври кофӣ омӯхта нашуда, ҷиҳати омӯзиши масоили таърихии нимаи дуюми асри XIV–ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон манбаҳои арзишманди таърихӣ мебошанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои

---

[1] Таърихи Эрон давраи Темуриён. Пажуҳиш аз Донишгоҳи Кембриҷ. Тарҷумаи доктор Яъқуб Ожанд. Теҳрон, 1379.- 440 с.
[2] Мелехин А. В. Тамерлан / А. В. Мелехин — «Издательство АСТ», 2018 — (Библиотека военной и исторической литературы).
[3] Арифҷанов Э. К. История Узбекистана / Э.К.Арифҷонов, Ш. К. Алимов, А. В. Нарбеков, К. Б. Кадыров –Ташкент. Академия МВД Республики Узбекистан, 2012.-273 стр.
[4] Одилов А. Амир Темур тузукларӣ – давлат бошқаруви асоси / А. Одилов. –Т. fan va texnologya: 2016.-180 бет.
[5] Аскаров А. История происхождения узбекского народа / А. Аскаров-Ташкент: Узбекистан. 2018. -664 стр .
[6] Ру Жан- Поль. История Ирана и иранцев. От истоков до наших дней // Жан Пол Ру-Санкт-Петербург. 2015.- 432 с.
[7] История армянского народа. С древнейших времён до наших дней. Ереван,-1980. 460 с.
[8] История Афганистана с древнейших времен до наших дней. Москва: Мысл. 1982.-368с
[9] Амиршоҳӣ Н. Темур –дуввумин чеҳраи хунрези таърих/ Н. Амиршоҳӣ// Фарҳанг №1. 2004. –С.11-23.
[10]Абраров С.А. История Узбекнстана // С.А. Абраров-ТашГТУ, 2007. - 148 с.

2016–2020 дар мавзӯи «Таърихи робитаҳои мутақобил миёни аҳолии муқимӣ ва кӯчии Осиёи Миёна дар асрҳои миёна ва давраи нав (сиёсат, иқтисод, фарҳанг)» ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муаллиф дар асоси муқоисаи сарчашмаҳои таърихии «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» –и Ибни Арабшоҳ ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV –и Мовароуннаҳру Хуросонро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, дурустии инъикоси воқеаҳоро дар рисолаҳои зикршуда мушаххас ва ҷойгоҳи онҳоро дар байни дигар сарчашмаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV муайян карда, маълумотҳои тоза дарёфтшударо ба доираҳои илмӣ ворид намояд.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи рисола иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

-дар асоси «Зафарнома» ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» ва дигар осори таърихӣ ва илмӣ муайян намудани зиндагиномаи Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ;

-таҳлили сохтор ва муайян намудани муҳтавои бобҳои таърихии «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ;

-таҳлили муқоисавии ахбори Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ оид ба авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV;

-бардоштҳо аз лашкаркашиҳои Темур дар «Зафарнома» ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»;

-муайян намудани хусусиятҳои фарқкунандаи тасвири воқеаҳои таърихӣ дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ;

-мушаххас намудани тафовутҳои тасвири шахсияти Темур аз ҷониби Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ ва дигар таърихнависони нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV.

**Объекти таҳқиқот** рисолаҳои «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ мебошанд, ки ахбори таърихии онҳо дар қиёс бо ҳамдигар ва дигар манобеи таърихии он замон баррасӣ мегарданд.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот** маълумотҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV–и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ ва муқоисаи татбиқии онҳо.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)** нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV –и Мовароуннаҳру Хуросонро фаро мегирад. Аммо бо сабаби вобастагии мавзӯъ ба ҳодисаҳои пештаррухдода муаллиф ба замони таваллуди Темур (1336) ишора намудааст. Таҳқиқоти мазкур фарогири 69 соли нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV мебошад, ки онро метавон ба чунин давраҳо ҷудо кард:

1. Давраи то ба майдони сиёсӣ ворид шудани Темур (1336-1361).
2. Давраи ба майдони сиёсӣ ва ба сари ҳокимият омадани Темур (1361-1370).
3. Лашкаркашиҳои Темур ба кишварҳои бегона ва фоҷиаҳои анҷомдодаи ӯ (1372-1404).

**Асосҳои назариявӣ – методологии таҳқиқот.** Барои анҷоми таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз усулҳои муҳими таҳқиқотӣ, аз ҷумла аз усули объективияти илмӣ – ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илмҳои муосири таърихӣ ва таърихнигорӣ кор гирифтааст.

Ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмӯи усулҳое, чун муқоисавӣ–таърихӣ, назариявӣ-муқоисавӣ, таърихияти илмӣ, масъалагузорӣ –солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ қарор ёфтаанд.

Дар асоси усули муқоисавӣ–таърихӣ масоили таърихӣ дар рисолаи «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ бо «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ, хусусиятҳо ва сабки баёни рисолаҳо ва ғайраҳо анҷом дода шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ – солномавӣ ҳудудҳои таҳқиқи масоили мазкур муайян шуда, равандҳои сиёсии якдигарро ивазкунанда, ки таърихи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросонро дар нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV фаро гирифтанд, таҳқиқ гардидаанд.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Муҳимтарин манбаъҳои таърихӣ «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ мебошанд. Муаллифи «Зафарнома» Низомуддини Шомӣ зимни ҳуҷуми Темур ба Бағдод дар соли 1401 аз ҷониби Темур ҷиҳати навиштани таърихи салтанаташ даъват шуда, дар рикоби Темур қарор гирифта, то соли 1404 «Зафарнома»-ро ба анҷом мерасонад.

Муаллиф дар таълифи рисола қисме аз ҳодисаҳоро аз натиҷаи мушоҳидоти шахсии худ ва қисми дигарро аз ҳуҷҷатҳои расмии дарбори Темур ва дигар таърихнависони дарбори ӯ, ки пеш аз ӯ ба навиштани таърихи Темур машғул буданд, дастрас намуда, истифода бурдааст.

Ин рисола соли 2019 аз ҷониби Аҳмадхон Муродзода ба хатти кириллӣ баргардонида шуд.[1]

«Аҷоибу-л мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ низ манобеи дасти аввал дар нигориши таърихи давлатдории Темур ба ҳисоб меравад. Муаллифи он Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ буда, бештар бо тахаллуси Ибни Арабшоҳ маъруф аст. Ӯ соли 791 ҳиҷрӣ- қамарӣ, мувофиқ ба соли 1388 дар шаҳри Димишқ таваллуд шуда, соли 1400 -1401 мелодӣ ҳангоми ҳуҷуми Темур дар шумори асирон аз Шом ба Самарканд кӯчонида мешавад. Ибни Арабшоҳ дар ин рисола воқеаҳои таърихиро аз таваллуди Темур оғоз карда, то соли 1449 инъикос менамояд. Аҳамияти рисола дар он

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Баргардонанда Аҳмадхон Муродзода. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. -488 саҳ.

аст, ки муаллиф шоҳиди зиндаи қисме аз воқеаҳо буда, қисми дигари онро аз нақлу ривоятҳои шахсони боэътимодаш нигоштааст. Ин асар аз нахустин рисолаҳоест, ки дар он таърихи Темур аз нуқтаи назари интиқодӣ инъикос меёбад.

Ҷиҳати баррасии масоили инъикоси воқеаҳо дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ ҳодисаҳои давраи таҳқиқшаванда бо дигар сарчашмаҳои таърихӣ низ мавриди муқоиса қарор гирифтанд. Рисолаҳои «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ,[1] «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ,[2] «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд,[3] «Ҳабибу-с-сияр»-и Хондамир,[4] «Таърихи Рашидӣ»-и Мирзо Ҳайдар,[5]«Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура»-и Руи Гонсалес де Клавихо[6] аз пойгоҳи дигари сарчашмашиносии таҳқиқот ба ҳисоб меравand.

«Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ аз аввалин рисолаҳоест, ки таърихи лашкаркашии Темурро ба Ҳиндустон инъикос менамояд. Муаллифи он Ғиёсуддини Алӣ аз таърихнависони форсу тоҷик буда, зимни ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон ӯро ҳамроҳӣ мекард. Гарчанде ҳангоми мутолиаи рисолаи ӯ таваҷҷуҳи муаллиф ба Темур эҳсос шавад ҳам, аммо ӯ тавонистааст воқеаҳои таърихиро тасвир намояд. Дигар таърихнависон, ки ба навиштани таърихи Темур машғул шуданд, ба монанди Низомуддини Шомӣ аз ин рисола фаровон истифода кардаанд.

---

[1]Ғиёсиддин Алӣ. Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон. Петроград. Типография Императорской академии наук. 1915.- 231 саҳ.

[2] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Предисловие. Перевод со староузбекского, комментарии, указатели и карта доктора истарических наук. Профессора Ашрафа Ахмедова. Ташкент, издателского журнала «SAN`AT», 2008. - 486 с.

[3] Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон, 1366 ҳ.ш.

[4] Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. Теҳрон, 1271. Ҷузви 1. Ҷилди 3.

[5] Мирзо Ҳайдар. Таърихи Рашидӣ. Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, №475.

[6] Руи Гонсалес де Клавихо. Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403—1406) . Перевод со староиспанского. Москва. Наука.1990.-С.105.

Асари мазкур бори нахуст соли 1915 бо забони русӣ тарҷума ва дар Петроград ба нашр расид.[1]

«Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403-1406)»-и Руи Гонсалес де Клавихо сарчашмаи арзишманди таърихиест, ки воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросонро инъикос менамояд.

Шоҳи Кастилия ва Леон – Генрихи III де Трастамар (1390-1407) баъд аз он ки аз ҳайати сафорати Темур пазирой кард, бо истифода аз фурсати муносиб сафорати худро ба Самарқанд дар ҳайати Руи Гонсалеса де Клавихо, Фра Алфонсо Паэса де Санта Мария ва Гомеса де Саласара мефиристад. Ҳайати зикршуда 21 майи соли 1403 аз бандари Марияи Муқаддас сафар карда, 8 сентябри соли 1404 вориди Самарқанд шуда, то 21 ноябри 1404 дар Самарқанд иқомат карда, 21 ноябри соли 1404 ҳайати сафорат Самарқандро тарк гуфт. Руи Гонсалеса де Клавихо дидаву шунидаҳояшро аз ин сафар дар рисолааш сабт кардааст.

«Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ (ваф.1452-54) манбаи муҳими таърихии асрҳои XIV-XV ва дар байни дигар рисолаҳо бузургтарин таърихномаи футуҳоти Темур ва ҷонишинони баъдии ӯ ба ҳисоб меравад. Муаллифи ин рисола аз зумраи шоирон, базлагӯён ва донишмандони замони худ буда, дар дарбори ҷонишинони Темур хидмат кардааст. Ӯ зимни инъикоси воқеаҳо дар асараш «Зафарнома» аз «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Ҷомеъ-ут-таворих» истифода бурдааст.

«Равзату-с-сафо»-и Мирхонд низ ҷиҳати омӯзиши ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV манбаи муҳими таърихӣ дониста мешавад. Муаллифи он Мирхонд ибни Ховандшоҳ ибни Муҳаммад (1433-1498) дар дарбори султон Ҳусайни Бойқаро хидмат намудааст. Ӯ дар рисолаи худ ҳодисаҳои таърихиро аз пайдоиши одам то замони худ инъикос намудааст. Ҷилди шашуми ин асар ба ҳаводиси

---

[1]Ғиёсиддин Алӣ. Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон. Петроград. Типография Императорской академии наук. 1915. - 231 саҳ.

таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV бахшида шудааст, ки дар таълифи ин бахш муаллиф аз «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ ва дигар рисолаҳои таърихӣ истифода намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираҳои илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба таҳлили муқоисавии воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV–и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ бахшида шудааст. Навовариҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин дар нуқоти зерин баён мегардад:

- дар асоси маълумоти рисолаҳои «Зафарнома» ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» зиндагиномаи Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ баён шуданд;

- сохтор ва муҳтавои бобҳои «Зафарнома» ва «Аҷоибу-л-мақдру фи ахбори Темур» муайян гардиданд;

-ахбори Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ оид ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор ёфтанд;

-лашкаркашиҳои Темур аз рӯйи ахбори «Зафарнома» ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» баррасӣ гардиданд;

-хусусиятҳои фарққунандаи тасвири воқеаҳои таърихӣ дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ муайян шуданд;

-тафовутҳои тасвири шахсияти Темур аз ҷониби Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ ва дигар таърихнависони нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV мушаххас гардиданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- рисолаи «Зафарнома» аз аввалин рисолаҳоест, ки таърихи Темур, лашкаркашиҳо ва бузургтарин фоҷиаҳои анҷомдодаи ӯро инъикос намудааст. Дигар таърихнависони асрҳои баъдӣ дар нигориши таърихи Темур аз ин рисола истифода намуданд. Бинобар ин, «Зафарнома»-и

Низомуддини Шомӣ ҷиҳати омӯзиши ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV аз манбаъҳои муҳим ба ҳисоб меравад;

- «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» аз аввалин рисолаҳоест, ки таърихи Темурро аз нуқтаи назари интиқодӣ инъикос менамояд. Фарқияти ҷиддии ин рисола аз дигар рисолаҳо дар он аст, ки муаллифи он ба ҳаводиси замон баръакси дигар таърихнависон ба андешаи боз менигарад;

- воқеаҳои таърихӣ аз соли 1360 то соли 1372 дар «Зафарнома» нисбат ба «Аҷоибу-л –мақдур фи ахбори Темур» пурра тасвир ёфтааст;

-лашкаркашии Темур ба Хоразм дар «Зафарнома» муфассал бо зикри солҳо ва дар «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» ба таври умумӣ ва бе зикри солҳо тасвир ёфтааст;

-лашкаркашиҳо ва фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур аз соли 1401 то соли 1404 дар «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ нисбат ба ахбори Низомуддини Шомӣ ва дигар манбаъҳои хаттӣ пурра ва ба ҳақиқат наздик инъикос шудааст.

-дар баёни сиёсати Темур Ибни Арабшоҳ бештар ҷониби ҳақиқатро риоя кардааст;

-хусусиятҳои асосии фарққунандаи рисолаҳои «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ дар услуби баён, фарогири воқеаҳо ва баҳо додан ба онҳо аз ҷониби муаллифон зоҳир мегардад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқот метавонанд таърихи халқи тоҷикро дар нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон пурра намуда, дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон оид ба инъикоси ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон маълумоти иловагӣ пешниҳод намоянд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV, таълифи монографияҳо, ҳангоми

гузаронидани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик» ва «Таърихи асрҳои миёна» истифода намуд.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли баъзе масъалаҳои илмии ҳодисаҳои таърихии асрҳои дарназардошташуда муфиданд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи исхтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисосҳои 6D020300-Таърих, ихтисоси 6D020303- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар коркарди илмӣ ва таҳлили муқоисавии ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV дар «Зафарнома» ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» ва дигар манбаъҳои хаттӣ дар баёни сабабҳои мураккаби авзои сиёсии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XIV, сабабҳои ба сари ҳокимият омадани Темур ва лашкаркашиҳои ӯ ба кишварҳои дигар ва муайян намудани дараҷаи тасвири воқеаҳо дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ зоҳир мегардад.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи №

8, аз 7 декабри соли 2021) ва ҷаласаи Шӯрои олимони Инстиути таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Протоколи №4, аз 29 апрели соли 2022) муҳокима ва баррасӣ гардида, барои ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда (142 номгӯ) иборат буда, дар ҳаҷми 171 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардидааст.

# БОБИ 1. «ЗАФАРНОМА»-И НИЗОМУДДИНИ ШОМӢ ВА «АҶОИБУ-Л-МАҚДУР ФИ АХБОРИ ТЕМУР»-И ИБНИ АРАБШОҲ МАЪХАЗҲОИ МУҲИМИ ТАЪРИХИИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА ИБТИДОИ АСРИ XV

## 1.1 Ахбори шарҳиҳолӣ дар бораи Низомуддини Шомӣ ва тавсифи нусхаҳои хаттӣ, сохтор ва муҳтавои «Зафарнома»

Мавлоно Низомуддин Абдулвосеи Шомӣ –муаллифи «Зафарнома» аз зумраи донишмандон ва таърихнависони нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV буда, дар Шанаби Ғозони Табрез ба дунё омадааст. [1]

Соли 1393 ҳангоми ҳуҷуми Темур ба Бағдод Низомуддини Шомӣ дар ин шаҳр иқомат доштааст. Тавре аз асари ӯ «Зафарнома» бармеояд, вай нахустин шуда аз аҳолии шаҳр ба дидорбинии Темур меравад: «Ва дар он вақт ин банда дар Бағдод сокин будам ва аввал касе аз суккони он шаҳр, ки ба бисотбӯс расиданд, ин банда буд».[2] Ӯ то ин муддат дар дарбори султон Аҳмад- ҳокими Бағдод хидмат мекард.

Низомуддини Шомӣ соли 804 ҳ.қ. (1401) зимни лашкаркашии дубораи Темур ба Бағдод аз ҷониби ӯ ҷиҳати навиштани таърихи салтанаташ ба кор ҷалб шуд ва то соли 1404 дар рикоби Темур ба навиштани таърихи ӯ– «Зафарнома» машғул гардида, баъди ба анҷом расонидани он бо иҷозати Темур ба Табрез баргашт ва соли 1431 дар он ҷо аз дунё чашм пӯшид.[3]

Оид ба паҳлуҳои дигари ҳаёти ӯ, аз ҷумла соли таваллуд, овони ҷавонӣ, таълиму тадрис, вазъи оилавӣ, касбу кор то ҳанӯз маълумот дастрас нест. Оид ба осори ӯ бошад, донишманди эронӣ Паноҳӣ Саҳнонӣ дар муқаддимаи «Зафарнома» менависад, ки «Бинобар таҳқиқоти Алиасғар Ҳикмат Низомуддини Шомӣ ду китоби дигар тасниф кардааст, ки иборатанд аз:

---

[1] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Якубовский-Москва: Груш-1992. –С.3.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 218.
[3] Камол Ҳ. Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и ӯ/ Ҳ. Камол // Низомуддини Шомӣ Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. -С. 9.

-«Риёзу-л–мулук фи риёзоту –л –сулук». Ин китоб, ки ба номи султон Увайс таълиф ёфта, иншои пуртакаллуф ва печида дорад;

-Талхис аз китоби «Булуҳар ва Биёзосиф»[1], ки ба номи Султон Аҳмад Баҳодурхон мувашшаҳ шудааст».[2] Мутаассифона, ин рисолаҳо то замони мо нарасидаанд.

Асари маъруфи Низомуддини Шомӣ «Зафарнома» аст, ки тавре зикр шуд, ин рисола ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон, хусусан таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур ва лашкаркашиҳои ӯро фаро мегирад. Бо сабаби ҳамзамони ҳодисаҳои таърихии давраи зикршуда будани муаллиф асари ӯ оид ба ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон манбаи дасти аввал ҳисобида мешавад.

Нусхаи аслии «Зафарнома» дар куҷо маҳфуз аст, ба мо маълумот дастрас нест. Аммо мувофиқи таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқи фаронсавӣ Лусин Бувот як нусхаи дастии ин рисола дар Осорхонаи Лондон нигаҳдорӣ мешавад. [3] Зафарнома нахустин маротиба соли 1937 бо сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Филекс Тауэр дар Бейрут ва соли 1956 дар Прага нашр шудааст. Нусхаи нашри соли 1956 (нашри Прага) дар шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири Китобхонаи миллии Тоҷикистон, таҳти №16320 маҳфуз аст. Нусхаи соли 1937, яъне нашри Бейрут соли 2019 дар Тоҷикистон аз ҷониби Аҳмадхон Муродзода ба хатти кириллӣ баргардонида шуд. Ин нусха дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва дар Китобхонаи ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад. Мо зимни таҳқиқот аз нусхаи соли 1937, нусхаи нашри Интишороти Бомдод дар соли 1363 ҳ.қ. бо муқаддима ва

---

[1] Китоби «Булуҳар ва Биёзосиф» китоби қадимаи ҳиндиест, ки саргузашти Будоро инъикос мекунад. Ин китоб дар давраи ҳукмронии Хусрави Парвизи Сосонӣ (531-579) ба забони паҳлавӣ баргардонида шуд, аммо ин нусха то замони мо боқӣ намондааст.
[2] Паноҳӣ Саҳнонӣ. Муқаддимаи «Зафарномаи темурӣ» / П. Саҳнонӣ // Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Чопи аввал. Интишороти Бомдод. 1363 . -С. 8.
[3] Лусин Бувот. Таърихи муғул. «Темуриён». Тарҷумаи Муҳаммад Беҳфрӯзӣ .Чопи аввал. Теҳрон: Озодмеҳр.-1384 ҳ.-С.24

кӯшиши Паноҳӣ Саҳнонӣ ва нусхаи нашри Душанбе- 2019 - ба хатти кириллӣ баргардонидаи А. Муродзода истифода намудем.

«Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ аз муқаддима ва 109 гуфтор иборат аст. Дар муқаддима асосан сабаби таълифи асар ва аҳамияти он инъикос ёфтааст. Мувофиқи навиштаи Низомуддини Шомӣ сабаби таълифи «Зафарнома» хоҳиш ва ё дастури Темур мебошад, ки дар ин бора худи муаллиф мефармояд: «Аммо баъд, сабаби таҳрири ин китоб он аст, ки дар санаи арбаъа ва самонумия (804 ҳ.қ.-1401-1402) бандагии ҳазрати амири соҳибқирон … ба эҳзори бандагии камина Низоми Шомӣ мисол дод ва чун ба шарафи бисотбӯс муфтахир гаштам, баъд аз тақдими маросими навозишу икром ва тамҳиду вазоифи лутфу инъом дар мақоми тарбияту бандапарварӣ ишорати олӣ нифоз ёфт, то таърихе, ки ҷиҳати он ҳазрат ва содироти афъоли эшон ба мабдаи зуҳури ин давлати абадпайванд ило явмино навиштаанд ва тартиби камоянбағӣ ба тақдим нарасида, ин банда ба танқеҳу тартиб ва тансиқу табвиби он машғул гардад. Аммо ба шарте ки аз ҳуляи такаллуф ва пирояи тасаллуф масуну маҳрус бошад ва аз шеваи суханоройӣ ва нақшперойӣ муҳайё ва маҳфуз монад»[1].

Низомуддини Шомӣ аввалин таърихнависи дарбори Темур нест, балки пеш аз ӯ таърихнависон, ба монанди Ғиёсуддин Алӣ ба навиштани таърихи ҳукумати Темур машғул буданд. Аммо рисола ва ё сабку услуби таълифи он ба Темур писанд наомад. Аз ин сабаб Темур ин вазифаро ба Низомуддини Шомӣ вогузор кард. Дар ин бора суоле пеш меояд, ки чаро Темур ҷиҳати иншои таърихи салтанаташ маҳз Низомуддини Шомиро интихоб кард? Дар дарбори ӯ таърихнависони моҳир ва шахсони донишманд кам набуданд. Оид ба ин масъала аз ҷониби Низомуддини Шомӣ ва дигар муаррихони давраи ӯ ишора нашуда бошад ҳам, метавон тахмин кард, ки Темур ҳангоми вохӯрӣ бо Низомуддини Шомӣ дар Бағдод дар ду дафъа аз дониш ва истеъдоди суханофарии ӯ воқиф гашт ва ё ба

---

[1]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Бо сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Феликс Тауер. Бейрут. 1937. -С.10-11.

асарҳои офаридаи Шомӣ, ки зикрашон кардем, пешакӣ ошноӣ пайдо карда, сабку услуби таълифи онҳо ба ӯ писанд омада буд.

Низомуддини Шомӣ тибқи фармудаи Темур асарро бо забони форсӣ ва калимаву иборaҳои равону содафаҳм таълиф намуд,[1] вале дар он баъзан калимаҳои бегона ва мушкилфаҳмро низ вохӯрдан мумкин аст. Дар ҳамин росто муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Камол бамаврид қайд менамояд: «Дар воқеияти амр дар муқоиса ба дигар рисолаҳое, ки дар ин замина навишта шудаанд, «Зафарнома»-и Шомӣ бо эътибори содагию равонӣ ва насри зебо мутамоиз аст. Аммо истифодаи вожаҳои туркию муғулӣ гоҳу гузаре дарки матлабро барои хонанда низ мушкил мекунад».[2] Шояд калимоту ибороти арабӣ ва туркию муғулӣ, ки баъзан дарки матлабро дар «Зафарнома» мушкил менамоянд, дар он давра оммафаҳм буда, бо мурури замон аз забони гуфтугӯии форсӣ-тоҷикӣ хориҷ шудаанд, ки имрӯз барои омма нофаҳмо мебошанд. Масалан, сунуф, мадоеъ, лоҷарам (арабӣ); яйлоқ, ҷулко, уғлон, дуқуз, рухут, уғруқ, тӯра, ёсоқ, ҷованғор, барованғор, эл ва ғайраҳо, ки дар забони муосири тоҷик қариб истифода намешаванд.

Рисолаи «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ аҳамияти муҳими таърихӣ дорад. Дар ин хусус худи муаллиф дар муқаддимаи асараш мефармояд: «Ва таърихи сайъҳои ҷамилу кӯшишҳои писандида ва раъйҳои соқибу тадбирҳои соиби он ҳазрат дар ӯ баён кардам, то ин китоби салотини олам ва уқалои бани одам ба тахсиси фарзандони ҳумоюн ва уруғи маймуни ӯро дар умури маоши дунявӣ, фунуни қавоиди подшоҳӣ, рӯзномачаи саодат, сардафтари давлат, устоди роҳнамо ва ҳамдами дилкушо бошад. Ва дар кушудани мамолик ва паймудани масолик ва тасхири билоду тарфеҳи ибод ва танқиси маоқиди дину давлат ва тамҳиди қавоиди мулку миллат иқтидо бад-он кунанд. Ва қавлу феъли он ҳазратро муршиди рӯзгор ва мудаббири кору бори худ донанд…Умеди восиқ ва раҷои содиқ аст, ки фавоиди ин китоб бар рӯйи рӯзгор саҳоифи лайлу

---

[1] Якубовский А. Тамерлан.Эпоха, личность, деяния / А. Якубовский-Москва: Груш-1992. –С.3-4.

[2]Камол Ҳ. Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и ӯ / Ҳ. Камол// Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. - Душанбе: ЭР-Граф, 2019. -С. 10.

наҳор боқӣ монад. Ва то ҷаҳон бошад, зикри ҳазрат бар сафаҳоти рӯзу шаб мусаббат гардад. Ва чун овозаи маҳобат ва зикри салобати ӯ ба машорику мағориби олам расад».[1]

Тавре зикр шуд, «Зафарнома» аз 109 гуфтор иборат аст, ки онро шартан (вобаста ба воқеаҳои таърихӣ) метавон ба чунин бобҳо ҷудо намуд:

Боби 1. Ба майдони сиёсӣ ворид шудани Темур. Дар ин қисмат зикри подшоҳони чингизӣ, хусусан подшоҳоне, ки дар улуси Чағатой ҳукмронӣ кардаанд; мунокишаҳои байнихудии ҳокимони маҳаллӣ, ҳуҷуми Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр, роҳ ёфтани Темур ба сиёсат ва таъйин гаштани ӯ аз ҷониби Туғлуқтемур ба мансаби ҳокими шаҳри Кеш тасвир ёфтаанд.[2]

Боби 2. Ба ҷониби амир Ҳусайн гузаштани Темур. Ин боб воқеаҳои ҳуҷуми Туғулуқтемурро бори дувум ба Мовароуннаҳр, ба мансаби ҳокими Мовароуннаҳр мавсум намудани Илёсхоҷа, ба ҷониби ҳокими Балх амир Ҳусайн гузаштани Темур ва ба муқобили дигар ҳокимони маҳаллӣ мубориза бурдани онҳо; захм бардоштани Темур аз дасташ дар Систон ва муборизаи ӯ ва Ҳусайнро ба муқобили Илёсхоҷа фаро мегирад.[3]

Боби 3. Мусаххар кардани Самарқанд аз ҷониби Ҳусайн ва Темур ва мухолифати онҳо. Шӯриши сарбадорони Самарқанд, забти Самарқанд аз ҷониби Ҳусайн ва Темур, ба қатл расонидани шӯришгарон, мухолифати Темур бо Ҳусайн, ҷанги байни онҳо, инчунин сулҳ бастани Ҳусайн ва Темур аз мавзӯоти асосии ин боб мебошанд.[4]

Боби 4. Ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр омадани Темур. Дар ин қисмат дигар муборизаҳои Темур бо Ҳусайн, ба подшоҳӣ нишондани Суюрғотмишхон, ҳуҷуми Темур ба Балх ва ба қатл расонидани Ҳусайн аз ҷониби ӯ инъикос ёфтаанд.[5]

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.- С.29.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.- С.30-38.
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.- С.38-58
[4] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.- С.58-93
[5] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.- С.93-102

Боби 5. Ҳуҷуми Темур ба Хоразм. Дар ин боб лашкаркашиҳои Темур ба Хоразм дар чаҳор навбат, сабабҳои ҳуҷуми ӯ ба ин сарзамин, натиҷаҳои ҳуҷумҳо, ба ҳалокат расидани ҳокими Хоразм Ҳусайн Сӯфӣ ва ба ҷойи ӯ таъйин шудани Юсуф Сӯфӣ; хостгорӣ намудани Темур Хондзодаро ба писараш Ҷаҳонгир, ба харобазор табдил додани Урганҷ, ҳамзамон ҳуҷумҳои Темур ба ҷониби подшоҳи муғул Қамариддин ва Урусхон зикр шудаанд.[1]

Боби 6. Тасарруфи шаҳрҳои Хуросон аз ҷониби Темур. Сабабҳои таваҷҷуҳи Темур ба Хуросон дар соли 782(1380-1381), ишғоли шаҳри Пушанг, ҳаракати Темур ба ҷониби ҳокими Ҳирот Ғиёсуддин, тасхири Ҳирот, забти шаҳрҳои Сабзавор, Нисой, Калот, Исфароин, дигар шаҳрҳои Хуросон ва қатлу куштори мардуми бешумор ва ба Самарқанд баргаштани Темур таркиби ин бобро ташкил медиҳанд.[2]

Боби 7. Хароб гаштани Систон. Ҳуҷуми Темур ба Систон ва ба харобазор табдил додани он, қатли мардуми бешумор ва ба Самарқанд кӯчонидани боқимондаи раият, хароб кардани қалъаи Мамуқту, қалъаи Сурх ва Қандаҳор, инчунин ба ғорат бурдани амволи мардум ва сохтани манораҳо аз сари одамон дар ин боб инъикос гардидаанд.[3]

Боби 8. Ишғоли шаҳрҳои Рай, Султония ва Табрез. Дар ин боб муборизоти Темур ба амир Валӣ ва шикаст додани ӯ, таваҷҷуҳи Темур ба Рай, ҳуҷум намудан ба Султония ва фирор кардани ҳокими он султон Аҳмад ба Бағдод, ғасби Табрез ва ба Самарқанд баргаштани Темур тасвир ёфтааст.[4]

Боби 9. Муборизаи Темур бо Туқтамиш ва ишғоли дигар шаҳру навоҳӣ дар вилояти Форс. Ҳуҷуми Туқтамиш ба Табрез, аз ин вазъият хабардор шудани Темур ва дар соли 1386 ба ҷониби Табрез ҳаракат кардани ӯ, ишғоли қалъаҳои Курум, Қарс, шаҳри Тифлис, вилояти Қийтоғ, қалъаи Сурх ва ҳуҷуми Туқтамиш ба Темур дар Қарабоғ, сулҳ бастани

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.107-131, 171.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.131-139.
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.147-151
[4] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.151-155

онҳо; истилои қалъаи Аланчиқ ва вайрон кардани он, шаҳру қалъаҳои Ойдин, Авниқ, Арзирум, Арзинҷон, вилояти Курдистон, Исфаҳон, инчунин даст ба ғорат бурдани лашкариёни Темур дар ин шаҳрҳо, хароб намудани онҳо, қатли мардуми бегуноҳ ва сохтани каламанораҳо дар Исфаҳон мавзӯоти асосии ин бобро фаро мегирад.[1]

Боби 10. Ҳуҷуми Темур ба Дашти Қипчоқ ва муҳорибаҳои Темур бо Туқтамиш. Лашкаркашии Туқтамиш ба ҷониби Темур ва шикаст хӯрдани ӯ дар назди Хуҷанд, хуҷуми Темур ба Дашти Қипчоқ дар соли 793/ 1391 ишғоли шаҳру навоҳии он, инчунин дигар муҳорибаҳои Темур бо Туқтамиш ва ҳокимони Дашти Қипчоқ, тасвири раванди воқеаҳо ва ғорат кардани чандин шаҳру навоҳии он дар ин фасл зикр шудаанд. [2]

Боби 11. Таваҷҷуҳи Темур ба Форсу Ироқ. Дар ин боб аз Самарқанд ба ҷониби Мозандарон ҳаракат кардани Темур дар соли 1392, ҳуҷуми ӯ ба Шероз ва ба қатл расонидани Шоҳмансур, тасхири Бағдод, шаҳру қалъаҳои Тикрит, Басра, Мордин, Авниқ, вилояти Гурҷистон ва ҷузъиёти ин воқеаҳо қайд гардидаанд.[3]

Боби 12. Бинои Боғ дар Самарқанд. Дар соли 899 ҳ.қ. дар Самарқанд бо истифода аз ҳунару маҳорати устоҳои моҳир бино намудани боғ ва кушк, тавсифи он ва ба истироҳат машғул шудани Темур дар ин боб инъикос шудааст.[4]

Боби 13. Лашкаркашии Темур ба Ҳиндустон. Дар ин боб сабабҳои лашкаркашии Темур ба Ҳинд, ишғоли шаҳру қалъаҳои он, аз ҷумла Катур, Эрёб, Батнир, Деҳлӣ, Мирт, соҳилҳои дарёи Ганг, кӯҳи Суолик, кӯҳи Купла, Ҷаму, Лоҳур, Кашмир ва дигар шаҳру навоҳӣ; фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур дар он шаҳрҳо, ба мисли қатли 10 ҳазор нафар дар Батнир, 100 ҳазор нафар асир дар Деҳлӣ ва ғорат намудани молу амволи мардуми шаҳру навоҳии зикршуда аз ҷониби Темур тасвир ёфтаанд.[5]

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.155-167
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.177-196, 250
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 198-258.
[4] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 259-260.
[5] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 263-318

Боби 14. Ба Самарқанд баргаштани Темур. Масоили аз Ҳиндустон ба Самарқанд баргаштани Темур дар моҳи март- апрели соли 1399, ба айшу ишрат машғул шудани ӯ ва сохтани масҷиди ҷомеъ дар шаҳри Самарқанд ин бобро дар бар мегиранд.[1]

Боби 15. Таваҷҷуҳи Темур ба ҷониби Эрон баъд аз ғасби Ҳиндустон. Дар ин боб сабабҳои лашкаркашии Темур ба ҷониби Эрон, дар Қарабоғи Табрез қарор гирифтани ӯ, лашкар кашидани Темур ба Гурҷистону Арманистон ва тасхири онҳо инъикос ёфтааст.[2]

Боби 16. Лашкаркашии Темур ба Севос ва дигар шаҳру қалъаҳои наздики он. Дар ин фасл таваҷҷуҳи Темур ба ҷониби Севос, муборизаҳои байни лашкариёни Темур ва мудофеони шаҳр, ба хок яксон намудани Севос, ишғоли Малотия, қалъаҳои Беҳсанӣ ва Антоб тасвир шудааст.[3]

Боби 17. Фатҳи Ҳалаб ва Баалбак. Омодагии волии Миср дар Ҳалаб ба муқобили Темур, даъват шудани умарои атроф, тасарруфи Ҳалаб, ҷанги байни лашкариёни Темур ва ҷанговарони Ҳалаб, шикаст хурдани лашкари Ҳалаб ва ба тобеи Темур даромадани шаҳр, инчунин ишғоли якчанд қалъаҳои атрофии он ва бе ҷанг ба тасарруфи Темур даромадани шаҳри Баалбак дар ин боб зикр шудааст.[4]

Боби 18. Ишғоли шаҳрҳои Димишқу Бағдод аз ҷониби Темур. Дар ин боб ҳаводиси ҳуҷуми Темур ба Димишқ ва ба тасарруфи ӯ даромадани шаҳр, оташ гирифтани Димишқ, ғорати молу амволи мардум ва ба асорат гирифтани боқимондае аз раият; лашкаркашии Темур ба ҷониби шаҳри Мордин ва тасхири он, инчунин ба ҷониби Бағдод ҳаракат кардани Темур ва дар муҳосира қарор додани шаҳр, ғасби он ва фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур дар ин шаҳр баён шудааст.[5]

Боби 19. Бозгашти Темур ба Табрез ва таваҷҷуҳи дувуми ӯ ба ҷониби Рум. Дар ин фасл аз Бағдод ба ҷониби Табрез баргаштани Темур, дар

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 319-327
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 327-335
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 335-344
[4] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 344-352
[5] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе:ЭР-Граф, 2019.-С. 353-370

Қарабоғ қарор гирифтани ӯ; тасарруфи қалъаҳои Комох ва Ҳовиқ, муборизаи Темур бо Ийлдируми Боязид ва шикаст додани ӯ тасвир ёфтааст.[1]

Боби 20. Ишғоли шаҳру қалъаҳои атрофи Истантбул аз ҷониби Темур. Бе ҷанг ба тобеияти Темур даромадани Истанбул, забти шаҳр ва қалъаҳои Измир, Фуча, Биртис ва ғайраҳо, қатлу куштор ва ғорати мардуми шаҳру қалъаҳои зикршуда, вафоти Йилдируми Боязид ва дигар ҳодисаҳои таърихии дар ин вақт рухдода дар ин боб инъикоси худро ёфтаанд.[2]

Боби 21. Таваҷҷуҳи Темур ба савби Абхоз. Дар ин фасл ба Гурҷистон баргаштани Темур, тасхири қалъаи Биртис, лашкаркашии Темур ба ҷониби Абхоз, қатлу куштори мардуми бешумор, вайрон кардани калисоҳо ва ғорати амволи мардум зикр шудааст.[3]

Боби 22. Тавсифи амалҳои Темур. Дар ин боб адлу эҳсони Темур, бинои шаҳри Байлақон ва ба ишрат машғул шудани Темур дар Қарабоғи Арон баён гаштааст.[4]

Ҳамин тавр, дар таркиби бобҳое, ки шартан қисмат шудаанд, муаллифи «Зафарнома» воқеаҳоро бо мадҳу санохонӣ дар васфи Темур ба анҷом расонида, ӯро вориси ҳақиқии тоҷу тахт дар собиқ вилоятҳои улуси Чағатой медонад. Низомуддини Шомӣ бо ҳусни таваҷҷуҳ ба Темур ҷангу хунрезиҳои ӯро барҳақ дониста, онҳоро бо оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳои пайғамбар ва дигар қонунҳои шариати ислом асоснок намуда, ҳатто Темурро фиристодаи Ҳақ ҷиҳати аз байн бурдани фисқу фасоде, ки гӯё аз ҳад гузашта ва мардумро аз роҳи шариати ислом барканор намуда буд, медонад: «Аммо чун фисқу фасод ва лаҷоҷу инод гиребони халқ гирад ва сар аз роҳи шариат бигардонад,…то Худои таолоро фаромӯш кунанд ва фармони соҳиби шариат набаранд, ҳикмати илоҳӣ иқтизои он кунад, ки дили подшоҳро ба эшон муттафир гардонад ва дар хотири мулук илқо

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе:ЭР-Граф, 2019.-С. 371-400
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 403-419
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 420-436
[4] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 436-447

кунад то эшонро гӯшмол диҳад».[1] Ва ё дар фасли «Зикри муҳорибаи амири соҳибқирон бо султон Маҳмуд-волии Деҳлӣ ва зафар ёфтан ва фатҳи шаҳр» мефармояд: «… бар асҳоби фаҳм возеҳу ҳувайдо, ки кушояндаи фатҳу зафар инояти Эзид аст ва намояндаи роҳи саодату иқбол раҳмати бағояти Илоҳӣ,...аммо бар ҳасби ҳадиси расул саллалоҳу алайҳи васаллам, ки фармуд: «Ҳуффати –л-ҷаннату би-л-макориҳӣ» (биҳиштро ба корҳои мушкил ворид шудан) маълум мешавад, ки ҷамоли каъбаи мурод бе тааммули бодияи машаққат муяссар нашавад».[2]

Дар баробари ин мадҳу санохониҳо Низомуддини Шомӣ аз зикри ваҳшониятҳои Темур худдорӣ накардааст, онҳоро боҷуръатона, вале зери қабои тавсиф нигоштааст. Ҳатто бузургтарин фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур, ба монанди фоҷиаҳои Систон, Исфаҳон, Ҳиндустон, Бағдод, Димишқ ва ғайраҳо, ҳамчунин хусусияти ғоратгарона доштани лашкаркашии Темурро тасвир кардааст. Масалан, фоҷеаи Исфаҳонро «намунаи рӯзи растохез» номида, қайд менамояд, ки Темур дар он фармон дод аз сари 70 ҳазор одамӣ манора бунёд намоянд.[3]

Қайд кардан ба маврид аст, ки тамоми ҳодисаҳои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV дар «Зафарнома» бо ҷузъиётҳо, сабабҳои сар задании воқеаҳо инъикос ёфтааст. Аммо аз тасвири воқеаҳои таърихӣ маълум мешавад, ки Низомуддини Шомӣ Темурро ҳамчун шоҳи одил, раъиятпарвар, бахшанда, меҳрубон, пуштибони шариати ислом ва мардум ва ғайраҳо муаррифӣ кардааст. Аз ҷумла, дар зикири ҳодисаи қалъаи Тикрит, ки Темур барои тасхири он ба он ҷо расида буд, мефармояд: «Амир Ҳасан, ки волии қалъа буд, бародари кеҳтари худро берун фиристод ва узри тақсироти худ талабида, амон хост. Амири соҳибқирон навозиш фармуда, хилъату асп

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Бо сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Филекс Тауэр. Бейрут, 1937. - С. 193.
[2]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Бо сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Филекс Тауэр. Бейрут, 1937. - С. 187.
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 167.

дод ва фармуд, ки ҳам дар соат боз гард ва Ҳасанро гӯй то беандеша дар ҳазрати мо ояд, то ба иноятн бедареғ ихтисос ёбад».[1]

Аз чунин тавсифи Низомуддини Шомӣ хулосаи дигар ҳам баровардан мумкин аст, ки Шомӣ, аз сабаби он ки дар рикоби Темур буд, ҳарфе ба мухолифати ӯ ва дарбориёнаш гуфта наметавонист ва маҷбур буд Темурро бо он ҳама ғоратгариву хунхориаш таъриф намояд. Аз ҷониби дигар ӯ бо тасвири ваҳшониятҳои Темур ба хонандаи зирак симои аслии ӯро нишон додааст, ки ин масъаларо дар зербоби охир мавриди омӯзишу таҳлил қарор хоҳем дод.

Дар таркиби масоили сиёсии дар «Зафарнома» инъикосшуда, вазъи ҷуғрофии баъзе шаҳрҳо низ тасвир ёфтааст. Низомуддини Шомӣ дар хусуси шаҳри Баалбак зикр менамояд, ки он шаҳр бағоят ҳасин буда, аз сангҳои бағоят бузург сохта шудааст ва таърихи ин сохтмонро дар такя ба ривоятҳои мардуми минтақа ба замони Сулаймон пайғамбар нисбат дода, мефармояд: «Ва аз ғояти бузургии сангҳо ва иморатҳои он мегӯянд, ки чиниён сохтаанд…бисёрии неъмат ва меваю ғаллаи он ниҳоят надошт. Аз ҷамъе истимоъ афтода, ки як санг аз сангҳои он, ки дар девори ҳисори он ба кор бурдаанд, бисту панҷ газ дарозӣ дорад ва боло нуҳ газ ва паҳно чун дар девор аст. Ва чун он шаҳр наздики кӯҳ афтода, сармо ва барф бағоят буд…»[2]

Дар таркиби «Зафарнома» истифодаи порчаҳои назмӣ ҳангоми тасвири ҷашнҳо, набардҳо, музаффариятҳои Темур ва дар танқиди он нафароне, ки бо Темур мухолифат кардаанд ва душманӣ варзидаанд, ба назар мерасанд:

Яке ҷашн карданд бо зебу соз,
Ки дар васфи он қисса гардад дароз.
Зи симу зару неъмату хоста,
Ҳама саҳни айвон биороста.[3]

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. -С. 222.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. -С. 352.
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. -С. 52.

Ин анъана дар рисолаҳои таърихии дигари марбут ба давраи таҳқиқшаванда, аз қабили «Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ, «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ ва ғайраҳо низ мушоҳида мешавад.

Навиштани чунин як асари бузург дар баёни ҳаводиси нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV бе истифодаи манбаъҳои дигар номумкин аст. Аммо дар зикри ҳодисаву воқеаҳо, ки дар ин асар баён шудаанд, Низомуддини Шомӣ сарчашмаи онҳоро, мутаассифона, дақиқ нишон надодааст. Танҳо дар муқаддимаи асар дар ин хусус ишора менамояд: «… камари иҷтиҳод ба миёни ҷон баста, илтизом кардам, ки савонеҳи ҳолат ва вақоеи содироти айёми ин давлат, ки бояд мақрун бод, чунончи то ғояти зобитоне, ки ҳозир буданд ва мулозимоне, ки дар сафару ҳазар вақоеъ ва ҳаводисро нозири сабт карда бошанд, либоси иборатии поки бетакаллуф пушонад ва онро мураттаб ва мабвуб ва муқаррару муҳаррар гардонад»[1].

Маҳз бо такя ба ин ишораҳои Низомуддини Шомӣ профессор Ҳ. Камол чунин хулоса кардааст: «Сарчашмаи иншои «Зафарнома» ин навиштаҳои муншии шахсии Темур, асноди расмӣ ва гузоришҳои шифоҳии ширкаткунандагони лашкаркашиҳои ӯ будааст».[2] Ба андешаи Л. Бойматов «Зафарнома» «ҳосили мушоҳидот ва мулоҳизоти Низомуддини Шомӣ ва иртиботи муаллиф бо девониёни дастгоҳи темурӣ будааст».[3]

Дар зимн метавон натиҷагирӣ кард, ки Низомуддини Шомӣ дар таълифи асараш-«Зафарнома» аз чунин манбаъҳо истифода бурдааст:

-мушоҳидаҳои шахсии муаллиф, ки аз соли 1401 амир Темурро дар лашкаркашиҳояш ҳамроҳӣ кардааст;

-мукотиботи расмӣ, навиштаҳои муншии шахсии Темур, ки ҳамсафари ӯ буд;

-асарҳое, ки пеш аз ӯ ё дар замони ӯ дар ин хусус навишта шудаанд;

---

[1]Камол Ҳ. Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и ӯ /Ҳ. Камол // Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.- С. 28-29.

[2]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 11.

[3] Бойматов Л. Сарбадорони Самарқанд /Л. Бойматов- Интишороти «GlobeEdit»-2019.- С.-25

-нақлу гузоришҳои шифоҳии иштирокчиёни лашкаркашиҳои Темур.

«Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ аз аввалин рисолаҳоест, ки оид ба таърихи мукаммали Темур маълумот медиҳад. Пас аз ин дигар таърихнависон, ки ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XIV-ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросонро навиштаанд, ба монанди Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд аз ин рисола истифода намуданд.

Ҳамин тариқ, Низомуддини Шомӣ бо дастури Темур ба навиштани асари таърихӣ дар хусусӣ лашкаркашиҳои ӯ шуруъ карда, онро дар муддати чор сол ба анҷом расонд. Асари ӯ «Зафарнома» аз манбаъҳои асосии дасти аввал дар нигориши воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва дигар кишварҳое, ки дар тобеияти салтанати Темур қарор гирифтанд ва ё Темур ба онҳо лашкар кашидааст, ба ҳисоб меравад. Муаллифи «Зафарнома», бо вуҷуди он ки ин асарро бо супориши Темур навишт ва ҳангоми таълифи он дар рикоби Темур қарор дошт, ғоратгариву бераҳмиҳои ӯро бо сабку услуби содаву равон ва зери қабои мадҳу сано баён доштааст. Дигар муаррихоне, ки ба навиштани таърихӣ Темур машғул шуданд, аз ҷумла Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд, Хондамир ва дигарон аз рисолаи Низомуддини Шомӣ ба таври васеъ истифода намуданд. Аз ин рӯ, «Зафарнома» -и Низомуддини Шомӣ ҷиҳати омӯзиши ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV дар муқоиса бо дигар сарчашмаҳои ба ин давра тааллуқдошта манбаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

## 1.2. Зиндагиномаи Ибни Арабшоҳ, тавсифи рисолаи «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» ва аҳамияти таърихӣ-илмии он

Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, ки бо тахаллуси Ибни Арабшоҳ маъруф аст, соли 791 ҳиҷрӣ-қамарӣ, мувофиқ ба соли 1388 дар шаҳри Димишқ таваллуд шуда, соли 1400 -1401 мелодӣ ҳангоми ҳуҷуми Темур ба Шом дар шумори асирон ба Самарқанд муҳоҷир шуд .[1] Ӯ дар Самарқанд дар назди Мирсаид Шарифи Ҷурҷонӣ, Ибни Асири Ҷазрӣ ва дигар донишмандон ба омӯзиши илмҳои замони худ машғул гашта, ҳамзамон забонҳои туркӣ ва муғулиро низ аз худ намуд. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ пас аз ҳашт соли иқомат дар Самарқанд, яъне соли 1408 ба шаҳри Хито рафта, дар назди Шаробӣ ном донишманд илми ҳадисро омӯхт ва сипас аз он ҷо ба Хоразм сафар карда, то соли 1412 дар он ҷо монд. Ӯ дар ин сол аз Хоразм ба шаҳри Адрана сафар карда, аз ҷониби халифаи усмонӣ султон Муҳаммад - писари Боязид соҳиби эҳтироми хосса гардида, вазифаи муаллимии султон Муроди дувум-писари султон Муҳаммади аввалро, ки валиаҳади хилофат буд, ба уҳда гирифт. Ғайр аз ин, вай муншӣ ва дабири махсуси султон Муҳаммади Усмонӣ таъйин гашта, иншою нигориши рисолаҳои арабӣ, форсӣ, туркӣ ва муғулиро иҷро мекард. Ибни Арабшоҳ муддати фаъолияташ дар ин вазифа «чандин китоб аз забонҳои арабӣ ва форсӣ ба номи султон Муҳаммад ба туркӣ тарҷума кард. Аз ҷумла, китоби «Ҷавомеъу-л-ҳикоят ва лавомеъу-р-ривоёт»-и Нуриддин Муҳаммад Авфии Бухороӣ ва китоби «Тафсири Қуръон»-и Абулайс Наср ибни Муҳаммад фақеҳи Самарқандии Ҳанафӣ (мутаваффӣ ба соли 375 ҳ.қ. (985-86), ки аввалиро аз порсӣ ва дувумиро аз арабӣ ба насри туркӣ баргардонидааст».[2] Ӯ асари «Таъбиру-р-ривоёти Қодирӣ»-ро, ки ба қалами Абусаид Наср ибни Яъқуб Диноварӣ тааллуқ

---

[1] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Якубовский- Москва. Груш, 1992. –С.7; Камол Ҳ., Саидов А. Маъхазшиносӣ / Ҳ.Камол, А. Саидов // Душанбе-2015.-С.-61.

[2] Наҷотӣ М.А. Муқаддимаи мутарҷим / М.А. Наҷотӣ // Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф - 2018. - С. 24

дорад, ба номи султон Муҳаммади Усмонӣ аз забони арабӣ ба назми туркӣ тарҷума намуд.

Ибни Арабшоҳ соли 1421 баъд аз чандин соли зиндагӣ дар Адрана ба шаҳри Ҳалаб рафта, дар он ҷо муддати як сол зиндагӣ кард. Аз он ҷо ба зодгоҳи худ – Димишқ баргашта, дар назди Абубадуллоҳ Муҳаммади Бухороӣ ба такмили илми ҳадис машғул шуд. Соли 1428 ё 1429 ба Макка ва соли 1436 ба Қоҳира сафар намуд. Ӯ дар Қоҳира бо Абулмаҳосин Юсуф ибни Таъғрибардӣ ва дигар донишмандон ошноӣ пайдо намуда, дар ҳамин сол ба таълифи рисолаи «Аҷоибу-л- мақдур фи ахбори Темур» бо забони арабӣ машғул шуд.

Ибни Арабшоҳ соли 854 ҳ.қ. мувофиқ ба соли 1450-1451-и мелодӣ дар синни 63 –солагӣ дар Миср вафот кард. Ӯ дар 63 соли зиндагии худ пайваста ба илму омӯзиш машғул шуда, як қатор асарҳо офарида ва зумраи дигаре аз осори уламои гузаштаву замони худро ба забонҳои дигар тарҷума намудааст. Ба ғайр аз асарҳое, ки зикрашон дар боло рафт, китобҳои «Фоқеҳату-л-хулафо ва муфоқиҳату–з-зурафо», «Китобу-т-таълиф ат-Тоҳир фӣ шийам Абӣ Саид Ҳақмақ», «Тарҷумону-л-мутарҷим би мунтаҳӣ ал-араб фӣ луғати-т-турк ва-л-фурс ва-л-араб», «Бурҳону-л-фароиз биқавли-л-маориз», «Ҷилвату-л-мудоҳу-л-ҷамолия фи халати-л-арӯз ал - арабия» , «Хитобу-л-аҳоб ан ноқиб ва ҷавоб аш-шиҳоб ас соқиб», «Китобу-л акд ал-фарид фи илми-т-тавҳид», «Уқуду-н-насиҳа» ва «Ғуррату-с-сайр фӣ дували-т-турк ва-т-татар»[1] ба қалами ӯ мутааллиқанд.

«Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» («Зиндагии шигифтовари Темур») аз зумраи таълифоти Ибни Арабшоҳ мебошад. Ин асар ба воқеаҳои сиёсии нимаи дуюми асри XIV ва нимаи аввали асри XV–и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрону Ироқ, аниқтараш ба таърихи ҳукумронии амир Темур ва лашкаркашиҳои ӯ ба кишварҳои дуру наздик, ҳамчунин таърихи ворисони Темур то аҳди Шоҳрух бахшида шудааст.

---

[1]Наҷотӣ М.А. Муқаддимаи мутарҷим / М.А. Наҷотӣ// Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С. 20

Асари мазкур пас аз 31 соли вафоти Темур таълиф шуда, бо номҳои «Аҷоибу-л-мақдур фи навоиби Темур» ё «Аҷоибу-л-мақдур фи масолиби Темур» низ маъруф мебошад. Аз сабаби он ки муаллиф ҳамзамони ҳодисаҳои давраи зикршуда мебошад, рисолаи ӯ манбаи дасти аввал ба ҳисоб меравад. Донишмандон ва мутарҷимони форсу тоҷик, ки ба ин асар таваҷҷуҳ намудаанд, номи онро бо забони форсӣ ё тоҷикӣ «Зиндагии шигифтовари Темур» тарҷума кардаанд.

«Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ аз ҷониби донишманди Эронӣ Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ ба забони форсӣ тарҷума шуда, соли 1977 дар Теҳрон ба нашр расид ва соли 2018 он аз ҷониби Аҳмадхон Муродзода аз рӯйи тарҷумаи Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ ба алифбои кириллӣ баргардонида шуд, ки ин нусхаҳо дар Китобхонаи ба номи Индира Гандӣ маҳфузанд. Дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бошад, танҳо нусхаи ба кириллӣ баргардонидаи Аҳмадхон Муродзода (2018, таҳти №279879 ва №279880) нигаҳ дошта мешавад, ки мо дар таҳқиқоти худ аз ҳардуи ин нусхаҳо истифода намудем.

Рисолаи «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ аз дебоча, инъикоси воқеаҳои таърихӣ, ки бо гуфторҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд, фасл оид ба сифату сурати Темур, шуғлҳои дӯстодштаи ӯ ва хулосаи муаллиф бо номи «Дар поёни китоб» иборат мебошад.

Дар дебоча муаллиф сабаб ва аҳамияти рисолаи худро баён кардааст. Ба андешаи Ибни Арабшоҳ сабаби таълифи асар он аст, ки ӯ воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV, хусусан бераҳмиву хунхориҳои Темурро бо чашми худ дида, хулоса мебарорад, ки ба навиштани таърихи замони худ машғул шавад то наслҳои минбаъда аз гузашта огоҳ шуда, ибрат гиранд: «…чун сафаҳоти таърих оинаи ибрат аст, мар онро, ки ибрат гирад ва унвони мавъиза аст онро, ки нек биандешад ва мавъизат пазирад ва ҳамчунин боз намояд, ки муқим дар ин гетӣ ногузир

аз сафар аст ва хабар диҳад аз ҳоли он ки даргузашта ва беасар аст, ки чӣ гуна тавоно шуд ва неру ёфту наҳйе ва амараш бар ҷаҳон бигзашт».[1]

Ӯ дар муқаддимаи асараш ҳаводису воқеаҳои замони худро, хусусан амалҳои Темурро аз «шигифттарин достонҳо», «бузургтарин фитнаҳо»72 дониста, мефармояд: «…хиради доноён дар водии гумроҳӣ ҳайрон сохт ва ҳуши зиракон дар тирашоми табоҳӣ ба ваҳшат андохт…».[2]

Ибни Арабшоҳ оид ба аҳамияти асари худ мегӯяд: «Ман хостам дар ин боб аз он чи дидаам, ёде кунам ва аз он чи шунидаам, достоне оварам, то ибрати рӯзгор шавад ва ёдгоре пойдор гардад ва намудори мусибату мотаме шавад, ки забони қазо васфаш нагӯяду гӯши қадар аз шуниданаш безорӣ ҷӯяд».[3] Яъне, муаллиф, ки шоҳиди зиндаи воқеаҳои таърихии давраи Темур буд, аз ҳаводиси ба вуқӯъомадаи замони худ дар ҳайрат афтода, тасмим гирифтааст онро дар шакли китоб ба наслҳои оянда ба мерос гузорад. Агар аз як ҷиҳат лашкаркашиву хунхории Темур муаллифро ба таълифи ин рисола водор карда бошад, аз ҷониби дигар Ибни Арабшоҳ хостааст бо навиштани таърихи Темур номи худро ба ёдгор монад: «Хостам, ки ёди ман ҷовид монад ва андешае аз ман дар хотири ояндагон хутур кунад, бошад, ки раҳмате аз дунбол фиристандам, ё ба дуои хайре ёд кунандам».[4]

Тавре зикр шуд, рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» ба ғайр аз муқаддима ва хулосаи муаллиф аз 141 гуфтор иборат аст, ки онро вобаста ба воқеаҳои таърихӣ метавон шартан ба чунин бобҳо ҷудо намуд:

Боби 1. Таваллуди Темур. Дар ин боб макони таваллуди Темур, маънои номи ӯ, номи падар ва бобои ӯ, касбу кор ва аз қабилаи барлос будани онҳо; ривоятҳо дар хусуси таваллуди Темур, ки гӯё пайомадҳои хунхориву ҷоҳилии ӯро ошкор мекарданд, инъикос ёфтаанд.[5]

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф- 2018. - С.30.
[2] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С. 2-3.
[3] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С. 3.
[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшо. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф.-2018. - С. 364.
[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-

Боби 2. Ҷавонии Темур. Аз тангдастӣ ба дуздии моли мардум машғул шудани Темур, рафтани ӯ ба Хуросон, захм бардоштани Темур аз даст ва пойяш ҳангоми дуздӣ дар Систон, дар хизмати амир Ҳусайн қарор гирифтани ӯ, ба занӣ гирифтани хоҳари Ҳусайн, ба қатл расондани ӯ ва аз Хуросон ба Мовароуннаҳр фирор кардани Темур мавзӯоти таърихии ин бобро ташкил медиҳанд.[1]

Боби 3. Ба сари қудрат расидани Темур. Аз дарёи Ҷайҳун ба ҷониби Мовароуннаҳр гузаштани Темур бо ҳамроҳонаш, ғорат намудани Қаршӣ, иттифоқ бастани ӯ бо волиёни Бадахшон ҷиҳати мубориза ба муқобили амир Ҳусайн, муборизаи Ҳусайн бар зидди подшоҳи муғул Қамариддин, ҳокими Кеш таъин шудани Темур аз ҷониби подшоҳи муғул, ҳуҷуми Темур ва волиёни Бадахшон ба ҷониби Балх, қатли писарони волиёни Бадахшон аз ҷониби амир Ҳусайн, ки дар асорати ӯ буданд ва соли 771 (1370 ) ишғол намудани Балх ва ба қатл расонидани Ҳусайн аз ҷониби Темур таркиби ин бобро фаро мегиранд.[2]

Боби 4. Ҳуҷуми Туқтамишхон ба Мовароуннаҳр. Дар ин боб таваҷҷуҳи Туқтамиш ба ҷониби Самарқанд, муборизаи Темур бо Туқтамиш дар назди дарёи Сайҳуни Хуҷанд ва шикаст хурдани Туқтамиш, ба қатл расидани Алишер аз ҷониби Темур ва пахши шӯришгарони Самарқанд тасвир ёфтаанд.[3]

Боби 5. Вазъи ҷуғрофии Самарқанд ва шаҳру навоҳии атрофи он. Дар ин фасл аз шаҳрҳои бузург ва муътабари Мовароуннаҳр будани Самарқанд, аз ҳафт тумон иборат будани он, таърихи мухтасари шаҳр, мавқеи ҷойгиршавӣ; вазъи ҷуғрофӣ ва таърихии шаҳрҳои Марғинон, Хуҷанд, Тирмиз, Нахшаб, Кеш, Андикон, Бухоро, вилояти Бадахшон,

---

Граф.- 2018. - С.32-33.

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.34-39.

[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.40-45.

[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С. 45-48.

Хоразму Сагониён (Чағониён), инчунин дар гузашта Турон номида шудани Мовароуннаҳр ва ба Афросиёб тааллуқ доштани он инъикос гаштаанд.[1]

Боби 6. Ҳаракати Темур ба ҷониби Хоразм. Вазъи ҷуғрофии Хоразм, тавсифи мардуми он, лашкаркашиҳои Темур дар чор маврид ба Хоразм, ғорат намудани молу амволи мардуми шаҳр, ба хок яксон кардани Урганҷ ва ба Самарқанд фиристодани боқимондаи раияти шаҳр дар ин фасл зикр мешаванд.[2]

Боби 7. Ҳуҷуми Темур ба Хуросон. Номаи Темур ба Ғиёсуддин, ҷавоби Ғиёсуддин ба Темур, лашкаркашии Темур ба Ҳирот ва ба даст овардани он; вохӯрии Темур дар Хуросон бо шайх Зайнуддин Абубакри Хавофӣ ва ба Самарқанд баргаштани Темур масоили асосии ин бобро ташкил медиҳанд.[3]

Боби 8. Ҳуҷуми Темур ба Хуросон дар навбати дувум. Дар ин боб ба ҷониби Систон ҳаракат кардани Темур, бо макру найранг ба қатл расонидани мардуми он ва ғорат кардани шаҳр; ба ҷониби Сабзавор ҳаракат кардани Темур, мулоқот намудани ӯ дар ин шаҳр бо Саид Муҳаммад аз тоифаи Сарбадор ва Хоҷа Алӣ Муайяди Тусӣ, инчунин бо ишораи Хоҷа Алӣ ба тасарруфи Темур даромадани тамоми шаҳру навоҳии Хуросон инъикос ёфтаанд. [4]

Боби 9. Номаи Темур ба султони Шероз Шоҳшуҷоъ. Дар ин боб номаи Темур ба Шоҳшуҷоъ оид ба байъат намудани ӯ ба Темур, таърихи ҳукмронии Шоҳшуҷоъ, ҳамчунин ҳукмронии падар ва писари ӯ, номаи Темур ба дигар ҳокимони Мозандарон ва мухолифати Шоҳмансур бо писари Шоҳшуҷоъ Зайнулобуддин тасвир гардидаанд.[5]

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.48-49.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.50-51; 62-64.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.51-54.
[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.54-58.
[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.58-62; 64-65.

Боби 10. Лашкаркашии Темур ба Шерозу Исфаҳон. Дар ин фасл кӯр кардани Зайнулобуддин ва ба асорат гирифтани ӯ аз ҷониби Шоҳмансур, ба тасарруфи Шоҳмансур даромадани Шероз, огаҳ шудани Темур аз ин воқеа ва ба Шероз ҳуҷм кардани ӯ, ба қатл расонидани Шоҳмансур, ба ҷониби Исфаҳон рӯ овардани Темур ва қатли мардуми шаҳр зикр гардидаанд.[1]

Боби 11. Забти мамолики муғул. Ба тасарруфи Темур даромадани мамолики муғул ва бинои шаҳри Шоҳрухия дар соҳили дарёи Сайҳун ин бобро ташкил медиҳанд. [2]

Боби 12. Бунёди боғу бустон дар Самарқанд. Дар ин фасл оромиши лашкари Темур дар Самрақанд, бинои кӯча ва деҳаҳои нав дар атрофи он ва гузоштани номи шаҳрҳои Бузург ба онҳо, инчунин бунёди боғу бустон дар Самарқанд инъикос ёфтаанд. [3]

Боби 13. Ҳуҷуми Темур ба Озарбойҷон ва Ироқу Араб. Лашкаркашии Темур ба Бағдод дар соли 795 (1392), шаҳру қалъаҳои Ироқ, Табрез, Алинҷо, Диёрбакр ва Арзинҷон, Тикрит, Мордин, Султония; таърихи баъзе шаҳрҳо ва шоҳони он, ғорат намудани шаҳрҳои зикршуда ва ба қатл расонидани мардуми бешумори онҳо дар ин боб ифода меёбанд. [4]

Боби 14. Таваҷҷуҳи Темур ба Дашти Қипчоқ. Ҳудудҳои ҷуғрофии Дашти Қипчоқ, тавсифи шаҳрҳои дохилӣ ва вазъи ҷуғрофии кишварҳои ҳамсарҳади он, ҳуҷуми Темур ба Дашти Қипчоқ, шикаст хурдани Туқтамиш ва ба тасарруфи Темур даромадани тамоми шаҳру навоҳии он дар ин боб баён гардидаанд.[5]

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.58-62; 67-79.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.58-62; 79-87.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С. 87-88.
[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С. 89-105.
[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.106-115.

Боби 15. Ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон. Дар ин фасл сабабҳои ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон, ғасби шаҳрҳои он, аз ҷумла Деҳлӣ, қатлу куштори мардуми бешмуор, ғорат кардани шаҳру навоҳии Ҳиндустон ва ба Самарқанд баргаштани Темур тасвир ёфтаанд.[1]

Боби 16. Ҳуҷуми Темур ба Эрону Ироқ ва фоҷиаҳои анҷомдодаи ӯ. Дар ин боб сабабҳои ҳуҷуми Темур ба сарзаминҳои Шому Рум баъд аз забти Ҳиндустон (дар соли 1400), дар Қарабоғи Табрез қарор гирифтани Темур, забти Гурҷистон ва шаҳру қалъаҳои Севос, Димишқ, Бағдод, Мордин, Рум, Истанбул, Анқара ва ғайраҳо, фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур дар шаҳру вилоятҳои зикршуда, инчунин таърихи мухтасари Қозӣ Бурҳониддин ва Ибни Шиҳна, дигар воқеаҳои анҷомдодаи Темур то соли 1404 ва ба Самарқанд баргаштани ӯ баён шудаанд. [2]

Боби 17. Дар Самарқанд қарор гирифтани Темур. Ба айшу ишрат машғул шудани Темур дар Самарқанд, ба ҷониби тоторҳо ва Қошғар лашкар фиристодани ӯ, баргузории тӯйи домодии Улуғбек ин бобро фаро мегиранд.[3]

Боби 18. Марги Темур. Таваҷҷуҳи Темур ба ҷониби Хитой ва ба Утрор расидани ӯ, аз шиддати беморӣ ва сардӣ ба ҳалокат расидани ӯ, инчунин ба Самарқанд овардани ҷасади ӯ масъалаҳои асосии ин боб мебошанд. [4]

Боби 19. Ҳаводиси баъд аз марги Темур. Дар ин боб ба Самарқанд омадани Халил султон, дафни ҷасади Темур дар Самарқанд, вориси Темур гаштани Халил султон, ба саркашӣ пардохтани баъзе аз вазирон ва дарбориёни Темур, мухолифати баъзе ҳокимони ӯ ва муборизаи Халил

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.129- 134.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.134-243.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.144-261.
[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.261-275.

султон бар зидди онҳо; даъвои салтанат кардани Пирмуҳаммад, бар зидди Халил султон бархостани Ҳусайн ва шикаст хӯрдани ӯ инъикос шудаанд.[1]

Боби 20. Муборизаи Пирмуҳаммад бо Халил султон. Дар ин фасл аз Қандаҳор ба муқобили Халил султон ҳаракат кардани Пирмуҳаммад, ҷанги байни онҳо ва шикаст хӯрдани Пирмуҳаммад, ба Қандаҳор баргаштани ӯ ва аз нав ба мубориза бархостани Пирмуҳаммад дар Ҳисори Шодмон, шикаст хӯрдан ва фирор кардани ӯ дар ин навбат зикр ёфтаанд.[2]

Боби 21. Ҳуҷуми лашкариёни Ироқ ба Халил султон ва бинои шаҳрҳои Тирмид ва Ҳиндиён. Дар ин боб идомаи ҳукмронии Халил султон дар солҳои 1406-1407, ҳуҷуми лашкариёни Ироқ ба ҷониби Халил султон ва пароканда шудани онҳо, таъмири шаҳри Тирмид аз ҷониби ӯ ва бинои қалъаи Ҳиндиён дар Хуросон аз ҷониби Шоҳрух инъикос мегарданд.[3]

Боби 22. Халалдор гардидани вазъи сиёсии Эрону Ироқ. Ба мубориза бархостани султон Аҳмад ва Қароюсуф, забти шаҳрҳои Бағдод ва Озарбойҷону Ироқ, ба қатл расидани султон Аҳмад ва Амироншоҳ аз ҷониби Қароюсуф, лашкаркашии Шоҳрух ба Эрону Ироқ ва ба қатл расонидани Искандар, беҳтар гардидани вазъи сиёсии ин вилоятҳо масоили асосии ин бобро фаро мегиранд.[4]

Боби 23. Ба ихтиёри Шоҳрух гузаштани ҳокимият дар Самарқанд. Дар ин фасл ба Султония рафтани Халил султон, ба Самарқанд ворид шуданди Худодод ва ғорат кардани шаҳр, аз ин воқеа огоҳ шудани Шоҳрух ва ба Самарқанд таваҷҷуҳ намудани ӯ, фирор кардани Худодод, ба ихтиёри Улуғбек супурдани идораи Самарқанд ва ба Хуросон баргаштани Шоҳрух тасвир ёфтаанд.[5]

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С. 178-301.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.301-304.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.304-303.
[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.313-315.
[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.315-326.

Боби 24. Тасвири сифату сурати Темур. Дар ин боб сурати Темур, муносибати ӯ бо паҳлавонону донишмандон ва дигар нафарони касбу кори гуногун, диловариву зиракии ӯ, шуғлҳои дӯстдошта, сатҳи саводнокӣ, дурандешӣ, макру ҳиллагарӣ ва иҷрои амру фармонҳои ӯ дар мамлакат дар ин фасл инъикос шудаанд. [1]

Боби 25. Ҳайати дарбориён ва лашкариёни Темур. Дар ин боб сохтмони бустонсароҳо ва биноҳои баланд дар Самарқанд, бунёди деҳкадаҳо дар атрофи Самарқанд, занони Темур ва мақоми онҳо; ҳайати вазирон, фармондеҳон ва аҳли девони ӯ, пизишкони Темур, муҳандисон, қориёни Қуръони дарбор; ҳайати лашкариён ва занони ҷанговар дар ҳайати лашкариёни Темур баён ёфтаанд.[2]

Тавре зикр шуд, дар ин рисола Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ ба навиштани таърихи Темур аз лаҳзаи таваллуди ӯ оғоз намуда, аз падар, бобо ва макони таваллуди ӯ ёдрас мешавад. Аз ҷумла, қайд менамояд: «Падарш Тарағой, писари Абғой ва мавлудаш қарияе аст ба номи Хоҷа Илғор аз аъмоли Кеш ва он шаҳре аст дар Мовароуннаҳр ба наздикии Самарқанд».[3]

Ибни Арабшоҳ дар баробари инъикоси масоили таърихӣ ба масоили ҷуғрофии баъзе шаҳрҳое, ки шахсан худаш ба он ҷойҳо сафар карда ва ё муддате дар он шаҳрҳо иқомат кардааст, диққат додааст. Ӯ дар хусуси вазъи ҷуғрофии Мовароуннаҳр ва шаҳрҳои он маълумоти муҳим оварда, қайд менамояд, ки Мовароуннаҳр аз ҷониби ховар Турон номида мешавад ва аз ҷониби Бохтар Эрон ва аз мағриби Эрон Ироқ аст. Бино ба ахбори ӯ Хуҷанд дар канори Сайҳун ва Тирмиз дар канори Ҷайҳун воқеъ мебошанд, ки ин ахбори ӯ комилан дуруст мебошад. Ибни Арабшоҳ дар хусуси вазъи ҷуғрофии Самарқанд мефармояд: «Аз ҷумлаи онбилод яке Самарқанд ва

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.326-339.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф.- 2018. - С.339-363.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф.- 2018. - С.32.

вилоёти он аст, ки болиғ бар ҳафт тумон мешуд ва низ Андикону атрофи он, ки нуҳ тумон ба шумор овардаанд. Тумон маҳаллеро гӯянд, ки даҳ ҳазор марди ҷангӣ берун диҳад. Самарқанд аз шаҳрҳои машҳур ва билоди муътабари Мовароуннаҳр аст, ки атрофи онро девори матин аз дер гоҳ фаро гирифтааст ва ба заъми пешиниён дарозои он дувоздаҳ фарсанг будааст ва он аз замени султон Ҷалолиддин, қабл аз Чингизхон, устувор будааст ва ман худ дар интиҳои девори он аз тарафи мағриб қасабае дидаам, ки онро Темур бино карда ва Димишк ном ниҳодааст ва масофати он то Самарқанд ним рӯз роҳ аст…».[1]

Дар равиши асар Ибни Арабшоҳ ҳодисаву воқеаҳоро хеле моҳирона ва бо сабку услуби тозаву равон ва дар танқиди Темур баён доштааст. Сабаби боҷуръат танқид ёфтани аъмоли Темур дар ин рисола дар он аст, ки муаллиф ин асарро пас аз 31 соли вафоти ӯ, яъне дар давраи ҳукмронии Шоҳрух дар Қоҳира, дур аз хавфу хатари шамшери Шоҳрух таълиф намуд.

Аз инъикоси воқеаҳо дар рисолаи «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» бармеояд, ки Ибни Арабшоҳ дар таълифи он аз манбаъҳо истифода намудааст. Манбаъҳои асосии дар ин асар истифодашуда, мушоҳидаҳои шахсии худи муаллиф, нақлу ривоятҳои аз шахсони боваринокаш шунида ва нақлу ривоятҳои дар байни мардум маъмулгашта мебошанд. Масалан, ба қавли Ҳ. Камол Ибни Арабшох шоҳиди ба Самарқанд овардани ҷасади Темур, маросими дафни ӯ алорағми васияти Темур ба сари қудрат омадани набераааш Халил сулгон(1384 дар Ҳирот-1411 дар Рай)-писари сеюми Мироншоҳ ва Суюнбекхонзода (набераи хони Урдаи тиллоӣ Узбекхон), бавижа замони кӯтоҳи ҳукумати Халил султон дар Мовароуннаҳр (18 марти соли1405 то баҳори соли 1409) буд, ки ахбори рисолаи ӯро ба ҳеҷ ваҷҳ пиромуни ин рухдодҳо наметавон нодида гирифт.[2]

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф.- 2018. - С.48-49.
[2] Камол Ҳ. Оинадори ҳаводиси аҳли хушунат ва бераҳмӣ / Ҳ. Камол// Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф.- 2018. -С. 11.

Ибни Арабшоҳ зимни инъикоси воқеаҳо то дараҷае сарчашмаи дастрасии маълумотро зикр карда ва дар баъзе ҳолатҳо номи шахси нақлкунандаро пурра овардааст: «Маро гуфт пири равшанзамир ва муриди чархи пир, донои бузургвор ва фарзонаи олимиқдор, ягонаи замон ва алломаи даврон Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Бухорӣ…»,[1] «Ҳикоя кард маро Мавлоно Маҳмуд Ҳофизи Муҳарриқи Хоразмӣ, ки дар яке аз сафарҳо бо Темур ҳамроҳ будам ва рӯзу шаб мулозими он даргоҳ. Лашкариёнаш барои муҳосира ба қалъае даршуданд ва хиргоҳи ӯро дар ҷойгоҳи баланде мушарраф бар майдони корзор барафроштанд…».[2] Ва ё баъди тасвири фоҷиаи Бағдод таъкид менамояд: «Ин хабарро қозӣ Тоҷуддин Аҳмад Нуъмони Ҳанафӣ, ҳокими Бағдод, ки дар аввали моҳи муҳаррами соли 834 (19 сентябри 1430) ба Димишқ даргузашт, бо ман гуфт». Ба ин гуна ишораҳо дар рисола бисёр вохӯрдан мумкин аст.

Дигар аз манбаъҳои истифоданамудаи муаллиф, тавре дар боло зикр кардем, маълумотҳои дар байни мардум маъмулгашта мебошанд, ки муаллиф аз онҳо фаровон истифода намудааст. Масалан, Ибни Арабшоҳ дар хусуси таваллуди Темур мегӯяд: «Гӯянд дар шаби валодати ӯ чизе чун хун дар ҳаво падид омад ва чун ба рӯйи замин афтод, бишукуфт ва шарораҳои оташ аз он бархосту дуру наздики фазоро биянбошт. Ва низ гуфтанд, ки чун аз модар бизод, ду дасташ хунолуд буд».[3] Дар ҷойи дигар ривоят мекунад, ки Темур аз Шайх Шамсуддини Фохурӣ дуо гирифта, баъд аз он иқбол ба ӯ рӯ гардонд. Ба ин гуна ривоятҳо дар асар бештар аз ин ҳам вохӯрдан мумкин аст, ки аслан асоси воқеӣ надоранд. Аммо барои ҳалли аксар масъалаҳои таърихӣ, хусусан муайян намудани шахсияти Темур муҳиманд.

[1]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф.- 2018. - С. 37
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф.- 2018. - С. 349
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф.- 2018. - С. 32.

Дар баробари тасвири воқеаҳои таърихӣ Ибни Арабшоҳ дар поёни китоб ҷомеаи даври худро зери танқид қарор дода, мефармояд: «Пас ин китобро бо он чи сохта ва пардохтаи адибони пешин аст, аз бисёре ҷиҳот фарқу тафовут дар кор аст, аз он ҷумла ин ки замони онон ба рифоҳ ва осоиш дамсоз будааст ва ман дар ҳангоме зистам, ки дасти ёрии замон ба мусоидатам барнахост… Аммо акнун замона ба кини аҳли он мегардад. Дорои фазлу адаб дар хонадони худ ва аҳли донишу хирад дар кори хеш ба дузде монад, ки ҳосили амал ба зери домон пӯшида дорад. Дигар он, ки дар ин замон фаҳмҳо кундӣ гирифта ва завқҳо биафсурда ва оташҳо фурӯ нишастааст»[1].

Ҳамин тавр, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ дар синни ҳаштсолагӣ дар қатори асирон аз Шом ба Самарқанд оварда шуд. Ӯ Темурро бо чашми худ дида, шоҳиди зиндаи қисме аз фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур, ҳаводиси марги ӯ, инчунин ба Самарқанд овардани ҷасади Темур мебошад. Ибни Арабшоҳ дар синни 12- солагӣ аз Самарқанд ба Хито ва сипас ба Хоразм, Адрана, Димишқ, Макка, Қоҳира сафар карда, пайваста ба илму донишомӯзӣ машғул шуд. Ӯ зимни ин сафарҳояш нақлу ривоятҳои зиёде дар бораи фоҷиҳои анҷомдоди Темур шунида, ба хулосае меояд, ки лашкаркашиву ғоратгариҳои Темурро сабти таърих намояд. Бинобар ин, ӯ асари «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-ро бо забони арабӣ навишт. Ин рисолаи офаридаи ӯ баръакси дигар рисолаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV–ибтидои асри XV дар заминаи шоҳиди иддае аз воқеаҳои таърихӣ будаи муаллиф ва маълумотҳои дар байни мардум маъмулбуда навишта шуд. Ибни Арабшоҳ дар ин рисола кӯшиш кардааст, ки воқеаҳои таърихиро воқеъбинона тасвир намояд. Аз ин сабаб Ибни Арабшоҳ тамоми хунхориву ғоратгариҳо ва ҳиллаву найрангҳои Темурро дар ин асари худ, баръакси муаррихони дарбори Темур, инъикос карда, ҳамзамон аз тасвири амалҳои неки Темур низ худдорӣ накардааст. «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» аз аввалин рисолаҳои таърихие

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф.- 2018. - С. 370-371.

шуморида мешавад, ки таърихи Темурро аз лиҳози интиқодӣ дар худ инъикос менамояд. Ин асар аҳамияти муҳими таърихӣ дошта, дар омӯзиши масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҷуғрофии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV –и Мовароуннаҳру Хуросон манбаи муҳим ба ҳисоб меравад.

# БОБИ 2. ИНЪИКОСИ ҲОДИСАҲОИ ТАЪРИХИИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА ИБТИДОИ АСРИ XV ДАР «ЗАФАРНОМА»-И НИЗОМУДДИНИ ШОМӢ ВА «АҶОИБУ -Л- МАҚДУР ФИ АХБОРИ ТЕМУР»-И ИБНИ АРАБШОҲ

## 2.1. Таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур тибқи ахбори Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ

Дар асри XIV дар байни ҳокимони улуси Чағатой, бинобар сабаби вуҷуд надоштани ҳокимияти муттамарказ, мунокишаҳои ҳокимияттталабӣ ба вуҷуд омад. Амир Қазонхон, ки соли 733 (1332-1333) фармонфармои улуси Чағатой буд[1], соли 1346 аз ҷониби амири дигари чағатоӣ Қазған кушта шуд. Аз рӯйи сарчашмаҳо сабаби ҳуҷуми Қазған дар якҷоягӣ бо дигар ҳокимон бар зидди Қазонхон маҳз золимиву бераҳмии ӯ буд. Шарафуддин Алии Яздӣ дар ин хусус навиштааст: «Чунончи, умарои улусро, ки ба қурултой талаб доштӣ, ҳар кас аз ғояти ваҳм дар хонаи хеш расми васият ба ҷой овардӣ ва баъд аз он мутаваҷҷеҳи ӯ шудӣ».[2] Мувофиқи навиштаи Хондамир Қазон амирону нӯйинони зиёдро ба қатл расонид.[3] Аммо ҳақ ба ҷониби Б. Ғафуров аст, ки дар ин хусус гуфтааст: «Дар солҳои 40-уми асри XIV Қазонхон равияи сиёсии Кебекхону Тармаширинро пеш гирифта, барои аз нав барқарор кардани ҳокимияти хонӣ кӯшишҳои зиёде намуд. Ӯ бо нияти ба вуҷуд овардани такягоҳи мустаҳкаме дар мубориза бар зидди феодалони бодиянишин дар масофаи ду манзил дуртари тарафи ғарбии Қаршӣ кӯшкқалъаи Занҷирсаройро бино кард».[4]Ин сиёсати пешгирифтаи Қазонхон норозигии ҳокимони муғлро ба миён оварда, соли 1346 миёни онҳо ҷанг сар зад, ки дар он ҳокимони маҳаллӣ шикаст хӯрданд, вале дар муҳорибаи дигар дар ҳамин сол Қазонхон аз ҷониби

---

[1] Фасих Ахмад ал-Хавафи. Муджамали Фасихи. Перевод, перидсловие, перемечение и указатели Д.Ю.Юсуповой.- Ташкент: Фан. 1980.-С.57

[2] Шарафуддин Алии Яздӣ. Зафарнома. Подготовка к печати, предисловие, примечания и указатели А. Урунбева. Ташкент: Фан. 1972, в 91 б.

[3] Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. Теҳрон .- 1271. Ҷузви 1. Ҷилди 3. -С. 301.

[4] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Ҷ.1./Б.Ғ. Ғафуров- Душанбе: Ирфон.- 1983. -С.622.

Қазған ба қатл расонида шуда, улуси Чағатой дар тахти тасарруфи ӯ қарор гирифт.

Пас аз ба қатл расонидани Қазонхон Қазған (1346-1357-58) Донишманчӣ Уғлонро ба тахти хонӣ нишонда, Мовароуннаҳрро аз номи ӯ идора мекард.[1] Баъд аз ду сол Қазған ӯро бо баҳонаи он ки гӯё аз насли Чағатой нест, ба қатл расонида, ба ҷояш Баёнқулӣ Уғлон, набераи Давохонро интихоб кард.[2] Бо вуҷуди чунин тадбирҳои андешидаи Қазған ҳокимият дар Мовароуннаҳр мустаҳкам нагардид, балки нимаи дуюми асри XIV майли ҷудоихоҳӣ ва ҳокимияттталабӣ то рафт хуруҷ кард. Соли 1358 амир Қазған ҳангмои шикор дар рӯди Ому аз ҷониби домодаш (шавҳари хоҳараш) Қутлуғтемур кушта шуд.[3] Писари Қазған Абдуллоҳ, ки ҳокими Самарқанд буд ва баъд аз марги падараш ҳокимияти онро дар зери тасарруфи худ нигоҳ медошт, «аз соли 1358 кӯшиш намуд, ки дигар сиёсати ифодакунандаи табақаи болои аҳолии муқимиро ҷорӣ намояд».[4] Вале дар ҳамин сол ӯ ба ҳуҷуми амири дигари муғул Баён Сулдуз, ки дар ҳудуди Ҳисор ҳокимиятро дар ихтиёр дошт ва Ҳоҷӣ Барлос, ки ҳокими Кеш буд, тоб наоварда, фирор намуда, бародараш Тамурхон кушта шуд. Пас аз ин Мовароуннаҳр дар дасти Баён Сулдуз ва Ҳоҷӣ Барлос қарор гирифт. Вале онҳо ҳам авзои сиёсии Мовароуннаҳрро ба танзим дароварда натавонистанд, балки аз бетаҷрибагӣ ва беаҳамиятии онҳо истифода карда, ҳокимони дигар вилоятҳои Мовароуннаҳр барои ба даст овардани ҳокимияти мустақил ва васеъ намудани ҳудудҳои вилоятҳои худ бештар кӯшиш карданд. Давлати чағатоӣ тақрибан ба сӣ мулки ҷудогона тақсим гардид,[5] ки баъзе вилоятҳои он ба дасти феодалони бодиянишин афтод.

Чунин шароити сиёсӣ, ба хусус вуҷуд надоштани ҳокимияти мутамарказ ва истиқлолиятхоҳии ҳокимони маҳаллӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон боиси зиддиятҳои нави ҳокимияттталабӣ гардида, аз назари

---

[1] Истори таджикского народа. Т. 3. Душанбе :2013. -С.425.
[2] Истори таджикского народа. Т. 3. Душанбе: 2013.- С.425.
[3] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз // Ғ.Ғоибов- Душанбе: 2006.- С.267.
[4] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Ҷ.1. / Б.Ғ. Ғафуров- Душанбе: Ирфон.- 1983. -С.623.
[5] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Ҷ.1. / Б.Ғ. Ғафуров- Душанбе: Ирфон.- 1983. -С.623.

таърих барои ба вуҷуд омадани давлати нав ва ё дар тобеияти ягон давлати пурқувват қарор гирифтани ин ҳудуд бо роҳи ҷангу хунрезӣ замина фароҳам месохт, зеро дар шароити асримиёнагӣ ба вуҷуд омадани як давлат ва ё тасарруф шудани ин минтақа аз ҷониби аҷнабиён бо дигар роҳ, хусусан бо роҳи сулҳ-бе ҷангу лашкаркашӣ ғайриимкон буд. Ҳамин тавр, бо пухта расидани омилҳои зарурӣ Мовароуннаҳр ҳам аз ҷониби аҷнабиён, аз ҷумла лашкари муғул истило ёфт ва ҳам давлати ягонаи мустақил дар симои Темур ба вуҷуд омад, ки натанҳо авзои дохилиро ба тартиб даровард, балки дигар кишварҳо, аз ҷумла Эрон, Ироқ, Сурия, Ҳиндустон ва ғайраҳоро ишғол намуда, бераҳмиҳои зиёд ба анҷом расонид.

Ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV дар Мовароуннаҳру Хуросон, хусусан ба майдони сиёсӣ баромадани Темур ва ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр омадани ӯ дар маъхазҳои хаттии нимаи дуюми асри XIV - ибтидои асри XV ва баъдан таълифшуда инъикос ёфтааст, ки аз омӯзишу таҳлил ва муқоисаи онҳо метавон таърихи таваллуд ва ба сари ҳокимият омадани ӯро то дараҷае муайяну мушаххас кард.

Низомуддини Шомӣ, ки тавре зикр кардем яке аз аввалин таърихнависони дарбори Темур буд, дар рисолаи худ «Зафарнома» дар хусуси таваллуди Темур ва зикри номи падару бобои ӯ ишора накардааст. Мувофиқи ахбори Ибни Арабшоҳ бошад, Темур писари Тарағой ва набераи Абғой буда, дар қарияи Хоҷа Илғори назди шаҳри Кеши Мовароуннаҳр, ки наздики Самарқанд аст, ба дунё омадааст.[1] Ӯ ишора менамояд, ки Темур аз қабилаи барлос мебошад.[2] Ғайр аз ин, Ибни Арабшоҳ дар хусуси насаби Темур мефармояд: «Ман худ дар зайли таърихи порсӣ ба номи «Ал-мунтахаб», ки авзои ҷаҳонро аз оғоз то замони Темур нигошта ва аз шигифтиҳои замон ёд кардааст, дидаам, ки насаби

[1] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон: 1977. -С. 4.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф.- 2018. -С. 36.

ӯро аз тарафи занон, ки камандҳои шайтонанд, ба Чингизхон расонидааст»[1].

Сафири испанӣ Руи Гонсалес де Клавихо, ки 8 сентябри соли 1404 ба дарбори Темур ба пойтахти давлати ӯ - шаҳри Самарқанд омада буд, дар рисолаи худ «Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403—1406)» ба Ибни Арабшоҳ ҳамфикр буда, зодгоҳи Темур ва падарашро шаҳри Кеш хондааст.[2] Вай ишора менамояд, ки Темур аз қабилаи чағатоӣ аст, ки ин қабила дар давраи ҳукумронии Чағатой барои зиндагӣ ба ин ҷо омада буданд. [3] Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва Хондамир низ зодгоҳи Темурро Шаҳрисабз (Кеш) ва санаи таваллуди ӯро ба 25 моҳи шаъбони соли 736 (8.04.1336) нисбат додаанд.[4] Бино ба ахбори Алии Яздӣ ва Хондамир падарш Тарағой ва модараш Текинахотун мебошанд.

Ахбори сарчашмаҳои хаттӣ дар хусуси таваллуди Темур ба ҳам шабоҳат доранд. Бо такя ба маълумоти дар онҳо дарҷшуда метавон хулоса кард, ки Темур аз қабилаи барлос буда, 25 моҳи шаъбони соли 736 ҳ.қ. (8 апрели соли 1336) дар деҳаи Хоҷаилғори назди шаҳри Кеш ба дунё омадааст.[5] Падараш Тарағой ва модараш Текинахотун низ зодаи шаҳри Кешанд, аммо ин қабила аз мардуми таҳҷоии Шаҳрисабз нест, балки марбут ба қабилаҳои чингизӣ буда, аз ҷадди ҳаштуми Темур Қоҷулӣ-нуйон, ки ба авлоди Чингизхон пайваст мегардад, ибтидо мегирад. Ҳангоме ки Чингизхон қисмате аз мамолики худро ба писараш Чағатой дод ва тоифае аз умароро мулозими ӯ кард, мансаби амирулумароии ӯро ба Қарочор муқаррар дошт, ки падари панҷуми Темур аст[6]. Яъне, ин қабила

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018.-С.35

[2] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф.- 2016.-С.129.

[3] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф. -2016.-С.134.

[4] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.12-13; Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон: Чопхонаи «Маҳорат», Чопи аввал, Ҷ.6- С.1013-1015; Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. Ҷ.3. Теҳрон, 1380 ҳ.қ. -С.393

[5] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния //А. Якубовский- Москва: Груш.-1992. –С.18

[6] Амиршоҳӣ Н. Темур-дуввумин чеҳраи хунрези таърих. / Н. Амиршоҳӣ // Фарҳанг,

ба монанди дигар қабилаҳои чингизӣ дар ҳудуди Мовароуннаҳр пас аз ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна, хусусан дар давраи ҳукмронии Чағатой ба ин ҷо омада, «бо туркон омезиш ёфта, дини исломро қабул намуданд».[1]

Таърихи Темур ва дигар паҳлуҳои ҳаёти шахсии ӯ то ба майдони сиёсӣ ворид шуданаш, аниқтараш то соли 1360 дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва Хондамир инъикос наёфтааст. Ибни Арабшоҳ бошад, дар ин хусус қайд менамояд, ки: «Ҷамоате ӯ ва падарашро шутурчарон ва бегона аз ақлу имон шумуранд ва дар зумраи мардуми пасту фурӯмоя ном баранд ва гӯянд, ки дар Мовароуннаҳр ба сар мебурданд ва ҳам дар он навоҳӣ ба таносуби фасл аз гармсер ба сардсер ва билъакс кӯч мекарданд».[2] Ҳамчунин, Ибни Арабшоҳ мефармояд: «... ва низ гуфтаанд, ки падараш кафшгаре ночиз...буд ».[3] Дар ҳамин хусус ривояти дигареро меорад, ки мувофиқи он падари Темур дар радифи сипоҳиёни султон ва фармондеҳи гурӯҳе дар шумори як сад тан буда, шуҳрати басазое доштааст.[4] Аммо Ибни Арабшоҳ худ ба ин ривоятҳои овардааш, ки аз забони мардум шунида буд, чандон бовар накарда, хулосаи худро дар ин хусус чунин баён медорад: «Боре ҷамъи байни ин суханон ба эътибори равиши даврон ва гардиши замон муяссар ояд ва чандон баид нанамояд ва он чи саҳеҳтар ба назар мерасад,он ки падараш Тароғой яке аз аркони давлати султон будааст»[5]. Тибқи иттилои Клавихо бошад, падари Темур аз ашрофони қабилаи чағатоӣ буда, зиндагии миёнаҳол дошт.[6] Дар асари «Манам Темури ҷаҳонкушо», ки аз

---

2004, №1. С.-13.

[1] Камол Х. Таджикский народ во вторoи половини XIV-XV вв / Х.Камол// Истории таджикского народа. Том III. (Период развития феодалного общества)- Душанбе: Дониш, 2013. С.- 428.

[2] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон: 1977. -С.4-5.

[3] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон: 1977. -С.5.

[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. С. -35.

[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. -С. 35.

[6] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016.-С.132.

ҷониби донишманди Фаронсавӣ Брион Марсел ҷамъоварӣ ва мураттаб шудааст, аз забони Темур қайд мегардад, ки падарам Тароқай буд ва ҷузви малокини камбизоати шаҳр (Кеш) ба шумор меомад, вале байни мардуми он шаҳр эҳтиром дошт». [1]

Ба андешаи мо Ибни Арабшоҳ худ дар хусуси падари Темур чандон маълумот надошта, ба ахбори аз мардум шунидааш такя кардааст, ки мазмунан хилофи якдигаранд ва дар зимн хулосаи худро низ баён доштааст, ки дар он каме ба муболиға роҳ додааст. Ахбори Клавихо бошад, нисбатан ба ҳақиқат наздиктар аст. Аммо ба андешаи мо воқеият ин аст, ки Тарағой идораи водии Қашқадарё, шаҳри Кеш ва Насафро дар ихтиёр дошт, вале сардори авлод ва ҳокими Кеш Ҳоҷӣ буд.[2]

Мувофиқи маълумоти Ибни Арабшоҳ Темур дар овони ҷавонӣ ҷавони чобуку хунрез буда, дар ҳамин муддат ба сабаби тангдастӣ ва парешонӣ ба ҳарза даст ба коре зад, ки зиёнаш ҳам бад ӯ боз гашт[3]… Клавихо бошад, оид ба ин масъала равшантар ишора карда, баён медорад, ки Темурланг дар ибтидо се-чор сарбоз дошта, ба дуздии гӯсфанду гови ҳамқабилаҳои худ машғул буд.[4] Аммо ба андешаи мо Темур аз рӯйи бечорагиву тангдастӣ ба дуздиву ғорат машғул набуд, балки ӯ дар ҷавонӣ ин амалро дар худ касб карда, бо чанд тан аз ҳампешагонаш ба ин кор рағбат баст.

Тибқи маълумоти овардаи Ибни Арабшоҳ Темур дар ҳоли бечорагиву бенавоӣ дар атрофи Систон ба дуздии моли чӯпоне даст зада, аз даст ва пояш захм бардошт.[5] Клавихо бехабар аз ахбори Ибни Арабшоҳ ин ҳодисаро тасдиқ мекунад. [6] Аз рӯйи ахбори Ибни Арабшоҳ ҳокими Ҳирот

---

[1] Манам Темури ҷаҳонкушо. Саргузашти Темурланг ба қалами худи ӯ. Гирдоваранда Морсел Бреун. Тарҷума ва иқтибоси Забеҳуллоҳ Масурӣ. (Мушахассоти китоб ) Теҳрон:1367.-С.5.

[2] Бартольд В. В. Сочинения / В.В. Бартольд-Москва Издательство «Наука». 1964. Том II. Част 2. -С. 38.

[3] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С. 5.

[4] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016.-С.132.

[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. -С. 38.

[6] Клавихо, Руи Гонсалес де. Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403—1406) . Москва: Наука.1990.-С.105.

Ҳусайн бо ин ҷурм ӯро дастгир намуда, ба қатл расониданӣ шуд, вале бо хоҳиши писараш аз хуни ӯ гузашта, вайро ба хидмат гирифт ва ба мубориза бар зидди ҳокими Систон фиристод. Темур ба ӯ ғалаба намуда, баъдан ба ҷониби Мовароуннаҳр гурехта, ба хидмати Ҳусайн барнагашт ва дар он ҷо амалиётҳои ҳарбии худро аз шаҳри Қаршӣ оғоз кард.[1] Ин воқеаҳо дар «Зафарнома» –и Низомуддини Шомӣ зикр намешавад, зеро ин қисмати шарҳиҳолии Темур бо рӯҳияи сабки баёни матолиби Низомуддини Шомӣ мувофиқ набуд, аммо муаллиф ҷанги якҷояи Ҳусайн ва Темурро бар зидди ҳокими Систон (пас аз ду маротибаи ҳуҷуми Теғлуқтемур ба Мовароуннаҳр) тасвир менамояд, ки дар ин муҳориба Темур аз дасташ захм мебардорад.[2] Дар хусуси ланг шудани Темур бошад, Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ ҳарфе ба қалам надодаанд. Ба эҳтимоли зиёд ин муаррихон аз тасвири ланг шудани Темур дар ин муҳориба, ки минбаъд ба номи ӯ калимаи «ланг» илова гардид, ҷуръат накарданд.

Тавре дар боло ишора рафт, Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ аз навиштани таърихи Темур то ба майдони сиёсӣ баромаданаш худдорӣ кардаанд. Дар хусуси сабаби ин В.В.Бартолд қайд менамояд, ки «бо эҳтимоли зиёд бо хоҳиши Темур таърихи ӯ то ба майдони сиёсӣ ворид шуданаш навишта нашудааст».[3] Агар ин андешаи В. Бартолдро мавриди муҳокима қарор диҳем, чунин натиҷа ҳосил мегардад, ки дар ҳақиқат Темур ба таърихнависони дарбори худ оид ба навиштани таърихи таваллуд ва овони ҷавонияш иҷозат надодааст. Шояд сабабаш он бошад, ки Темур баъди ба сари ҳокимият омаданаш худро ҳамчун шахси тақводор ва мусулмон муаррифӣ карда, нахост он ҳама дуздиву ғоратгариҳои ҷавонияшро, ки дар байни ҳамқабилаҳои худ ва дигар мардуми мусулмон анҷом медод, сабти таърих намояд. Дар ин хусус муаллифони сарчашмаҳои хаттии дасти дуюм, аз ҷумла Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018.- С. 38.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: 2019. - С. 44.
[3] Бартольд В. В. Сочинения / В.В. Бартольд - Москва. Издательство «Наука», 1964. Том II. Част 2. -С.38

Хондамир ба муаллифони замони Темур, хусусан Низомуддини Шомӣ такя карда, овони наврасӣ ва ҷавонии ӯро аз мадди назар дур гузоштанд.

Ба андешаи мо ахбори Ибни Арабшоҳ ва Клавихо дар хусуси овони ҷавонии Темур ба ҳақиқат наздиканд. Аз натиҷаи омӯзишу таҳлили рисолаҳои онҳо бармеояд, ки Темур дар ҷавонӣ аспдӯстдор, саворaи хуб ва камонкаши моҳир буд ва миёни ҳамсолони худ ба зудӣ эътибор пайдо карда, аз ҷониби онҳо ҳамчун роҳбар эътироф мешуд.[1] Бинобар ин, ӯ бо пайравони худ ба дуздӣ ва ғорати моли мардум машғул шуд. Зимнан ӯ шумораи тарафдорони худро зиёд карда, ба Хуросон рафт ва дар он ҷо ин амали худро идома дод ва ҳатто зимни дуздии моли чӯпоне дар Систон дастгир шуда, аз даст ва пойи росташ захм бардошт. Баъдан ӯ ба хизмати ҳокими Мовароуннаҳр Қазған машғул шуд. Қазған набераи худ Улҷой Турконоғоро ба ӯ ба занӣ дод ва Темур дар ҳамин вақт бо набераи ӯ Ҳусайн шинос шуд.[2]

Низомуддини Шомӣ дар асари худ «Зафарнома» вазъи сиёсии дохилии Мовароуннаҳрро дар нимаи дуюми асри XIV инъикос кардааст, ки мувофиқи навиштаи ӯ дар ин ҳангом Хуҷанд дар тасарруфи Боязид, Балх ва баъзе вилоёт дар тасарруфи амир Ҳусайн қарор дошта, Улҷой Буғой Сулдузӣ дар баъзе вилоятҳо, Муҳаммад дар Шибирғон, Кайхусрав ва Улҷойту дар вилояти Хатлон ва Арҳанг, ҳамчунин шоҳони Бадахшон дар Бадахшон ҳукумронӣ мекарданд.[3] Мувофиқи ахбори ин сарчашма дар ин вақт Шаҳрисабз дар ихтиёри Темур ва Ҳоҷӣ Барлос буда, аз қадим ба эшон таaллуқ дошт: «Ва дар ин асно Шаҳрисабз, ки туркон Кеш мехонанд ва тавобеу лавоҳиқи он дар тасарруфи амири соҳибқирон ва кишваркушои ҷаҳон амир Темури Курагон ва Ҳоҷӣ Барлос тааллуқ дошт».[4] Тибқи ин манбаъ Ҳоҷӣ Барлос бародари Темур мебошад. Аммо Шомӣ, «аз қадим» гуфта, аз кай ба Темур ва Ҳоҷӣ Барлос тааллуқ доштани Шаҳрисабзро

---

[1] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Якубовский- Москва. Груш, 1992. –С.18
[2] Истори таджикского народа. Т. 3. Душанбе, 2013. -С.429
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе, 2019. -С. 34
[4] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе, 2019. -С.34

дақиқ нишон надодааст. Дар дигар сарчашмаҳо, хусусан дар «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ, ки ӯ низ аз таърихнависони дарбори давлати Темуриён буд ва дар навиштани асараш «Зафарнома» аз асари Шомӣ, бешак, фаровон истифода намудааст, дар хусуси ба аҷдоди Темур тааллуқ доштани шаҳри Кеш бо Низомуддини Шомӣ ҳамфикр буда, навиштааст: «...шаҳри Кеш бо музофотҳои атрофаш аз рӯзгори гузашта ба обову аҷдоди ҳазрати соҳибқиронӣ ва амир Ҳоҷӣ Барлос тааллуқ дошт».[1] Мирхонд аз ҳокими шаҳри Кеш будани Ҳоҷӣ Барлос ёдовар шудааст, аммо дар хусуси таърихи ба сари ҳокимият омаданаш ба монандаи Низомуддини Шомӣ ва Алии Яздӣ ишора накардааст.[2]

Инъикоси вазъи сиёсии Мовароуннаҳр дар охири солҳои 50-уми асри XIV дар сарчашмаҳои таърихӣ маълум менамоянд, ки дар ҳамин вақт яке аз намояндаи қабилаи барлос - Ҳоҷӣ Барлос ҳокимиятро дар шаҳри Кеш дар ихтиёри худ нигаҳ медошт, аммо кай ва чӣ гуна ҳокими Кеш гардидани Ҳоҷӣ Барлос ва муносибати хешутабории ӯ бо Темур чандон равшан нест. Тавре ки гуфтем, Низомуддини Шомӣ ӯро бародари Темур номидааст. В.В. Бартолд оид ба ин масъала дар «Зафарнома»-и Шомӣ аҳамият дода, изҳор медорад, ки Ҳоҷӣ бародари Темур набуда, маълумоти сарчашма эҳтимол аз ишора ба мансубияти онҳо ба як авлод бошад.[3] Ҳокими шаҳри Кеш будани Ҳоҷӣ Барлос ва муносибати ӯ ба Темур дар рисолаҳои Ибни Арабшоҳ ва Клавихо зикр наёфтаанд.

Шарафуддин Алии Яздӣ номи пурраи Ҳоҷиро «Хоҷӣ Барлос ибни Нуралки ибни Намула ибни Йасу Мунки ибни Қарочор -нуйон»[4] тасвир кардааст. Номи пурраи Темур бошад, «Темури Курагон писари амир Тароғой-нуйон писари амир Тӯкал нуйон писари амир Илингир-нуйон

---

[1]Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008.- С.19

[2] Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон.1366 -С.1013-1015.

[3] Бартольд В. В. Сочинения / В.В.Бартольд- Москва: Издательство «Наука». 1964. Том II. Част 2. -С.39

[4] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.19.

писари амир Иҷил-нуйон писари амир Қарочор-нуйон»[1] аст. Яъне, ҷадди панҷуми Темур бо ҷадди чоруми Ҳоҷӣ Барлос дар Қарочор- нуйон ба ҳам пайваст шуда, ба як авлод мерасанд. Қарочор–нуйон бошад, писари Суғон, писари Тумонхон, писари Қойҷулӣ –нуйон аст, ки асли тоифаи барлос буда, ҷадди ӯ ба Қабалхон ва Тумонхон, ки падари чоруми Чингизхон аст, рафта мерасад. Муҳаммад Юсуф Валеҳ Исфаҳонии Қазвинӣ дар асари худ «Холди Барин» номи пурраи Темурро ба монанди Шарафуддин Алии Яздӣ зикр карда, ишора менамояд, ки падари нуҳуми Темур ба насаби Чингизхон иттисол меёбад.[2]

Дар зимн метавон хулоса кард, ки Темур муғули мусулмоншуда буда,[3] бо Ҳоҷӣ Барлос пайванди хунӣ доштанд ва Низомуддини Шомӣ бинобар сабаби эҳтиром гузоштан ба ин хонадон Ҳоҷиро бародарӣ Темур номидааст. Ғайр аз ин, воқеаҳои минбаъда дар инъикоси Шомӣ, хусусан иҷозат пурсидани Темур аз Ҳоҷӣ Барлос ҳангоми рафтан ба хидмати Туғлуқтемур дар соли 1360, хиёнат кардани Темур ба иттифоқчии худ Хизр ва ба тарафи Ҳоҷӣ Барлос гузаштани ӯ дар ҷанги миёни онҳо, ҳамчунин кӯмак кардани Ҳоҷӣ Барлос дар фирор намудани Темур аз лашкариёни Боязид, ки иттифоқчии Ҳоҷӣ Барлос буд (ин воқеаҳоро дар поён муфассал зикр хоҳем кард) ба он ишора менамоянд, ки дар байни хонадонҳои Темур ва Ҳоҷӣ Барлос робитаи хешутаборӣ вуҷуд дошт.

Масъалаи ба майдони сиёсӣ баромадани Темур ва даст ёфтани ӯ ба мамолики Мовароуннаҳр аз масъалаҳоест, ки дар ду сарчашмаи дасти аввал - «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ ба таври гуногун тасвир ёфтаанд. Низомуддини Шомӣ 18 гуфтор ва зиёда аз 70 саҳифаи асарашро маҳз дар масъалаи воқеаҳои таърихии Мовароуннаҳр то ба сари ҳокимият омадани Темур

---

[1] Талхиси «Равзату-с-сафо», ҷ. 6, Теҳрон, 1373.- С.1011

[2] Муҳаммад Юсуф Валеҳ Исфаҳонии Қазвинӣ. Холди Барин (Таърихи Темуриён ва туркманон) Теҳрон: 1379 ҳ. Ҷ.6-7.-С.37.

[3] Амиршоҳӣ Н. Темур-дуввумин чеҳраи хунрези таърих / Н. Амиршоҳӣ // Фарҳанг, 2004, №1. - С.13.

бахшидааст. Ибни Арабшоҳ бошад, дар асари худ «Зиндагии шигифтовари Темур» («Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур») ин масъаларо ҳамагӣ дар чор гуфтор: «Гузаштани Темур аз Ҷайҳун», «Гирифтории Темур дар шаҳри Қаршӣ ва раҳоӣ ёфтани ӯ», «Шоҳон ва озодагоне, ки бандагии вай пазируфтанд» ва «Азимати Темур ба сӯи Бадахшон» овардааст, ки ҳамагӣ 6 саҳифаро дар бар мегирад.

Мувофиқи навиштаи Ибни Арабшоҳ Темур, ки дар банди амир Ҳусайн буд ва аз ҷониби ӯ аввалин бор ба ҷанг бар зидди волии Систон фиристода шуд, баъд аз музаффарият аз амир Ҳусайн фирор намуда, бо лашкар аз Ҷайҳун гузашта, дар Қаршӣ қарор гирифт. Ӯ мегӯяд: « Рӯзе, дар он ҳол ки аз гардиши даврон зиёни фаровоне дида ва аз садамати рӯзгор ба ҷон расида буд, ба ёрони худ чунин гуфт, ки дар ин наздикӣ ба ном Нахшаб, шаҳри Абутуроби Нахшабӣ, ки худо биёмурзад!- дар амон аз фитнаи замон ва ниҳон аз чашми ҳаводиси даврон, ҳар гоҳ бад-он даст ёбем, паноҳгоҳи мо тавонад буд ва фармонравои он шаҳр Мусо агар ба ҷанги мо ояд ва ба чанги мо афтад, амволи вай биситонем ва бад - он комраво гардем…»[1] Бино ба ахбори ин манбаъ Темур бо ҳамроҳонаш пинҳонӣ ба ин шаҳр ворид шуда, ғаниматҳои зиёде ба даст оварданд, аммо ҳангоми бозгашт бо лашкари ҳокими шаҳр рӯ ба рӯ шуданд. Ба Темур ва лашкариёнаш муяссар шуд, ки аз ин шаҳр ба зудӣ ба қароргоҳи худ баргарданд: «Онон бо ғаниматҳои бисёр ба ҷойгоҳи худ бозгаштанд ва ҷамъе аз аҳли фасод бад эшон пайвастанд ва шумораи онҳо ба 300 тан расид».[2] Клавихо ҳарчанд ин воқеаро қайд намекунад, аммо ба таври умумӣ ахбореро меорад, ки ба ахбори Ибни Арабшоҳ монанд аст: «Баъди чанде ӯ аллакай сесад сарбози савора дошт. Вақте ки ӯ бо сарбозони худ барои таллаву тороҷ кардани дигар мавзеъҳо мерафт, ҳама чизеро, ки имкони ғорат кардан ва дуздидан буд, бо худ гирифта меовард. Ӯ дар роҳҳои корвонгузар пайдо

[1] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С. 12-13.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. -С. 41.

шуда, корвони тоҷиронро ғорат мекард».[1]Ин воқеаҳо дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва дигарон инъикос наёфтаанд. Бо эҳтимоли зиёд Низомуддини Шомӣ аз ин воқеаҳо бохабар буду ба хотири ҳифзи эътибори Темур онҳоро тасвир накард.

Таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ дигар хел тасвир ёфтааст. Мувофиқи ахбори ин маъхаз дар ҳоли парокандагии сиёсӣ қарор доштани Мовароуннаҳр ва зуҳур кардани фитнаву ошӯб дар байни ҳокимони маҳаллӣ хони муғул Туғлуқтемур ба ин сарзамин ҳуҷум кард: «…Дар ин асно, Туғлуқтемур, ки подшоҳи вилояти Муғул буд, ҳаваси мубоширати умури салтанат кард. Лашкару ҳашами худро ҷамъ кард ва рӯй ба тарафи Мовароуннаҳр ниҳод ва чун ба мавзеи Ҷонок Булоқ, ки думанзилии Самарқанд аст, расид. Баъд аз ҷонкӣ ва машварат бо умарову аркони давлат Тук Темур аз қабилаи кароят ва амир Ҳоҷӣ Эркинутӣ ва амир Бекиҷакро ба тарафи Мовароуннахр номзад кард, то мутобиати Боязиди Ҷалоирӣ кунанд»[2]. Дар ин ҳангом амири Хуҷанд Боязиди Ҷалоирӣ ба онҳо тобеъ шуда, бо лашкари худ ба ҷониби лашкари Туғлуқтемур пайваста, ба тарафи Шаҳрисабз равон шуданд. Амири Шаҳрисабз Ҳоҷӣ Барлос аз лашкари душман тарсида, рӯ ба ҷониби Хуросон ниҳод. Аммо Темур аз Ҳоҷӣ Барлос иҷозат пурсида, ба хидмати Туғлуқтемур рафта, аз ҷониби ӯ ба мансаби ҳокими шаҳри Кеш таъйин гашт. [3] Соли ин лашкаркашии Туғлуқтемур дар рисолаи Низомуддини Шомӣ зикр нашудааст. Аз рӯйи маълумоти дигар таърихнависон, аз ҷумла Хондамир ин воқеа дар соли 761 ҳ.қ[4] мутобиқ ба соли 1360-и милодӣ сурат гирифтааст. Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирзо Ҳайдари Дуғлоб ва Мирхонд дар асарҳои худ ин санаи лашкаркашии Туғлуқтемурро аниқтар нишон дода, онро ба моҳи рабеу-с-

---

[1] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016.- С.132.

[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 35.

[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Бо муқаддима ва кӯшиши Паноҳӣ Саҳнонӣ. Интишороти Бомдод. 1363 . – С. 16.

[4] Хондамир. «Ҳабибу-с-сияр». Теҳрон, 1271. Ҷилди 3, ҷ. 1. -С. 301.

сонии соли 761 ҳ.қ., мутобиқ ба моҳи феврал –марти соли 1361 нисбат додаанд.[1] Бино ба ахбори Мирхонд дар ин вақт синни Темур аз 25 сол бештар буд.[2]

Ибни Арабшоҳ бошад, оид ба ҳуҷуми лашкари муғул ба Мовароуннаҳр ба таври умумӣ ишора карда, подшоҳи онро Қамариддинхон номидааст, ки гӯё ӯ ба даъвати Темур ба Мовароуннаҳр ҳуҷум кард: «Темур номае ба фармондеҳи сипоҳи муғул, Қамариддинхон нигошт ва ӯро ба дастёрии худ хонд. Вай дарзамон пазируфт ва ҷониби ӯ қавӣ дошт, то бар султон чира шавад ва шаҳру диёраш бозситонад ва Темурро ба домодии худ навид дода, инони корҳо дар дасташ ниҳод ва сӯйи диёри худ бозгашт».[3] Ибни Арабшоҳ соли ин ҳуҷумро зикр накарда, инчунин аз дигар ҳуҷуми лашкари муғул ёдрас нашудааст.

Соли 1361 подшоҳи муғул Туғлуқтемур аз вазъи ноороми сиёсии Мовароуннаҳр ва мунокишаҳои байнихудии ҳокимони маҳаллӣ огоҳ шуда, ба Мовароуннаҳр лашкар кашид. Темур ба хидмати ӯ рафта, дар гирифтани Мовароуннар ба ӯ кӯмак кард ва аз ҷониби Туғлуқтемур ба мансаби ҳокими Кеш таъйин гардид. Пас аз ин Темур то ҳудуди Ому лашкар ҷамъ намуд.

Туғлуқтемур пас аз гирифтани Мовароуннаҳр ба шаҳру навоҳии он ҳокимони дилхоҳи худро таъйин карда, ба тахтгоҳи худ баргашт. Аммо дере нагузашта миёни ҳокимон мухолифат сар зад. Амир Ҳусайн, ки ҷиҳати ба даст овардани ҳокимият ҳамеша талош дошт, аз ин вазъият истифода намуда, ба муқобили амир Баён, ки дар Ҳисори Шодмон ҳоким буд, лашкар кашид ва дар ин мубориза аз амир Боязид-ҳокими Хуҷанд, амир Хизр ва амир Темур мадад хост. Дар натиҷаи ҷанг Баён шикаст хӯрда, ба ҷониби Бадахшон ақиб нишаст. Аз ҳуҷуми дастаҳои зикршуда

---

[1] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент: 2008. -С.20; Мирзо Ҳайдар. Таърихи Рашидӣ, в.12а-дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, №475; Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон. Ҷ.6- С.1014

[2] Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон. Ҷ.6.- С.1014

[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. -С. 42.

шоҳи Бадахшон Баҳоуддин ба воҳима афтода, рӯ ба гурез ниҳод ва Бадахшон дар тасарруфи амир Ҳусайн қарор гирифт.[1]

Дар ҳамин муддат Ҳоҷӣ Барлос аз амири Хуҷанд Боязид кумак хоста, ба муқобили амир Хизр равон шуд. Миёни Ҳоҷӣ Барлос, амир Хизр ва Темур ҷанги шадид ба вуқӯъ омад: «Ва амири соҳибқирон ва амир Хизр бо лашкари Шаҳрисабз мутаваҷҷеҳи Самарқанд шуданд. Дар роҳ лашкар гурехта бозгаштанд ва пеши Ҳоҷӣ Барлос рафтанд. Амир Хизр тасаввур кард, ки амир Темур лашкарро ба ҷониби бародар фиристонд».[2] Пас аз ба даст овардани музаффарият амир Боязид қасди ҷони Темур кард, ки ӯ аз ин воқеа ба воситаи Ҳоҷӣ Барлос огоҳ шуда, фирор кард.

Аз чунин раванди мухолифати ҳокимони Мовароуннаҳр Туғлуқтемур огоҳ шуда, дубора ба Мовароуннаҳр лашкар кашид. Бино ба ахбори Низомуддини Шомӣ ҳангоми ба Хуҷанд расидани Туғлуқтемур амир Боязид ва дар вақти ба Самарқанд расиданаш амир Баён ва Ҳоҷӣ Барлос ба хизмати ӯ шитофтанд, аммо ҳангоми амр фармудани Туғлуқтемур ҷиҳати дастгир кардани амир Боязид Ҳоҷӣ Барлос тарсида, фирор намуд. Темур ба назди Туғлуқтемур рафта, аз ҷониби ӯ ҳокими вилояти Кеш таъйин шуд.[3]

Низомуддини Шомӣ соли ин лашкаркашии Туғлуқтемурро зикр накардааст, аммо ба санади Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирход ин воқеа дар санаи ҷумодиу-л-аввали соли 762 (марти соли 1961) рух додааст.[4] Шарафуддини Алии Яздӣ ва Мирхонд дар хусуси дигар масъалаҳои ин воқеа ба Низомуддини Шомӣ ҳамфикр мебошанд. Аммо тавре ки гуфтем, Ибни Арабшоҳ дар ин хусус ишора накардааст.

Зимни ин ҳуҷуми Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр ҳокими Балх амир Ҳусайн ба муқобили ӯ бархост. Дар ин ҷанг Ҳусайнро ҳокими Хатлон Кайхусрав ҳамроҳӣ мекард. Ҳангоми саф оростани лашкарҳо Кайхусрави

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 37.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 37
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 39
[4] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. 2008. -С.25; Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон: Чопхонаи «Маҳорат», Чопи аввал, Ҷ.6- С.1010

Хатлонӣ бо сабаби аз ҷониби Ҳусайн ба қатл расидани бародараш[1] ба ҷониби Туғлуқтемур гузашт, ки дар натиҷа амир Ҳусайн шикаст хӯрда, фирор намуд.[2] Туғлуқтемур то ҳудуди Ҳиндукуш лашкар кашида, ба Самарқанд баргашт ва амир Баёнро ба қатл расонд.

Мувофиқи ахбори Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ Туғлуқтемур дар ин навбат писари худ Илёсхоҷаро ҳокими Мовароуннаҳр ва Бекиҷакро ба вазифаи мулозимати ӯ таъин кард. [3] Темур пас аз рафтани Туғлуқтемур ба ҷониби амир Ҳусайн гузашта ба муқобили Илёсхоҷа мубориза бурд. Сабаби ба ҷониби амир Ҳусайн рӯ овардани Темурро Низомуддини Шомӣ ҷабру ситами аз ҳад зиёди Бекиҷак ва аз рӯи васияти подшоҳ кор накардани ӯ баён доштааст: «Бекиҷак дар ақиби подшоҳ ба муҷиби васияти ӯ кор накард. Ва зулм ва удвон ва бағйу туғён оғоз ниҳод. Чун амири соҳибқирон ҳоли ӯ бар он минвол дид, маслиҳат дар он дид, ки худро аз суҳбати ӯ дур дорад, то рӯзе ба сабаби ӯ аз тарафи подшоҳ шармсорӣ набарад. Бинобар ин, аз эшон муфориқат карда, мутаваҷҷеҳи ҷониби амир Ҳусайн шуд».[4]

Ба назари мо дар ин масъала Низомуддини Шомӣ ҳақиқати таърихро пинҳон доштааст, зеро аз чунин шахси хунхору золим ба мисли Темур ҳеҷ гоҳ адолатпарвару ҳақҷӯй наметавон интизор шуд. Эҳтимол меравад, ки Темур бо назардошти манфиатҳои шахсии худ ба Илёсхоҷа хиёнат карда, ба ҷониби амир Ҳусайн гузашт. Амири Хева Тукал аз ин воқеа огоҳ шуда, ба муқобили Ҳусайн ва Темур лашкар кашида, дар мавзеи Поёб онҳоро шикаст дод. Ҳусайн ва Темур тамоми асокири худро аз даст дода, фирор карданд. Ҳангоми дар Маҳмудӣ расидани онҳо Алибек Ҷувонии Қурбонӣ аз ҳолашон хабар ёфта, онҳоро дастгир кард. Темур ва Ҳусайн аз банди ӯ халос хӯрда, баъди як муддат бо ҳокими Систон иттифоқ баста, ба ивази

---

[1] Ҳусайн ҳангоми ҳуҷум ба Бадахшон дар соли 1360 бародари Кайхусрави Хатлонӣ - Кайқубоди Хатлониро ба қатл мерасонад.

[2] Шарифзода А. Кӯлоб- шаҳри қадимаи тоҷикон. / А. Шарифзода // Кӯлоби бостонӣ, Душанбе: Эҷод - 2006. - С. 26

[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.40 // Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент, 2008. -С.26.

[4] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 40

симу зарри зиёд ба муқобили душмани ӯ мубориза бурданд. Аммо ҳокими Систон ваъдахилофӣ карда, ба аҳдаш вафо накард.

Темур ва Ҳусайн муқобили хони муғул мубориза бурда, соли 1364 Мовароуннаҳрро озод намуданд.[1] Баъди ин миёни Темур ва Ҳусайн мухолифат сар зад, ки оқибат ба марги амир Ҳусайн ва ба Мовароуннаҳр соҳиб шудани амир Темур анҷом ёфт. Тибқи маълумоте, ки дар «Зафарнома» оварда шудааст мухолифати Темур бо Ҳусайн асосан баъд аз шикаст хӯрданашон аз ҷониби лашкари муғул дар соли 766 ҳ.қ. (1363-65) ва дар ҳамин сол пахш кардани шӯриши Сарбадорон дар Самарқанд оғоз шудааст. Ғайр аз ин, раванди ҳодисаҳо собит месозанд, ки Темур ба хотири манфиатҳои шахсии худ то ба сари ҳокимият омаданаш ба ҳама иттифоқчиёни худ хиёнат кардааст.

Пеш аз он ки сабабҳои мухолифати Ҳусайн ва Темурро баъди ба қатл расонидани шӯришгарони Самарқанд баён намоем, масъалаи инъикоси шӯриш дар таълифоти Шомӣ зарур аст.

Низомуддини Шомӣ дар фасли «Зикри мусаххар кардани амир Ҳусайн мамлакати Самарқандаро» мефармояд, ки «Мавлонзодаи Самарқандӣ, Мавлоно Хурдаки Бухороӣ ва Абубакри Надоф ҳар се сарбадор шуда, мардуми шарир бар эшон ҷамъ шуда буданд ва нагузоштанд, ки лашкари ҷата дар Самарқанд дарояд. Ва эшон чун оҷиз шуданд, таваққуф накарданд ва он се мард ба сардорӣ мағрур шуда, зулму ҷавр пеша сохтанд. Ва халқ дар дасти ҷавру бедоди эшон гирифтор буданд. Амир Ҳусайн чун ба Самарқанд расид, фармуд то сари Сарбадарон ба дор карда, мардумро аз шарри эшон халос диҳад. Амири соҳибқирон Мавлонозодаро шафоат фармуда, халос дод ва боқиро ҳалок кард»[2]. Ибни Арабшоҳ бошад, аз ин ҳодиса ёдовар нашудааст, аммо менависад, ки «Дар Самарқанд ҷамоате аз шӯришиён ва фурӯмоягон буданд, ки куштигирӣ, муштзанӣ, дурӯӣ ва найрангсозӣ рӯзгор мегузоштанд ва ҳар тоифа бо дигаре чун қабоили қайсу яман кинаи дерин дар кор ва хилофу душманӣ пойдор

---

[1] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон / Б.Ғ. Гафуров- Душанбе: Ирфон-1983.Ҷ.1. -С.640

[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.50-60

доштанд».[1] Бино ба санади ин манбаъ ҳангоми дар сафарҳо будани Темур ин қабоил нуҳ маротиба шӯриш бардошта, оқибат аз ҷониби Темур ба қатл расонида шуданд.[2]

Шарафуддин Алии Яздӣ ва Хондамир ба монанди Низомуддини Шомӣ қайд менамоянд, ки шӯришгарон баъд аз муваффақият ба халқ ҷабру зулм карда, мардумро ба қатл расониданд[3] ва Алии Яздӣ ба онҳо тариқи назмгуна баҳо додааст, ки мазмунаш ин аст: « Эй Худо магзор, ки гадо шахси муътабар гардад».[4]

Аз тасвири ин воқеа дар сарчашмаҳо бармеояд, ки аслан таърихнависони зикршуда амали озодихоҳии шӯришгаронро бар зидди лашкари муғул, ки душмани Темур ва Ҳусайн буданд, манфӣ арзёбӣ карда натавонистанд. Аммо дар хусуси он ки Шомӣ даст ёфтани Темурро ба Самарқанд ба воқеае асоснок намояд, баҳонаи зулми сардорони шӯришро ба мардум пеш гузошта, хостааст ба ин восита Темурро шахси раъиятпарвар ва пуштибони халқ нишон диҳад. Шарафуддин Алии Яздӣ ва Хондамир, ки дар нигориши ин воқеа ба Шомӣ ва дигар таърихнависони дарбори Темур тақлид намудаанд, ин воқеаро бо сабки дигар навиштанд. Бинобар ин, асли ҳодиса дар сарчашмаҳои зикршуда холисона тасвир наёфтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки соли 1365 хони муғул Илёсхоҷа ба Мовароуннаҳр лашкар кашид. Ҳусайн ва Темур ба муқобили ӯ бархоста, дар назди дарёи Чирчиқ муборизаи шадид сурат гирифт.[5] Ҳусайн ва Темур шикаст хӯрда, Ҳусайн ба тарафи Соли Сарой ва Темур ба ҷониби Самарқанд фирор намуданд. Темур лашкари парокандашудаашро дар муддати кӯтоҳ дар шумори 12000 нафар ҷамъ намуд, аммо натавонист

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф,-2018.- С. 47.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф,-2018.- С. 48.
[3] Алии Яздӣ. Зафарнома. 1887 р.110; Хондамир, «Ҳабибу-с-сияр». Ҷ. III, қисми 3. -С.9.
[4] Алии Яздӣ. Зафарнома. 1887 р.110
[5] Бартольд В. В. Улусные эмиры. Царствование Тимура / В.В.Бартольд// Сочинения. Москва: Наука 1964. Том II. Част 2. -С.37; Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон / Б.Ғ. Гафуров- Душанбе: Ирфон-1983.Ҷ.1. -С.640.

дубора ба муқобили Илёсхоҷа мубориза барад. Аз ин рӯ, маҷбур шуд бо лашкари худ аз рӯди Аму гузашта, дар Балх муқим шавад.[1]

Пас аз ин воқеа лашкари муғул ба ҷониби Самарқанд ҳаракат кард. 500 нафар ҷавонони Самарқанд зери роҳбарии Мавлонозодаи Самарқандӣ, Мавлоно Хурдаки Бухороӣ ва Абубакри Надоф ба мудофиаи шаҳр бархоста,[2] лашкари муғулро шикаст доданд. Аммо ин пирӯзии онҳо амир Ҳусайн ва амир Темурро ба ваҳшат андохт, зеро аҳолии шаҳр бо нируи худ коре карда буданд, ки Ҳусайн ва Темур бо лашкариёни худ натавониста буданд. [3] Ғайр аз ин, Темур ва Ҳусайн гарчанде дар мубориза ба муқобили муғулҳои ҷата бо Сарбадорони Самарқанд як вазифа-мағлуб намудани лашкари муғулро доштанд, аммо дар навбати худ мақсадҳои онҳо фарқ мекард. Ҳадафи асосии Ҳусайн ва Темур ба даст овардани ҳокимият дар Мовароуннаҳр ва мақсади ошӯбгарон ҳифзи озодӣ ва истиқлолияти худ буд. Аз ин рӯ, амали Сарбадорони Самарқанд барои ояндаи онҳо хатар дошт.

Амир Ҳусайн ва Темур тирамоҳи соли 1366 ба Самарқанд омада, аҳдшиканона шӯришгарон, хусусан сардорони он Абубакр Калавии Надоф ва Мавлоно Хурдаки Бухороиро ба қатл расонида, ҳокимиятро дар Самарқанд ба даст гирифтанд.[4] Темур бо мақсади нақшаҳои разилонаи худ ва ба даст овардани эътимоди мардум аз Ҳусайн хоҳиш кард, ки аз хуни Мавлонозодаи Самарқандӣ гузашт намояд. Мутаассифона, дар бораи ҳаёти минбаъдаи Мавлонозода то кунун маълумот дастрас нест. [5]

Низомуддини Шомӣ дар фасли «Зикри мусаххар кардани амир Ҳусайн мамлакати Самарқандро» ишора менамояд, ки пас аз ишғоли Самарқанд ҳирс дар ниҳоди Ҳусайн ғолиб шуда, ба ҷамъи амвол рағбат баста, дар

---

[1] Бойматов Л. Сарбадорони Самарқанд / Л. Бойматов - Интишороти «GlobeEdit»-2019.- С.42

[2] Камолиддин Абдураззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ас-саъдайн. 1372 ҳ. қ. -С.350-351.

[3] Ожанд Яъқуб. Қиёми шиаии Сарбадорон. Теҳрон, 1363. -С.227

[4] Камол Х. Таджикский народ во торои половини XIV-XV вв / Камол Х.// Истории таджикского народа. Том III. (Период развития феодалного общества)- Душанбе: Дониш, 2013.- С. 437.

[5] История таджикского народа. Том III. (Период развития феодалного общества)- Душанбе: Дониш, 2013.- С. 436.

гирифтани амволи амир Чоку, амир Сайфуддин, Оқ Буғо, Элчи Баҳодур ва Давлатшоҳ, ки аз наздикони Темур буданд, худдорӣ накард. Темур бар ивази халосии онҳо ба Ҳусайн гӯшвора ва дастёраи Улҷой Турконоғо, ки хоҳари амир Ҳусайн буд ва дар ҳиболаи амир Темур қарор дошт, пешкаш кард. Ғайр аз ин, Ҳусайн бар ивази озод намудани онҳо аз Темур се ҳазор динор талаб намуд.[1] Пас аз ин ҳодиса амир Мусо, Урду Хотун, Алӣ Дарвеш ва Фарҳод ба амир Ҳусайн мактубе навиштанд, ки гӯё Темур ҷиҳати мухолифат бо ӯ чора андешида истодааст. Мувофиқи ахбори «Зафарнома» аз ин ҳодисаҳо мухолифати Темур бо Ҳусайн оғоз шуд, ки дар чанд фасли он инъикос гардида, дар он амир Ҳусайн гунаҳгор дониста шудааст.

Ибни Арабшоҳ сабаби мухолифати Темурро бо Ҳусайн, ки дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, зикр накарда, якбора ҳуҷуми амир Ҳусайнро ба ҷониби Темур овардааст, ки аз рӯйи ахбори ин манбаъ дар натиҷаи ин ҷанг Ҳусайн шикаст хурда, ба ҷониби Балх фирор намуд ва Темур ба ғорату яғмогарӣ оғоз ниҳода, сипоҳи худро афзун гардонид ва ба мамолики Мовароуннаҳр даст ёфт: «Темур бад-ин гуна бар мамолики Мовароуннаҳр мустақар гашта, ба мардуми он диёр ба ғалабаву қаҳр фармонраво гашт. Он гоҳ ба афзоиши лашкар ва ороиши сипоҳ пардохт ва тасарруфи қалъаҳои матин ва қарияҳои сипоҳнишин ваҷҳаи ҳиммат сохт».[2]

Пас, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Низомуддини Шомӣ ба Темур бештар таваҷҷуҳ намуда, дар хусуси сабабҳои мухолифати Темур бо Ҳусайн асли воқеаро баён накардааст. Ба андешаи мо Ҳусайн ва Темур, ки ҳарду мақсади ҳукмронии Мовароуннаҳрро доштанд, пас аз тасарруфи он барои амалӣ намудани нақшаҳои худ мухолифат намуданд. Соли 1370 Темур мухолифати худро ба амир Ҳусайн ба таври ошкоро эълон карда, ба ҷониби Балх лашкар кашид.[3]

[1]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.61.
[2] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С. 16.
[3] Шарифзода А. Кӯлоб- шаҳри қадимаи тоҷикон. / А. Шарифзода // Кӯлоби бостонӣ,

Низомуддини Шомӣ бо ҳусни таваҷҷуҳ ба Темур мефармояд: «Амири соҳибқирон чун тағйири аҳволу табдили афъолу ақвоми ӯ (Ҳусайн) мушоҳида фармуд, ба дидаи фаросат дар ҷоми ҷаҳоннамои замири худ чеҳраи мулку давлати ӯро харошида дид ва футур ба ҳовошии аҳволи ӯ роҳ ёфта. Ба амир Мусо машварат фармуда, гуфтанд, ки бар қавлу феъли ӯ эътимод намондааст ва муфсидон дар мизоҷи ӯ маҷоли тасарруф ёфтаанд»[1].

Бино ба ахбори ҳамин манбаъ Темур бо як қатор ҳокимони дигар, аз ҷумла ҳокимони Хатлону Бадахшон ба Балх ҳуҷум карданд. Ибни Арабшоҳ бошад, гарчанде сабаби лашкаркашии Темурро ба Балх зикр накардааст, аммо ҳуҷуми ӯро дар якҷоягӣ бо ҳокимони Бадахшон тасвир кардааст, ки ба ахбори Шомӣ монанд мебошад: «Темур номае ба волиёни Бадахшон фиристод ва дар он замон ду бародар пас аз марги падари худ аморати он шаҳр доштанд ва султон як бор бар эшон ғолиб омада, боз ҳукумат ба онҳо муқаррар дошта буд, бад- ин шарт ки аз фармони вай сар напеچанд ва писарони худ ба гарав назди вай фиристанд. Ва чун фарзандони эшон ба асорат назди султон ба сар мебурданд, худ низ асири иродаи ӯ буданд. Чун номаи Темур бирасид, ба ҷон пазируфтанд ва дар ҷамъи ёрони вай даромаданд».[2]

Мувофиқи ахбори ҳар ду манбаъ Темур бо волиёни Бадахшон ба Балх ҳуҷум кард ва султон Ҳусайн писарони ҳокимони Бадахшонро, ки дар асораташ буданд, ба қатл расонид, аммо дар ин муҳориба шикаст хӯрда, ба манор баромад ва ҳангоми гурехтанаш дастгир гардид. Шомӣ менигорад, ки Темур мехост аз хуни ӯ даргузарад, аммо «амир Улҷойту ба гӯшаи чашм ба амир Муайиду Кайхусрав ишорат кард, ғулуф карданду машварат нокарда, ӯро ба қасосгоҳ бурданд ва ба ёсоқ расониданд».[3] Ибни Арабшоҳ низ ин воқаеро тасвир намуда, мефармояд: « Пас тан ба фармони қазо дод

---

Душанбе, Эҷод. 2006.-С. 28

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 94

[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф, 2018.- С. 41-42.

[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 99.

ва гардан ба ҳукми қадар ниҳода, аз қалъа ба зер омад… Темур вайро бо худ дошт ва кори он сомонро ба қабзаи қудрат гирифт».[1] Мувофиқи ҳамин сарчашма ин ҳодиса дар моҳи шаъбони соли 771 ҳиҷрӣ (феврал –марти соли 1370) рӯй додааст.[2] Аммо Ибни Арабшоҳ дар сархати дигар дар хусуси марги Ҳусайн менигорад, ки Темур ҳангоми ба Самарқанд рафтанаш ӯро бо худ дошта, баъдан соғари марг нӯшонд: «Чун ба Самарқанд расид, он ҷоро мақарри фармонравоии худ сохт ва бунёди қудрат ва аркони аморати хеш устувору пойдор намуд ва кори мулку низоми кишвар ба сомон дошт. Он гоҳ султон Ҳусайнро соғари марг бинӯшонд ва касеро бо номи Суюрғотмиш аз хонадони Чингиз бардошта, ба аморат нишонд».[3] Ин ҳодиса дар маҷмӯъ бо маълумотҳои дигар сарчашмаҳо, хусусан «Зафарнома»-и Шомӣ шабоҳат дорад.

Пас аз ин Балх дар таҳти тасарруфи Темур қарор гирифт. Темур қалъаву ҳисори ин шаҳрро хароб карда, ғаниматҳои зиёд ба даст овард. Бино ба иттилои Низомуддини Шомӣ Темур баъди ба Самарқанд баргаштанаш дар хусуси сохтмони иморату қалъа ва ҳисору саройҳо амр фармуд: «Ва чун мамлакат таҳти тасарруфи амири соҳибқирон омад, бо иттифоқи умарову нуйинон сарири мамлакат ва подшоҳӣ ба вуҷуди подшоҳи ҷаҳон Суюрғотмишхон ба таҷдид музайян фармуданд». [4]

Инъикоси таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур дар рисолаи Низомуддини Шомӣ пайдарҳам ва ба тафсил баён шудааст. Аммо тавре зикр кардем, муаллиф аз тасвири таърихи Темур то ба майдони сиёсӣ ворид шуданаш худдорӣ кардааст. Ҳамзамон, камбудии ҷиддие, ки дар он мушоҳида мешавад, баҳои нодуруст додан ба раванди воқеаҳо, сабабҳои онҳо ва рӯйпӯш намудани амалҳои манфури Темур мебошад. Шомӣ Темурро ҳамчун шахси поквиҷдон, ростқавл ва дурусткор нишон дода, дар

---

[1] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С.17.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф-2018. -С. 44.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. С.- 44.
[4] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 102

ҳодисаҳои баамаломада ӯро пуштибони халқ ва кӯшишҳояшро ба нафъи мардум маънидод кардааст, ки аз ҳақиқат дур аст. Зеро Темур аз оғоз бо мақсади ба даст овардани ҳокимият мубориза бурда, дар ин роҳ аз ҳеҷ амали нангин ва манфур, ки ба нафъи ӯ буд, даст накашидааст.

Ибни Арабшоҳ бошад, дар «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» таърихи Темурро аз лаҳзаи таваллудаш оғоз кардааст. Ҳарчанд дар рисолаи Ибни Арабшоҳ бисёр воқеаҳое, ки дар «Зафарнома»-и Шомӣ ва дигар манбаъҳои хаттӣ зикр шудаанд, инъикос наёфтааст, аммо муаллиф ба раванди воқеаҳои тасвиркардааш баҳои дуруст дода, Темурро то ба сари қудрат омаданаш ҳамчун як лашкаркаши хунхору ҷоҳил ва «бегона аз ақлу имон» донистааст. Ғайр аз ин, қисме аз воқеаҳое таърихие, ки дар рисолаи Ибни Арабшоҳ инъикос ёфтаанд, дар дигар сарчашмаҳо зикр нашудаанд.

Хулоса, пас аз омӯзишу таҳлил ва муқоисаву таҳқиқи рисолаҳои «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур» метавон гуфт, ки таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ нисбат ба ахбори «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ба ҳақиқат наздик аст. Низомуддини Шомӣ, бо сабаби он ки зимни таълифи асар дар хидмати Темур қарор ва бешак ба он бештар ҳусни таваҷҷуҳ дошт, аз инъикоси амалҳои фоҷиаангези Темур дар ин қисмати воқеаҳо худдорӣ кардааст. Дигар таърихнависон, аз ҷумла Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва Хондамир дар инъикоси ҳаводиси ба сари ҳокимият омадани Темур аз рисолаи Низомуддини Шомӣ истифода намуда, бо ӯ ҳамфикр мебошанд.

Аз натиҷаи омӯзишу таҳлил ва барасии сарчашмаҳои хаттӣ ва осори илмӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки Темур дар миёнаи солҳои 1366-1370 гоҳ ба ҷониби амир Ҳусайн, гоҳ ба ҷониби душманони ӯ гузашта, гаҳе бо ҳар ду мухолифат мекард. Охири фасли баҳори соли 1366 Темур ва Ҳусайн Сарбадорони Самарқандро ба қатл расонида, шаҳрро ба тасарруфи худ

даровварданд.[1] Темур дар вақти ҳукумронии амир Ҳусайн ҳокими Шаҳрисабз ва Қаршӣ буда, аз соли 1366 ба муқобили муттафиқи собиқи худ ба таври махфӣ кор мебурд. Аз соли 1370 мухолифати Темур бо амир Ҳусайн ба таври ошкоро сурат гирифт, ки дар натиҷа Темур бо душманони Ҳусайн иттифоқ баста, ба Балх ҳуҷум карда, қалъаи Ҳиндувони Балхро тасхир намуд ва Ҳусайнро асир гирифт. Аммо амир Ҳусайн аз ҷониби Кайхусрави Хатлонӣ, ки дар ин ҷанг аз ҷонби Темур мубориза мебурд, бе иҷозати Темур ба қатл расонида шуд.[2] Баъд аз гирифтани Балх ва қатли амир Ҳусайн дар Мовароуннаҳр ва як қисми Хуросон, ки дар он вақт ба Мовароуннаҳр якҷоя буд, яъне Балх ва Бадахшон дигар сардореву маҳалле намонда буд, ки мустақил бошад. [3] Аз ин рӯ, ҳамаи амирону нуйинон ва инчунин намояндаи обрӯманди рӯҳониёни Мовароуннаҳр Сайид Барака ва дигарон ҷамъ омада,[4] ба Темур ҳамчун ба «подшоҳи ягонаи мусулмонпарвари Мовароуннаҳр» байъат намуданд. Темур Самарқандро пойтахти давлати худ қарор дода, ба бунёди қалъаву иншоотҳо шурӯъ намуд. [5]

---

[1] История таджикского народа. Т. 3. Душанбе, 2013. -С.437.
[2] Шарифзода А. Кӯлоб- шаҳри қадимаи тоҷикон /А. Шарифзода // Кӯлоби бостонӣ, Душанбе, Эҷод. 2006- С 26
[3] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Душанбе: «Дониш». 2006. -С.284.
[4] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Якубовский - Москва. Груш, 1992. –С.26
[5] Бартольд В.В. Сочинения / В.В. Бартольд - Москва 1964. Том II. Част 2. Издательство. С.-38.

## 2.2.Инъикоси лашкаркашиҳои Темур дар рисолаҳои «Зафарнома» ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»

Темур соли 1370, баъди ба даст овардани Мовароуннаҳр қурултой доир намуда, «бо иттифоқи умарову нӯйнон Суюрғотмишхон»[1] (1370-1388)-ро, ки аз насли Чағатой буд, ба подшоҳӣ нишонд ва бо ба занӣ гирифтани ҳамсари амир Ҳусайни мақтул-Сароймулкхоним, ки духтари Қазанхони чингизӣ буд, лақаби «Курагонӣ» (домод)-ро гирифт.[2]

Бояд зикр кард, ки мувофиқи анъанаи мавҷудбудаи он замон, ки мебоист амири Мовароуннаҳр аз номи хони хонадони чингизӣ ҳукумат кунад, Темур низ анъанаро вайрон накарда, як тан аз хонҳои маъруфнабудаи чингизиро бо номи Суюрғотмиш хони Мовароуннаҳр эълон кард ва аз номи ӯ ҳукумат мекард. Ибни Арабшоҳ менависад, ки Темурланг Суюрғотмишро барои он хон интихоб кард, ки ғорату куштори худро бо номи ӯ анҷом диҳад, то мардум ӯро маломат накунанд. «Дар ҳоле ки ,-менависад Ибни Арабшоҳ,-ҳар амире ба дасти Темурланг асир ва ҳар хон дар баробари вай нотавон буд».[3]

Сипас, Темур низоъҳои дохилии кишварро бартараф карда, ба забти кишварҳои бегона тайёрӣ дида, нахуст ба ҷониби Хоразм ҳуҷум овард.

Аз рӯйи навиштаи Ибни Арабшоҳ сабаби ҳуҷуми Темур ба дигар кишварҳо, хусусан Хоразм дар он буд, ки «Чун мамолики Мовароуннаҳр аз мухолифони Темур пардохта ва ором шуд ва тавсани рӯзгор саркашӣ бигзошта, бад-ӯ ром гашт, бар он шуд, ки ба кишварҳои дигар пардозад ва риштаи бандагӣ ба гардани озодагон дарандозад».[4] Мувофиқи ахбори Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ пас аз ба низом даровардани авзои сиёсии Мовароуннаҳр ҳудуди давлати худро «бар дудмони Чағатой муқаррар фармуда, эҳёи қавоиди эшон кард».[5]

---

[1]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. -С. 102.
[2] Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна// Б.Ғафуров - Душанбе, Ирфон, 1983. -С.646.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. (Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур). Душанбе, ЭР-Граф, 2018. -С.45.
[4] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С. 22.
[5]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 107; Шараф ад-Дин

Ба андешаи мо Ибни Арабшоҳ, ки дар инъикоси воқеаҳои таърихӣ озод буд, сабаби ҳуҷуми Темурро ба Хоразм ба ҳақиқат наздик тасвир намудааст. Аммо Низомуддини Шомӣ, ки зимни таълифи рисолаи худ дар рикоби Темур қарор дошт, ҳангоми навиштани ҳуҷумҳои Темур бештар кӯшиш кардааст сабаби мувофиқеро офарад, ки амалҳои манфури Темурро рӯйпӯш намояд. Шарафуддин Алии Яздӣ низ, ки дар дарбори ворисони Темур хидмат мекард, ба Темур бештар таваҷҷуҳ дошт. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Темур ба воситаи Суюрғотмишхон ҳукумат карда, дар назди худ мақсад гузошт, ки Хоразмро ба давлати худ ҳамроҳ кунад. Бинобар ин, аз амири он Ҳусайн Сӯфӣ вилоятҳои Кот ва Хеваро, ки пештар дар улуси Чағатой дохил мешуданд ва муддати панҷ соли охир Ҳусайни Сӯфӣ онҳоро дар тасарруфи худ даровarда буд, талаб кард. Баъд аз он ки Ҳусайни Сӯфӣ аз баргардондани ин вилоятҳо саркашӣ кард,[1] ин барои Темур баҳонаи муносиб афтода, ба Хоразм лашкар кашид.

Ҳуҷуми Темур ба Хоразм дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ дар чор маврид инъикос ёфтааст. Мувофиқи навиштаи Низомуддини Шомӣ дар фасли «Зикри лашкар кашидани амири соҳибқирон ба ҷониби Хоразм, каррати аввал» Темур (бо сабабҳои дар боло зикршуда) вилояти Котро ишғол карда, ба ҷониби Хоразм ҳаракат намуд ва зимни мубориэаи ҳар ду лашкар Ҳусайн Сӯфӣ дар қалъа вафот карда, ба ҷояш Юсуф Сӯфӣ[2] ба тахт нишаст: «Баъд аз он элчиён дар миён тараддуд карданд ва бо якдигар пайванди хешӣ карда, ваҳшатро ба улфат мубаддал гардониданд...».[3] Аз рӯйи ҳамин манбаъ Темур Хондзодаро, ки аз хонадони Ҳусайн Сӯфӣ буд, ба писараш Ҷаҳонгир хостгорӣ карда, хост робитаи хешутабориро ба миён оварад.

---

Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.74.

[1] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Якубовский - Москва. Груш, 1992. –С.28-29.

[2] Робитаи хешутабории Юсуф Сӯфӣ бо Ҳусайн Сӯфӣ дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ зикр нашудааст. Аммо дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» писари Ҳусайн Сӯфӣ (С.63), дар «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Язди бародари хурдии Ҳусайн Суфӣ (Зафарнома.-С.77) ва дар «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд бародари Ҳусайн Суфӣ (Равзату-с-сафо. С.-1027) зикр шудааст.

[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 111.

Ибни Арабшоҳ ҳуҷуми Темурро ба Хоразм ба таври умумӣ ва хеле кӯтоҳ тасвир намуда, мефармояд: «Чун Темур бад-он ноҳият расид, соҳиби он Ҳусайн Сӯфӣ ғоиб буд ва Темур бад-ӯ даст наёфт. Пас ғорату чаповул оғоз кард ва ба кушудани он қодир наёмад. Он гоҳ аз тасарруфи кишвар рӯй бартофта, ба сӯйи Самарқанд шитофт».[1]

Дар сарчашмаҳои дигари таърихӣ, хусусан «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ ва «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд ин воқеа ба монанди ахбори рисолаи Низомуддини Шомӣ тасвир ёфта, тафовути онҳо танҳо дар такмили матн дар рисолаи Алии Яздӣ ба назар мерасад. Аз рӯйи навиштаи Низомуддини Шомӣ ин воқеа дар соли муш [2] ва бино ба ахбори Алии Яздӣ ва Мирхонд баҳори соли 773, мутобиқ ба соли муш (1372) сурат гирифтааст.[3]

Аз тасвири ин воқеа дар сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки ҳуҷуми Темур дар навбати аввал дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ба ҳақиқат наздик тасвир ёфтааст. Ибни Арабшоҳ аз соли ба вуқӯъ омадан ва раванди ҳодиса сухан накарда, оид ба ин масъала танҳо ба таври умумӣ маълумот медиҳад. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Темур соли 1372 аввалин маротиба ба Хоразм ҳуҷум намуда, вилоятҳои Кот ва Хеваро дар тасарруфи худ даровард. Ҳангоми наздик шудани ӯ ба Урганҷ ҳокими Хоразм Ҳусайн Сӯфӣ ногаҳонӣ вафот намуда, ба ҷойи ӯ Юсуф Сӯфӣ ба тахт нишаст.[4] Темур аз ин фурсат истифода бурда, бо Юсуф Сӯфӣ ба тавофуқ расид, ки дар зимни вилоятҳои Кот ва Хева ба ҳокимияти Темур ҳамроҳ карда шуданд. Аммо, тавре ки қайд намудем, мақсади Темур на танҳо ишғоли вилоятҳои Кот ва Хева, балки тамоми Хоразм буд. Бинобар ин, ӯ соли 1374 дубора ба он ҷо лашкар кашид.

---

[1]Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С. 23.
[2]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.108.
[3]Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.-75; Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон. Чопхонаи «Маҳорат», Чопи аввал, Ҷ.6 .1028.
[4] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Якубовский - Москва. Груш, 1992. –С.29

Масоили ҳуҷуми дувуми Темур ба Хоразм дар сарчашмаҳои хаттӣ зикр шудааст, ки мувофиқи ахбори Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд сабаби он дар баҳори соли 775 (1374) хароб намудани вилояти Кот аз ҷониби Юсуф Сӯфӣ мебошад.[1] Аз рӯйи ахбори ин манбаъҳо Юсуф Сӯфӣ аз кардаи худ пушаймон шуда, аз Темур амон талабида, Хондзодаро, ки дар ҳуҷуми маротибаи аввал Темур ба писараш Ҷаҳонгир хостгорӣ карда буд, ба Самарқанд равон намуд.[2] Аммо воқеаҳое, ки дар навбати якум ва дуюми ҳуҷуми Темур ба Хоразм дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд тасвир ёфтаанд, дар рисолаи Ибни Арабшоҳ дар бори сеюми ҳуҷуми Темур ба Хоразм зикр мешаванд, ки тибқи ахбори ӯ ҳангоми бори сеюми лашкаркашии Темур ба Хоразм султони Хоразм вафот карда, ба ҷойи ӯ писараш Юсуф Сӯфӣ ба тахт нишаста, Темур духтаре аз ин хонадон бо номи Хондзодаро ба писараш Ҷаҳонгир хостгорӣ намуд.[3] Ибни Арабшоҳ дар маротибаи дуюми ҳуҷуми Темур бошад, чунин воқеаро тасвир намудааст: «…бори дигар ба азми тасарруфи Хоразм миён барбаст ва бо сипоҳе чун дарёи мавҷзан бад-он сӯй ҳамла бурд. Дар ин бор низ султон ғоиб буд. Темур бар он шуд, ки душизаи маликро хутба кунад».[4] Мувофиқи ҳамин манбаъ яке аз бозаргони Хоразм Ҳасани Суринҷ ба Темур молу сарвати зиёд тақдим намуда, ба ин восита мардумро аз чанги ӯ халос кард.

Ҳаводиси зикршуда дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ ва «Равзату-с-сафои Мирхонд оид ба масоили ҳуҷуми дуюми Темур ба Хоразм ба ҳақиқат наздик аст. Ибни Арабшоҳ ба рӯйдоди воқеаҳо ва пайдарҳамии онҳо чандон риоя накардааст. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки соли 1374 Юсуф Сӯфӣ бо

---

[1]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 112; Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Предисловие. Перевод со староузбекского , комментарии, указатели и карта доктора истарических наук, профессора Ашрафа Ахмедова. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.-78; Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон. Чопхонаи «Маҳорат», Чопи аввал, Ҷ.6 С.1029.

[2]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: «ЭР-Граф», 2019. – С. 112.

[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С.-63

[4]Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С. 23

пайдо намудани тарафдорони худ дар симои Султонмаҳмуд -писари Кайхусрави Хатлонӣ,[1] Абуисҳоқ- писари Хизри Ясовурӣ ва Маҳмудшоҳи Бухорӣ, ки аз Темур гурехта, ба Хоразм омада буданд, бо маслиҳати онҳо ба ҷониби Кот ҳуҷум намуд. Аз ин сабаб Темур ба Хоразм дар навбати дуюм лашкар кашид. Аммо Юсуф, ки тавони муқобилият карданро ба Темур надошт, аз Темур узр пурсида, бо ӯ сулҳ баст.

Аз рӯйи навиштаи Низомуддини Шомӣ Темур баҳори соли 778 (1376) бори сеюм ба Хоразм ҳуҷум кард. Ҳангоми аз вилояти Кот ба вилояти Хос расиданаш дар Самарқанд шӯриш сар зада, Темур ба қафо баргашт. Пас аз ин ӯ ба ҷониби подшоҳи муғул Қамариддин ва баъдан бо Урусхон лашкар кашид. Юсуф Сӯфӣ аз ин фурсат истифода намуда, ба Бухоро лашкар фиристод, вале ба натиҷае нарасид. Мувофиқи ҳамин манбаъ соли 781ҳ.қ. (1379-1380) Темур ба Хоразм лашкар кашида, онро муддати се моҳ муҳосира намуд ва дар ин вақт Юсуф Сӯфӣ вафот карда, шаҳр ба тасарруфи Темур даромад: «Чун ниҳоли вуҷуди Юсуф Сӯфӣ ба тундбоди аҷал аз пой дарафтод ва кулоҳи ҳавову ҳавас аз сари пиндор биниҳод, ҳисорро мусаххар карда, ғоратиданд. Ва асир гирифта ва он мавзеъро зеру забар гардониданд ва молу маноли беҳаду андоза ба даст оварданд».[2]

Ҳуҷуми Темур ба Хоразм дар соли 1376 ва соли 1379 дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ дар каррати сеюм ва дар «Зафарнома»-и Алии Яздӣ ва «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд дар бобҳои алоҳида бори сеюму чаҳорум тасвир ёфтаанд. Яъне, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд ин навбатҳои ҳуҷуми Темурро вобаста ба солҳо ҷудо кардаанд, вале дар муҳтавои онҳо дар муқоиса ба рисолаи Низомуддини Шомӣ тафовути ҷиддӣ дида намешавад.

Ҳуҷуми дигари Темур ба Хоразм дар «Зафарнома»-и Шомӣ каррати чорум зикр шудааст, ки мувофиқи он Темур аз Самарқанд ба ҷониби Хоразм ҳуҷум намуда, амири он Сулаймон Сӯфӣ фирор карда, Хоразм дар тасарруфи Темур қарор мегирад: «...ва чанд рӯз дар Хоразм таваққуф

---

[1] Кайхусрави Хатлонӣ аз ҷониби Темур ба қатл расонида шуда буд.
[2]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 131.

фармуда, ҳукм нофиз шуд, то маҷмӯи мардуми шаҳру вилоятро кӯч карда, ба Самарқанд расониданд» [1]. Ҳарчанд соли ин воқеа дар «Зафарнома» дарҷ нагашта бошад ҳам, тасвири он баъди ҳуҷуми Темур ба Хуросон ва ишғоли шаҳрҳои Султония, Табрез, Исфаҳон ва Шероз сурат гирифтааст. Дар рисолаи Ибни Арабшоҳ бошад, ин масоил ба соли 773ҳ.қ (1371-72) нисбат дода шудааст: «…он диёрро мусаххари хеш дошт ва султонашро аз пой даровард ва бунёдашро бо хоки роҳ яксон кард. Он гоҳ ноибе бар боқимондагон бигмошт ва он чи нақдаш мумкин менамуд, бардошта, ба Самарқанд фиристод ва худ низ аз дунбол бирафт. Калимаи «азоб» (773 ҳ.қ. 1371-72) ба адади думмал таърихи хароби Хоразм аст». [2] Тавре зикр намуда будем, мувофиқи ахбори дигар сарчашмаҳои таърхӣ, хусусан «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зафарнома»-и Алии Яздӣ ва «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд соли 1372 аввалин ҳуҷуми Темур ба Хоразм рух додааст.

Воқеаи ҳуҷуми чоруми Темур ба Хоразм дар «Зафарнома»-и Алии Яздӣ ва «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд каррати панҷум номгузорӣ шуда, тасвири воқеаҳо дар онҳо ба ҳуҷуми каррати чоруми «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва аз ҷиҳати ҳаҷму мазмун нисбатан васеътар инъикос ёфтаанд. Агарчи дар ҳар се сарчашма мақсад як баён шудааст, аммо Алии Яздӣ соли ҳуҷум ва раванди воқеаҳоро беҳтар нишон додааст. Аз рӯйи ахбори «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ ин воқеа дар соли 799 ҳиҷрӣ (1388) рух дода, шаҳр хароб ва аҳолии он ба Самарқанд кӯчонида шуда, дар ҷойи шаҳри вайрона ҷав кишт намуданд.[3]

Ба андешаи мо ҳуҷуми Темур ба Хоразм дар соли 1388, ки дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ ва «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд зикр шудааст, ба ҳақиқат наздик аст.

---

[1]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Бо сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Феликс Тауер. Бейрут. 1937.– С.104-105.

[2]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 63-64

[3] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Предисловие. Перевод со староузбекского , комментарии, указатели и карта доктора истарических наук, профессора Ашрафа Ахмедова. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.-126-127.

Ҳаводиси дар «Зиндагии шигифтовари Темур» инъикосшуда, бо сабаби зикри ҳодиса ба таври умумӣ ва ба соли 1372 нисбат додани он аз ҷониби муаллиф боиси шубҳа буда, ба назари мо аз ҳақиқат дур аст. Аз натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи сарчашмаҳои таърихӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки Темур соли 1388 маротибаи панҷум ба Хоразм ҳуҷум намуда, «онро чунон хароб намуд, ки то се соли дигар муттанафсе дар он боқӣ намонд».[1]

Ҳамин тавр, дар тасвири лашкаркашиҳои Темур ба Хоразм дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки Низомуддини Шомӣ ҳуҷумҳои Темурро ба Хоразм нисбат ба Ибни Арабшоҳ мукаммал ва ба ҳақиқат наздик инъикос намудааст. Ибни Арабшоҳ ба мазмун ва моҳияти воқеаҳо, инчунин соли сар задани онҳо чандон аҳамият надода, ба ахбори шӯридааш такя кардааст. Илова бар ин, агар аз як тараф соли воқеаҳо дар «Зиндагии шигифтовари Темур» дар се каррати хуҷуми Темур зикр нашуда бошад, аз тарафи дигар моҳият ва ҷузъиёти воқеаҳо аз назари муаллиф дур мондаанд. Ҳамчунин, лашкаркашиҳои Темур ба Хоразм дар рисолаҳои Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд ба тасвири воқеаҳои «Зафарнома»-и Шомӣ хеле шабоҳат дошта, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд аз рисолаи Шомӣ истифода намудаанд.

Низомуддини Шомӣ дар инъкисои ҳуҷуми Темур дар чор навбат ба Хоразм, тасвири воқеаҳо ва соли сар задани онҳо таваҷҷуҳ карда, онҳоро ба таври васеъ инъикос намудааст ва ахбори ӯ ба ҳақиқат наздик аст.

Дар зимн қайд кардан ба маврид аст, ки Темур аз номи намояндаи хонадони чағатоӣ Суюрғотмиш ҳукумат карда, бо ин баҳона ҳамроҳ кардани шаҳру вилоятҳои аз дастрафтаи давлати Чағатойро ба ҳокимияти худ мақсад гузошт. Аз ин сабаб соли 1372 барои аз худ кардани вилоятҳои Кот ва Хева ба Хоразм ҳуҷум намуда, онҳоро ба даст овард, аммо ба ҳадафи ниҳоии худ-забти Хоразм расида натавонист. Ӯ чор маротибаи

---

[1] Мирғулом Муҳаммад Ғубор. Афғонистон дар масири торих. Ҷ.1. Чопи аввал. 1375.С.-435.

дигар: солҳои 1374, 1376, 1379 ва 1388 ба Хоразм ҳуҷум намуда, оқибат онро хароб кард ва аҳолии онро ба Самарқанд кӯчонид. Шаҳри Урганҷро, ки пойтахти Хоразм буд, ба хок яксон намуда, дар ҷойи он ҷав кишт кард ва «фақат дар соли 1391 Темур ба дубора барқарор кардани Урганҷ рухсат дод».[1]

**Ҳуҷуми Темур ба Хуросон.** Темур дар баробари лашкаркашиҳои худ ба Хоразм ба сарзаминҳои Хуросону Эрон ва Ироқ низ ҳуҷум кард. Ин воқеаҳои таърихӣ дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ ва дигар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқшаванда ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Низомуддини Шомӣ дар «Фасли зикри тафвизи иёлоти мамлакати Хуросон бо амирзода Амироншоҳ» мефармояд, ки «Чун қазияи Хоразм ба анҷом омад ва хотир аз андешаи он фориғ шуд, хост то насақи ҳоли Хуросон намояд»[2] ва соли 782 (1380-1381) амирзода Амироншоҳоро бо панҷоҳ қушун ба Хуросон равон карда, худ «қосиде ба ҷониби малик Ғиёсуддини Ҳиротӣ фиристода, эълом кард, ки нуйинону умаро дар қурултойи бузург ҳозир мешаванд, мебояд ки ту низ ҳозир шавӣ»[3]. Ин мазмун дар рисолаҳои Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд низ зикр шудааст.[4] Ҳарчанд муаррихони зикршуда мақсади асосии даъвати Ғиёсуддинро аз ҷониби Темур рӯйпӯш кардаанд, вале маълум мешавад, ки ҳузури Ғиёсуддин ба қурултой маънои байъат намудани ӯро ба Темур дошт. Дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» номаи Темур ба султони Ҳирот дар фасли «Номаи Темур ба малик Ғиёсуддин, султони Ҳирот» равшан инъикос меёбад: «Он гоҳ номае ба султони Ҳирот- малик Ғиёсуддин нигошт… ва аз ӯ хост, ки гардан ба итоати вай ниҳад ва пешкашҳои шоиста фиристад, вагарна чунон кунад, ки ӯ хостааст, кишвараш поймоли сипоҳи кинахоҳ ва мардуми он табоҳ

---

[1] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Ҷ.1./ Б.Ғ.Ғафуров - Душанбе: Ирфон- 1983. –С.647
[2]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 132.
[3]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 132
[4]Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. С.-90; Мирхонд. Равзату-с-сафо. С.-1035.

гардад».[1] Бино ба ахбори ҳамин манбаъ малик Ғиёсуддин дар ҷавоб ба номаи Темур менависад: «Ту он фармонбари дерин нестӣ, ки манат ба эҳсони хеш парвардам ва домани неъмат ва сояи иноят бар ту густурдам ва ту ҳаққи неъмат нашинохтӣ ва ба найрангу фусун пардохтӣ, ба қатлу ғорат даст баровардӣ ва кардӣ он чи кардӣ ва ин носипосии ту пас аз он буд, ки туро аз марг бираҳондам ва ба ҷойгоҳи иззат нишондам. Пас агар одаме нестӣ, ки ҳаққи эҳсон ба ҷой орӣ, чун саг бош, ки поси неъмат нигоҳ дорӣ».[2]

Клавихо бошад, дар хусуси номаи Темур ба малик Ғиёсуддин ишора накардааст, аммо дар хусуси ҳуҷуми Темур ба Хуросон мефармояд: «Амир Темур шоҳигарии Самарқандро, ки дар ин тарафи дарё буд, ба худ тобеъ карда, хост ба он тарафи дарё гузарад ва шоҳигарии Хуросонро низ мусаххар намояд».[3]

Аз омӯзиши ин масъала дар манобеи хаттӣ бармеояд, ки Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ сабабҳои ҳуҷуми Темурро ба Хуросон воқеъбинона тасвир накарда, раванди ҳодисаҳоро бо дарназардошти манфиатҳои Темур ба табъи худашон бофтанд. Ибни Арабшоҳ ва Клавихо, ки ҳеҷ рабте ба Темур надоштанд, воқеиятро тасвир карданд. Бо вуҷуди ин, аз ахбори ҳамаи манбоеи зикршуда бармеояд, ки ҳадафи ягонаи Темур ба итоати худ даровардани ҳокими Ҳирот ва ишғоли дигар шаҳру навоҳии Хуросон буд.

Дар ҳарду ҳолате, ки дар ин сарчашмаҳо зикр кардем, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Темур сиёсати ғасбкоронаи худро идома дода, дар баробари истилои Хоразм мехост Хуросонро низ ба таҳти тасарруф даровarда, мавқеи худро дар он ҷо мустаҳкам намояд. Бинобар ин, байъат накардани Ғиёсуддин оид ба ҳуҷуми Темур ба Хуросон, хусусан Ҳирот баҳонаи муносиб афтод ва Темур соли 1381, ба ҷониби Ҳирот ҳаракат

---

[1]Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977. -С. 24.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 52
[3] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. –С. 126.

карда, дар аснои роҳ қалъаи Пушангро тасхир кард. Аз рӯйи навиштаи Низомуддини Шомӣ,[1]Шарафуддин Алии Яздӣ[2] ва Мирхонд[3] ӯ Ҳиротро дар муҳосира гирифт, ки дар ин вақт лашкари Ғиёсуддин аз қалъа берун шуда, миёни онҳо ҷанг сар зад. Ғиёсуддин шикаст хурда, ба сулҳ бастан розӣ шуд. Аз рӯйи ахбори Ибни Арабшоҳ бошад, Темур қалъаи Ҳиротро дар муҳосира қарор дод, ки дар натиҷа аҳволи мардуми он ба танг омада, Ғиёсуддин таслим шуд. Мувофиқи маълумоти ин манбаъ Темур баъди таслим шудани Ғиёсуддин Ҳиротро дубора ба ихтиёри ӯ дод. Дар рисолаи Ибни Арабшоҳ ҷанги миёни Темур ва Ғиёсуддин, ки дар дигар сарчашмаҳо зикр шудааст, тасвир наёфтааст: «Темур ба куштани ӯ даст барнаёвард, лекин гирдогирдаш бо лашкари бисёр бигирифт ва худ ба эминӣ роҳат нишаста, душманро дар тангнои ҳисор фурӯ гузошт, то аз омадшуди сипоҳиён ва тохтутози аспон кор бар эшон душвор шуд…»[4].

Ба назари мо дар ҷузъиёти ин воқеа, хусусан ҷанги Темур бо Ғиёсуддин Низомуддини Шомӣ, Алии Яздӣ ва Мирхонд ҳақ ба ҷониб буда, Ибни Арабшоҳ аз ин воқеа бехабар мондааст. Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки Темур ҳангоми ба Ҳирот расиданаш муддати чор рӯз ба Ғиёсуддин ҷангид, ки дар натиҷа Ғиёсуддин истодагарӣ карда натавониста, ба Темур таслим шуд. Темур аз хуни ӯ гузашта, ӯро дубора ба мансабаш таъин кард, вале деворҳои қалъаро хароб ва дарвозаҳои оҳанини онро канда ба Шаҳрисабз равон кард.[5] Соли 1382 дар Ҳирот шӯриш сар зад. Темур онро пахш карда, малик Ғиёсуддин, бародараш Муҳаммад ва писари кӯчакаш амир Ғуриро, ки дар асораташ буданд, ба қатл расонид.[6]

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.134-135.

[2] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.-94.

[3] Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон. Чопхонаи «Маҳорат», Чопи аввал, Ҷ.6 С.1035 - 1036.

[4]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 52

[5] Мирғулом Муҳаммад Ғубор. Афғонистон дар масири торих. Ҷ.1. Чопи чаҳорум. 1368.-С.259.

[6] Лусин Бувот. Таърихи муғул. «Темуриён». Тарҷумаи Муҳаммад Беҳфрӯзӣ. Чопи аввал. Теҳрон: Озодмеҳр.-1384 ҳ.-С.41; Мирғулом Муҳаммад Ғубор. Афғонистон дар масири торих. Ҷ.1. Чопи аввал. 1375.-С.443.

Бо вуҷуди он ки Ибни Арабшоҳ ба тасарруфи Темур даромадани Ҳиротро бе ҷанг зикр кардааст, инъикоси лашкаркашии Темур ба Ҳирот дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ тасвир ёфтаанд.

Тибқи хабари Низомуддини Шомӣ баъд аз забти Ҳирот Темур Ҷаҳоншоҳро ба ҷониби Сабзавор ва Табрез фиристода, худ ба ҷониби Нисой, Калот ва Тус ҳаракат кард. Аммо дар хусуси ишғол кардани ин шаҳрҳо дар ин навбат ишорае накарда, ҳаракати Темурро ба тарафи Исфароин инъикос мекунад. Шарафуддин Алии Яздӣ низ ин хабарро тасдиқ мекунад.[1] Бо эҳтимоли зиёд ӯ дар ин масъала ба ахбори Низомуддини Шомӣ такя карда, барои такмили он кӯшиш накарда, ба ҳамин маълумот қаноат кардааст. Аммо ба санади Мирхонд Темур баъди ғасби Ҳирот қалъаҳои Калот ва Таршезро забт кард.[2] Ибни Арабшоҳ ва Клавихо бошанд, дар ин хусус ишора накардаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи ахбори Низомуддини Шомӣ ҳангоми ҳаракати Темур ба ҷониби Исфароин ҳокими Сабзавор Хоҷа Муайиди Сабзаворӣ ба хидмати ӯ шитофт: «Ва Хоҷа Алии Муайиди Сабзаворӣ, ки ҳамвора бар ҷодаи ихлосу ҳавохоҳӣ собитқадам буд, ҳам ба пойбус расид. Ҳар дуро бинавохт ва бо эъзозу икром махсус гардонида, камару шамшер дод ва хилъатҳои подшоҳона пӯшонид».[3] Шарафуддин Алии Яздӣ низ ҳамин нуктаро айнан зикр кардааст.[4] Ибни Арабшоҳ низ дар ин хусус ба Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ ҳамфикр мебошад, вале ӯ ин воқеаро равшантар тасвир намудааст. Бино ба ахбори ӯ Темур ба Сабзавор рафта, дар он ҷо бо раиси тоифаи Сарбадор Саид Муҳаммад вохӯрда, аз ӯ дар хусуси чи тавр ба тасарруфи худ даровардани Хуросон маслиҳат мепурсад. Бо хоҳиш ва тавсияи ӯ Хоҷа Алӣ ба хидмати Темур шитофта, байъат менамояд: «Чун Хоҷа Алӣ бирасид, туҳфаҳои сазовор ва ҳадяҳои гаронбаҳо пешкаш намуд ва ба таъзиму такрими вай

---

[1] Шарафуддин Алии Яздӣ. Зафарнома. Ташкент. 2008. - С.95.
[2] Мирхонд. Равзату-с-сафо. -С.1038.
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе. ЭР-Граф - 2019. -С .136
[4] Шарафуддин Алии Яздӣ. Зафарнома. Ташкент. 2008. - С.95

бияфзуд. Андоми ӯро ба танпӯши иззат биёрост; дасташро дар тамоми умури кишвар кушода ва ҳурматашро ҳар рӯз зиёда дошт».[1]

Дар зимн тахмин кардан мумкин аст, ки баъд аз ишғоли якчанд шаҳру қалъаҳо дар Хурсон аз ҷониби Темур ҳокими он Хоҷа Алӣ аз оқибати лашкаркашии Темур ба Сабзавор воқиф гашта, ба хидмати Темур рафт ва ба ин восита мансаб ва шаҳри худро аз теғи Темур ҳифз кард. Аммо ин оромӣ дер давом накард. Темур соли 1383 дар Сабзавор шӯриши ин мардумро, ки бар зидди ӯ сар зада буд, пахш намуда, аҳолии онро ба ҷазоҳои сахттар аз марг дучор кард.[2] Бо фармони ӯ 2000 нафар одамони зиндаро дар байни хиштпораҳо гузошта, девор карданд.[3]

Тавре қайд кардем, Низомуддини Шомӣ аз ҳаракати Темур ба ҷониби Исфароин ишора карда, менависад: «Ва аз он ҷо савор шуда, ба ҷониби Исфароин рӯ ниҳод ва дарсоат, ки расиданд, ҳукми олӣ нифоз шуд, ки лашкарҳо ҳамла карда, ба ҳисор бароянд. Мардум ба фуруд омаданду хайма задан ва юрт гирифтан машғул буданд. Чун он фармон расид, филҳол силоҳҳо бардошта, рӯй ба ҳисор оварданд. Ва ба як турфатулъайн ҳисорро гирифта, вайрон карданд. Ва халқе бисёр кушта гаштанду ҷамъе анбӯҳ дар зери суми сутурон ночиз шуданд».[4] Ҳамзамон, Низомуддини Шомӣ қайд менамояд, ки Хуросонро ба забт даровarda ба Самарқанд баргашт: «Амири соҳибқирон аз он ҷо ба муборакӣ ва толеи саъд савор шуда ба кӯҳи Ғулҷоту баромада, чанд рӯзе таваққуф фармуд ва аспонро фарбеҳ гардониду вилояти Хуросонро дар забт оварда, мулки он вилоятро ба мулки худ бозгардонид. Роёти ҳумоюн мутаваҷҷеҳ ҷониби Самарқанд гашт»[5]. Шарафуддин Алии Яздӣ низ ин воқеаҳоро ба монанди Низомуддини Шомӣ нигоштааст, ки дар мазумни онҳо тафовут дида намешавад.

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С.58
[2]Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Ҷ.1 / Б.Ғ.Ғафуров - Душанбе: Ирфон-1983.-С.-649
[3] История стран Азии и Африки в средние века. Издательство Московского Университета 1968. –С.307.
[4] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе. ЭР-Граф - 2019. - С .137
[5] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе. ЭР-Граф - 2019. - С .137

Бино ба ахбори Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ баъд аз як муддате, ки Темур дар Самарқанд қарор дошт, вазъи сиёсӣ дар Хуросон мураккаб гашта, Алибек қалъаи Калотро дар ихтиёр гирифт. Темур бо мақсади ишғоли Калот ба Хуросон дигарбора лашкар кашида, Калот, Туршиз ва дигар шаҳру қалаҳоро забт кард.[1] Ибни Арабшоҳ ва Клавихо бошад, аз ин воқеаҳо иттилоъ намедиҳанд.

Мувофиқи навиштаи Низомуддини Шомӣ Темур дар дафъаи дигари ҳуҷум ба Хуросон ба Систон ҳуҷум кард. Ҳангоми ворид шудан ба ин шаҳр систониён шӯриш бардоштанд, ки дар натиҷа ҷанги бузург рух дод. Рӯзи дигар 30 ҳазор нафар ба муқобили Темур бархост, ки дар натиҷа аспи Темур маҷруҳ шуд. Темур шӯришро пахш карда, мардуми зиёдро ба қатл расонида, аз сари мурдаҳо манораҳо ва гилтудаҳо сохт; малики Систон Қутбиддин ва мардуми боқимондаро кӯч карда, ба Самарқанд овард[2].

Ибни Арабшоҳ дар фасли «Бозгашти вай ба Хуросон ва Систон» қайд менамояд, ки ҳангоми ҳуҷуми Темур ба Систон мардуми он аз Темур амон хостанд. Темур ба ин масъала ба ивази супурдани тамоми силоҳҳои аҳолии шаҳр розӣ шуд. Баъд аз он ки мардум силоҳҳои худро супурданд, ӯ аз қавли худ баргашта, «…шамшер бар онон ниҳод ва хони халоқ бигустурд ва сипоҳи маргро ба меҳмонӣ хонд. Ба ҳар ҷо биное дид, вайрон кард ва ба ҳар гӯша дарахту гиёҳе ёфт, аз реша барандохт. Дар тане тавоне ва аз чизе нишоне бар ҷо нагузошт».[3] Аз диди Ибни Арабшоҳ сабаби ба чунин қатли ом даст задании Темур дар он буд, ки ӯ аз мардуми ин шаҳр кинаи дерин дошт. [4] Ҳамчунин, ӯ қайд мекунад, ки «вай бедодие чунин накард, магар ба сабаби он ки аввалин тири бало аз ҷониби мардуми он диёр ба вай расида

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе. ЭР-Граф - 2019. -С .144-146

[2]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.147-149.

[3]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 55

[4] Тавре зикр намуда будем, аз рӯйи маълумотҳои ин сарчашма Темур дар овони ҷавонӣ дар Систон ба дуздӣ ва роҳзанӣ машғул буд ва ҳангоми дуздии гӯсфанди чӯпоне дастгир шуд ва чӯпон ӯро ба амир Ҳусайн супурд. (Зиндагии шигифтовари Темур – 2018.С.-38.)

буд».[1] Ибни Арабшоҳ «тири бало» гуфта, захмӣ шудани Темурро зимни дуздии моли чӯпон дар Систон дар ҷавонӣ дар назар дорад.

Ин воқеа дар рисолаи Алии Яздӣ нисбат ба рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ васеътар инъикос ёфтааст. Бино ба ахбори Алии Яздӣ ин воқеа тирамоҳи соли 785, (1383 м.)[2] рух додааст. Мирхонд низ соли ба вуқуоии онро ба тирамоҳи соли 785 нисбат дода, сабаби ба миён омадани ваҳшатро ҳуҷуми мардуми Систон ба лашкари Темур ва дар ин ҷанг захмӣ шудани аспи Темур тасвир намудааст. Аз рӯйи ҳамин манбаъ ҳангоми ҳуҷум «ҳар он чи дар шаҳр буд, то меххои девор ба тороҷ рафт».[3]

Дар зимн метавон натиҷагирӣ кард, ки Низомуддини Шомӣ бо такя ба мавқеи худ дар фоҷиаи Систон худи мардуми шаҳрро гунаҳкор карда, ба Темур таваҷҷуҳ намудааст. Аз ин рӯ, эҳтимол меравад, ки Шомӣ асли сабаби воқеаро чандон равшан инъикос накардааст. Ибни Арабшоҳ бошад, гарчанде амали озодихоҳии мардуми Систонро сабаби ин фоҷиа донистааст, дар баробари ин хунхориву бераҳмиҳои Темур дар рисолаи ӯ то дараҷае воқеӣ тасвир ёфтааast.

Ба андешаи мо ҳақиқат ин аст, ки ҳангоми ҳуҷуми Темур ба Систон дар соли 1383 мардуми он ҷиҳати мудофиаи шаҳр бархоста, ба муқобили Темур шӯриш бардоштанд. Темур шӯришро бераҳмона пахш карда, фармон дод, ки аз сарҳои бурида каламанора сохта, барои дигарбора сар назадани шӯриш 2 ҳазор нафарро дар байни хиштҳо зинда девор кунанд.[4] Ҳамчунин, дар рафти ин хуҷум шаҳр хароб гардида, ҳокими Систон Қутбиддин ва боқимондаи аз мардуми шаҳр ба Самарқанд кӯчонида шуданд.

Бино ба ахбори Низомуддини Шомӣ баъд аз ин воқеа Темур як қатор шаҳру қалъаҳо, аз ҷумла Мамуқту, қалъаи Сурх, ҳисори Ҳазорасп, вилояти

[1]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 55
[2]Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.-103.
[3] Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон. Чопхонаи «Маҳорат», Чопи аввал, Ҷ.6.- С.-1041
[4] История таджикского народа. Т. 3. Душанбе, 2013. –С. 448

Тумон, вилояти Тахти Сулаймон ва Қандаҳорро забт кард. Аммо ҳуҷуми Темур ба ин шаҳрҳо дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ зикр нашудааст. Мувофиқи маълумоти ӯ Темур қисми зиёди Хуросонро беҷанг, яъне ба воситаи Хоҷа ном шахси маъруфи Хурсон ба даст овард: «Пас дар Хуросон шаҳре бузург ва қалъае устувор намонд, магар ки фармонраво ва ҳокими он ҳамагӣ ба ишорати Хоҷа итоати Темур пазируфтанд ва ба сӯйи ӯ рафтанд, аз он ҷумла амир Муҳаммад ҳокими Абевард ва амир Абдуллоҳ ҳокими Сарахс»,[1] ки ба андешаи мо ин ривоят воқеият надорад. Ҳақиқат ин аст, ки Темур соли 1383 дигарбора ба Хуросон лашкар кашида, вилояти Ғур, Систон, бисёр шаҳрҳои дигар, хусусан Буст ва Қандаҳору Кобулро ғасб карда, аз сари муҳофизин каламанора сохт.[2] Соли 1396 писраш Шоҳрухро ҳокими Хуросон таъин кард.[3]

Ибни Арабшоҳ дар такя ба ахбори аз мардум дастраскардааш ишғоли дигар шаҳру навоҳии Хуросонро аз ҷониби Темур аз madди назари худ дур гузоштааст. Бинобар ин, ҳуҷуми Темур ба Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд нисбат ба ахбори «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабашоҳ ба ҳақиқат наздик тасвир ёфтааст.

Темур соли 1384, пас аз забти Хуросон ба ҷониби вилояти Форс лашкар кашида, нахуст Астаробод, Рай, Султония, Табрез, Шероз вилоятҳои Омул ва Сориро бе ҷанг дар тасарруфи худ даровард. Зимни ин лашкаркашӣ чандин қалъаву шаҳрҳои дигарро мутеи худ сохт. Соли 1386 ӯ дигарбора ба ҷониби Табрез рӯ оварда, Шоҳрухро аз Самарқанд ба ҷониби Ироқ фиристод. Шаҳрҳои Рай ва Ҳамадонро ғасб намуда, ба Исфаҳон расид. Мувофиқи навиштаи Низомуддини Шомӣ ҳангоми ба ин шаҳр расидани Темур «акобиру содот ва уламову ашроф ба истиқбол берун

---

[1]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 58

[2]История Афганистана.Москва. Мысл - 1982. -С. 94.

[3] Абдулло Коргар. Аҳди Темуриёни Ҳирот. Пешовар. Муассисаи интишоротии «Ал-заҳир». Чопи аввал. 1383 ҳ.-С.2.

омаданд».[1] Тибқи ахбори ҳамин манбаъ лашкари Темур ба ғорати моли мардуми шаҳр пардохта, ғаниматҳои зиёд ба даст овард, аммо ҷамоате аз авбошон шаб муҳасилон ва лашкариёни Темурро ба қатл расониданд. Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд ба Низомуддини Шомӣ ҳамназаранд ва қайд менамоянд, ки пас аз тасарруфи шаҳр-ҳангоми андозғундорӣ аҳолии шаҳр ба лашкариёни Темур мухолифат намуда, шабехун заданд.[2] Нависанда, сайёҳ ва таърихнависи немис Иоганн Шилтбергер дар рисолаи худ «Путешествие по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год» менигорад, ки «Темур ҳангоми муҳосираи Исфаҳон ба мардум, ба шарти он ки ба ӯ 12 ҳазор тирандоз бидиҳанд, сулҳ мебандад. Ҷанговарон ба назди ӯ фиристода шуданд, аммо вай фармуд то нарангӯшти ҳар кадоми аз ононро бурида, ба шаҳр бозпас фиристоданд…».[3]

Ибни Арабшоҳ сабаби шабехун задани мардуми Исфаҳонро ба лашкариёни Темур маҳз озору шиканҷаи аз ҳад зиёди лашкариёни Темур тасвир намудааст: «Он гоҳ аз шаҳр ба ҷониби вай шуданд ва ба тақдими мол мусолиҳат намуданд. Темур касони хешро ба забти шаҳр фиристод. Ба ҳар кӯйю барзан ҷамъе аз онон баргумошт ва дар ҳар ноҳият ва маҳаллат гурӯҳе пароканда дошт ва онон сар ба табоҳкорӣ ва даст ба озори аҳолӣ бароварданд. Мардумро бандавор ба хидмат гирифтанд ва даст бар пардагиён дароз карданд ва озору ситам аз ҳад ба дар бурданд»[4]. Бино ба иттилои ин манбаъ мардум ба чунин амалҳои лашкариёни Темур тоб наоварда, шаб ба онҳо шабехун зада, шаш ҳазор нафарро ба қатл расониданд.[5]

---

[1]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.166

[2] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.121; Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон, 1358 ҳ.ш. Ҷ.6- С.1047.

[3] Иоганн Шилтбергер.Путешествие по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год; Амиршоҳӣ Нурмуҳаммад. Темур дувумин чеҳраи хунрези таърих / Н.Амиршоҳӣ // Фарҳанг, 2004, №1. –С.17

[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С.76-77.

[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 77 .

Низомуддини Шомӣ дар хусуси шумораи кушташудагони лашкариёни Темур ишора накарда, аммо ба таври умумӣ зикр мекунад, ки бисёр аз лашкаре, ки дар шаҳр ба муҳимоти худ машғул буданд, ба қатл расонида шуданд.[1] Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд бошанд, шумораи мақтулонро аз лашкариёни Темур ба 3 ҳазор нафар нисбат додаанд.[2]

Ахбори Ибни Арабшоҳ дар хусуси сабаби сар задани фоҷиаи Исфаҳон бештар воқеият дорад. Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд вобаста ба мавқеи иҷтимоии худ сабаби фоҷиаи Исфаҳонро ошкор баён накардаанд. Ибни Арабшоҳ, ки дар инъикоси воқеаҳои таърихӣ мавқеи ҷиддитарро гирифта буд, ҳақиқатро ошкор карда, ба раванди ҳодисаҳо баҳои воқеӣ додааст.

Мувофиқи маълумоти Низомуддини Шомӣ Темур, пас аз он ки аз шабехун задани як қисм мардуми шаҳр ба лашкариёнаш огоҳ шуд, аҳли шаҳрро аз дами теғ гузаронид. Шомӣ ин воқеаро «намунаи рӯзи растохез» номида, бо ҳусни таваҷҷуҳ ба Темур мефармояд: «Он шарирон, ки фасод карда буданд, бигурехтанд ва аҳли шаҳрро арзаи шамшери балиёт гардониданд. Рӯзи дигар ҳукм нофиз шуд, то ҳафтод ҳазор адад сари одамӣ ба зоҳири Исфаҳон ҷамъ карданд. Намунаи рӯзи растохез дар он шаҳр зоҳир шуд ва ҳақиқат ошкор гашт ва фармуд аз он сарҳо манораҳову гилтӯдаҳо сохтанд».[3] Ин воқеаро Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд бо такя ба ахбори Шомӣ инъикос мекунанд, ки ба ҳам шабоҳат доранд. Аммо Ибни Арабшоҳ ин фоҷиаро аз назари дигар тасвир кардааст: «Чун шаб ба поён омад… Темур аз моҷаро огоҳ шуд ва ба намдамаи деви нопок аз роҳ бирафт. Ҳоло аз ҷой бархост; шамшери хашм бароҳехт ва тиркаши ситам бикушуд ва чун саги газанда ё паланги дарранда ба шаҳр даромад. Балоҳақи хуношом аз ниём баровард ва бифармуд то ҷонҳо табоҳ кунанд ва хунҳо бирезанд ва бо пардагиён даровезанд; зиндагонро ба дасти марг

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.166

[2]Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.121; Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон,1373.Чопхонаи «Маҳорат», Чопи аввал. Ҷ.6 -С.1048.

[3]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.167

супоранд ва молҳо ба яғмо рабоянд; ободиҳо вайрон кунанд ва киштҳо бисӯзанд; пистони занон бибуранд ва кӯдаконро кушта бар хок афкананд; паймони мардумӣ бишкананд; бисоти раъфат дарнаварданд; ва на ба солхӯрда бахшоянд ва на бар хӯрдсол раҳмат оранд; илму адаброқадре наниҳанд ва шарафу ҳасаброба чизе нашумуранд; дуру наздик ва ошнову бегона ва мусулмон ва аҳли зимматро яксон ангоранд ва ба дасти дажҳими марг аз миён бардоранд ва билҷумла аз шаҳрнишинон тане зинда нагузоранд».[1] Бино ба иттилои Ибни Арабшоҳ «шумораи кушташудагон аз уммати Юнус ибни Маттӣ[2] ба шаш баробар бигзашт».[3] Агар ин ахбори Ибни Арабшоҳро ба инобат гирифта, онро ба уммати Юнус ибни Маттӣ муқоиса кунем, шумораи кушташудагони Исфаҳон 600 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд, ки ин муболиға аст. Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд, ки тавре қайд кардем, шумораи ҳалокшудагонро 70 ҳазор нафар гуфтаанд.

Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ соли сар задани ин воқеаро дақиқ нишон надодаанд, аммо тибқи иттилои Алии Яздӣ ва Мирхонд фоҷиаи Исфаҳон соли 789, мутобиқ ба соли 1387-1388 сурат гирифтааст.[4]

Дар зимн метавон натиҷагирӣ кард, ки Низомуддини Шомӣ дар инъикоси ҳуҷуми Темур ба Исфаҳон ва фоҷиаи анҷомдодаи ӯ дар ин шаҳр асли матлабро баён надоштааст. Дар рисолаҳои Алии Яздӣ ва Мирхонд тасвири воқеаҳо каме такмил ёфта бошанд ҳам, муаллифини онҳо ба Низомуддини Шомӣ ҳамфикр мебошанд. Аммо Ибни Арабшоҳ, бо вуҷуди он ки соли сар задани ин воқеаро зикр накарда ва дар тасвири шумораи кушташудагони ҳар ду тараф ба муболиға роҳ додааст, хунхориву

[1]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур.Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 77.
[2] Уммати Юнус ибни Маттӣ дар ояти 37-уми сураи Софоти «Қуръони Маҷид» яксад ҳазор зикр шудааст.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С.77.
[4]Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон. 1373. Ҷ.6 -С. 1049; Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. - С.123.

ғоратгарии лашкари Темур ва ҳиллаву найранги ӯро воқеъбинона тасвир кардааст.

Бо такя ба ахбори манбаъҳои хаттӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки ҳангоми ба Исфаҳон расидани лашкари Темур ҳокими он Музафариддини Кошӣ шаҳрро бе ҷанг таслими ӯ намуд.[1] Темур пас аз муҳосираи Исфаҳон ба мардуми шаҳр «моли амонӣ бор кард».[2] Лашкари Темур ҳангоми ситонидани ин андоз ба мардум ҷабру зулми аз ҳад зиёд карданд. Аҳолии Исфаҳон ба ваҳшониятҳои лашкари Темур тоқат накарда, ба онҳо шабехун заданд. Пас аз ин Темур фармон дод, 70 ҳазор нафарро сар бурида, аз сари онҳо «калламанора» созанд.[3] Бо фармони Темур дар ин шаҳр 45 каламанора бунёд карданд, ки дар ҳар кадоми он аз 1000 то 2000 ҳазор сари одамӣ истифода шудааст[4]ва баландии онҳо баробари биноҳои бузург буданд.[5]

Баъд аз ин воқеа Темур ба ҷониби Шероз ҳаракат кард. Сабаби ҳуҷуми Темур ба ин шаҳр он буд, ки подшоҳи пешини он Шоҳшуҷоъ ба Темур байъат намуда ва баъди вафоти ӯ Шоҳмансур ба он ҷо ҳуҷум карда, писари Шоҳшуҷоъ Зайналобиддинро, ки ҳокими Шероз буд, ба ҳабс гирифта, шаҳрро дар тасарруфи худ даровард. Темур Шоҳмансурро ба қатл расонида, шаҳрро дубора ба даст гирифт, аммо бо сар задани ошӯб дар Самарқанд ба он ҷо баргашт.

Мувофиқи навиштаи Низомуддини Шомӣ Темур моҳи раҷаби соли 794 (май-июни соли 1392) бо мақсади гузар кардан аз мамолики Эрон ба он ҷо сафар намуд. Аммо ба андешаи мо ин ахбори Шомӣ чандон саҳеҳ нест, зеро Темур барои ишғоли дигар шаҳру навоҳие, ки нияти тасхири онҳоро

---

[1] Ҳотамов Н.Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С.Муллоҷонов. И. Исоматов - Душанб:, ЭР-Граф. 2011.-С .165.
[2] Амиршоҳӣ Н. Темур дувумин чеҳраи хунрези таърих / Н. Амиршоҳӣ// Фарҳанг, 2004, №1. –С.17
[3]Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон / Б.Ғ. Ғафуров-Душанбе: Ирфон-1983. Ҷ.1. -С.649
[4]Ру Жан- Поль. История Ирана и иранцев.От истоков до наших дней / Жан Пол Ру-Санкт-Петербург, 2015. -С.286
[5] Петрушевский И.П. Государство Азербайджана в XV веке. (Сб. ст. по истории Азербайджана, в. 1,) / И.П.Петрушевский- Баку, 1949. -С.167.

пештар дошт, ба ҷониби Эрону Ироқ ҳаракат кард. Ӯ аз Самарқанд ба Бухоро, аз он ҷо ба Астаробод ва Мозандарон расид. Зимни ин сафар Темур шаҳри Шуштарро тасарруф намуда, аз он ҷо ба ҷониби Шероз ҳаракат кард. Бистуми моҳи шаволи соли 795 ҳ.қ. (29 августи соли 1393) ба воситаи Исфаҳон ба Бағдод расида, онро бе ҷанг дар тасарруфи худ даровард, балки ғанимати зиёд низ ба даст оварда, ба ҷониби қалъаи Тикрит таваҷҷуҳ фармуда, онро ба ҳокимияти худ ҳамроҳ кард. Темур 14 апрели соли 1394 Мордин, ҳаждаҳуми шаъбон (18 июни соли 1394) қалъаи Авниқро забт карда, ба ҷониби Ақсиқо ва Гурҷистон лашкар кашида, онҳоро низ дар тасарруфи худ даровард ва баъдан ба ҷониби Тифлис ҳаракат кард .

Пас аз истилои шаҳру навоҳии Гурҷистон Темур соли 1395 ба ҷониби Дашти Қипчоқ лашкар кашид. Сабаби ин лашкаркашии ӯ дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» мухолифати Туқтамишхон бо Темур, ки подшоҳи Дашти Қипчоқ буд, инъикос ёфтааст.[1] Тибқи ахбори Низомуддини Шомӣ Темур вилояти Қийтоғро забт карда, ба канори Оби Қӯй расид ва дар ин ҷо лашкари Туқтамишхонро, ки зери роҳбарии Қазончӣ буд, шикаст дод. Темур қисми дигари лашкари Туқтамишро дар канори оби Тарак шикаст дода, пас аз ғасби чандин шаҳру қалъаҳо ба вилояти Укак расида, мардуми зиёдро ба қатл расонд. Сипас, ӯ мавзеъҳои Оби Узӣ, Уймотой, шаҳри рус Қаросу ва навоҳии он, шаҳру навоҳи Озоқ ва Черкесро забт ва ғорат кард. Бино ба санади Шомӣ шаҳру қалъаҳои кӯҳи Албурз, қалъаи Товус, вилояти Арукувон, Симсим, доманаҳои кӯҳи Уҳара, Чудерқазоқ, мавзеи Буғозқум, Мамуқту, вилояти Сарой, мавзеъҳои Торикӣ, Ашкуҷон ва ғайраҳо дар натиҷаи муборизаҳои Темур ба тасарруфи ӯ даромада, мардуми зиёд кушта ва молу амволашон ғорат карда шуданд. Сипас, Темур ба ҷониби Эрон

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 245; Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 77 .

ҳаркат карда, соли 1396 ба Ҳамадон расида, баъдан ба ҷониби Самарқанд бозгашт.[1]

Бино ба ахбори Ибни Аарабшоҳ Темур пас аз ғасби Ироқи Араб ва Ироқи Аҷам ба ҷониби Дашти Қипчоқ, ки ҳокими он Туқтамиш буд, таваҷҷуҳ намуд. Ибни Арабшоҳ ҳудуди ҷуғрофии онро чунин тасвир кардааст: «Ҳадди билоди Дашт аз ҷониби қибла дарёи туфонии Кулзум аст ва дарёи Миср, ки аз билоди Рум бад-он диёр боз мегардад ва кӯҳҳои Черкас он ду дарёро дар миён ва ба ҳам пайвастани он дуро монеъ аст.

Аз ҷониби Ховар муттасил ба ҳудуди мамолики Хоразм ва Утрору Сигнок аст, то ба билоди Туркистон ва Ҷиго равад ва ба худуди кишвари Чину Муғулистон пайвандад. Аз ҷониби шимол биёбонҳои беобу гиёҳ, шинзорҳое аст чун кӯҳи гарон, ки чаранда ва парандаро ваҳшат афзояд ва поёнаш чун орзуҳои бузургони замон падидор нагардад. Аз ҷониби Бохтар мамолики Русия ва Булгор аст, ки мардуми он ба кеши насоро зиянд ва мамолики Рум ва ончи дар қаламраву фармони ибни Усмон аст, бад-он ҳудуд пайваста шавад»[2].

Ибни Арабшоҳ бештар вазъи ҷуғрофии Дашти Қипчоқро тасвир кардааст. Ӯ ба масоили ҷанги Темур ба Туқтомиш ба Низомуддини Шомӣ ҳамфикр буда, қайд менамояд, ки Туқтамиш шикаст хурда фирор мекунад.[3] Ишғоли шаҳру қалъаҳои Дашти Қипчоқ дар асари вай ба тафсил баён наёфта, ба таври умумӣ қайд мегардад, ки Темур онро ба тасарруфи худ даровард: «Лашкари Темур дар мамолики Дашт пароканда ва бар саросари он кишвар фармонраво гашт ва Темур ибтидо то интиҳои онро ба забт даровард. Молҳо баргирифт ва ғаниматҳо бирабуд. Ғорат ва яғморо дар он диёр мубоҳ кард ва лашкариёни хешро ба вайронии Сарой ва

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 245-259
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур.Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 109-110 .
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 113-115.

Саробҷуқу Ҳоҷитархон баргумошт. Чароғҳои равшанро биншонд ва забонҳои гӯёро хомуш кард ва авзоъу аҳволро дигаргуна сохт».[1]

Шарафуддин Алии Яздӣ низ оиди ҳуҷуми Темур ба Дашти Қипчоқ ё улуси Ҷуҷӣ ба Низомуддини Шомӣ ҳамфикр мебошад. Ҳаводисе, ки дар «Зафарнома»-и Алии Яздӣ тасвир шудааст, ба ахбори овардаи Низомуддини Шомӣ бо дарназардошти ҷузъиёти ҳодисаҳо хеле монанд мебошад. Шарафуддин Алии Яздӣ ба монанди Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ муборизаи Темурро бо Тӯқтомишхон, шикаст хурдани Тӯқтомиш ва тасарруфи шаҳру қалъаҳои ҳудуди Дашти Қипчоқро тасвир кардааст.[2] Мирхонд оид ба лашкаркашии Темур ба Дашти Қипчоқ ба Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ ҳамфикр буда, ҳаводиси дар рисолаи ӯ инъикосшуда ба таври мухтасар дарҷ гаштааст.[3]

Лашкаркашии Темур ба Дашти Қипчоқ дар асарҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ то дараҷае ба ҳам монанд тасвир шудааст, аммо Ибни Арабшоҳ бештар ба масоили ҷуғрофии он аҳамият дода, ишғоли шаҳру қалъаҳои онро аз ҷониби Темур чандон равшан инъикос накардааст. Низомуддини Шомӣ бошад, ишғоли ҳар як шаҳру қалъаи онро ба сароҳият инъикос кардааст, ки ахбори ӯ нисбат ба ахбори Ибни Арабшоҳ комилтар ба назар мерасад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Темур баҳори соли 1395 ба Дашти Қипчоқ бар зидди Тӯқтамишхон лашкар кашид. Дар натиҷа Тӯқтамишхон фирор кард. Темур шаҳру қалъаҳои Олтин Урда, хусусан пойтахти он Саройро забт карда, то сарҳади Москва наздик шуд. Пас аз ин ӯ бо ғаниматҳои зиёд ба қафо баргашт.

Ҳамин тариқ, аз омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи сарчашмаҳои таърихӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳаводиси ҳуҷуми Темур ба Хуросону Эрон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С.115-116.

[2] Шарафуддин Алии Яздӣ. Зафарнома. Бо тасҳеҳ ва таҳшеъаи Мавлавӣ Муҳаммад Алҳудод. Калкута, 1887. Ҷ. 1.-С. 734-777.

[3] Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон, 1373 -С.1070-1073

Темур»-и Ибни Арабшоҳ ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Аммо тафовути ҷиддие, ки дар ин рисолаҳо ба мушоҳида мерасад, ин нисбатан ошкорбаёнӣ дар «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ ва пинҳон доштани баъзе аз амалҳои Темур дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ мебошад. Ҳарчанд Низомуддини Шомӣ соли рух додани бисёре аз воқеаҳо, тасвири раванди онҳо, фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур, ғоратгариву каламанорасозии ӯро дар Систону Исфаҳон зикр мекунад, дар сар задани ҳодисаҳои таърихӣ, хусусан лашкаркашиву фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур дар ин ё он шаҳру қалъа сабабҳои ғайривоқие офаридааст, ки ҳокимон ва ё мардуми он шаҳру қалъаҳоро гунаҳгор донистааст. Ибни Арабшоҳ бошад, ҳадди инсофро риоя карда, ахбори дастраскардаашро бе изофаи танқиду таърифи Темур овардааст.

**Ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон.** Темур баъд аз тасарруфи Хоразму Хуросон, Форсу Ироқ ва дигар шаҳру вилоятҳо соли 1398 ба ҷониби Ҳиндустон лашкар кашид. Ин лашкаркашии ӯ дар сарчашмаҳои таърихии дасти аввал, хусусан «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ, «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд ва ғайраҳо инъикос ёфтааст. Нахустин асаре, ки пеш аз ин рисолаҳо роҷеъ ба ин масъала таълиф шудааст, «Китоби рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ мебошад. Муаллифи он дар дарбори Темур хидмат намуда, зимни лашкаркашии Темур ба Ҳиндустон ӯро ҳамроҳӣ мекард. Аммо аз чи сабаб бошад, ки ин асари офаридаи ӯ ба Темур писанд наомад. Бо вуҷуди ин, «Китоби рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон» аз аввалин манбаъҳо дар хусуси ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон маҳсуб ёфта, аҳамияти муҳими таърихӣ дорад.

Аз рӯйи қавонини илми сарчашмашиносӣ омӯзиши лашкаркашии Темрланг ба Ҳиндустон мебояд нахуст аз «Китоби рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ сурат гирад. Аммо ҳадафи мо, ки баррасии татбиқи инъикоси лашкаркашии Темур ба Ҳиндустон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ

мебошад, нахуст воқеаҳоро дар ду асари номбурда мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, сипас барои таҳлили муқоисавӣ ба асари Ғиёсуддин Алӣ «Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон» мурочиат менамоем.

Лашкаркашии Темур ба Ҳиндустон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ дар 13 фасл ва рисолаи Ибни Арабшоҳ дар се фасл: «Азимати Темур ба билоди Ҳиндустон», «Найранги Темур дар дафъи пилон» ва «Огоҳ шудани Темур аз даргузашти қозӣ Бурҳонуддин ва ал-малик аз-Зоҳири Барқуқ» инъикос ёфтааст. Аз рӯйи навиштаи Низомуддини Шомӣ Темур мақсади лашкаркашӣ ба Хитой ва Хутан дошт, аммо бо сабаби огоҳ шудан аз косташавии дини ислом дар Деҳлӣ ва Канбоит, инчунин тақвият ёфтани бутпарастӣ дар шаҳру навоҳии Ҳинд ишғоли Хитой ва Хутанро ба таъхир гузошта, бо мақсади таҳкими пояҳои дини ислом дар Ҳиндустон лашкаркашӣ ба ин сарзаминҳоро аз авлавият қарор медиҳад. Низомуддини Шомӣ ин маъниро чунин тасвир менамояд: «Пеш аз ин ба масомеи шариф расонида буданд, ки бо он ки дини муҳаммадӣ саллалоҳу алайҳи ва олиҳи вассалам дар билоди Деҳлӣ ва Канбоит ва баъзе дигар аз билоди Ҳиндустон афроштааст ва нақши калимаи тавҳид бар дароҳим ва данонири он диёр нигошта, аммо оммаи атрофи он мамолик ба хабосати вуҷуди куффор мулаввас аст. Ва кофаи анкофи он масолик ба залолати умуми бутпарастон мунағғас ва мулки он савб ба муҷарради боҷу хироҷ аз эшон қонеъ шудаанд... Дар ин вақт зикри ин маонӣ дар бисоти хилофатпаноҳ тоза гардониданд. Раъйи олии ҳазрати соҳибқиронӣ доияи ҳиммати баландро дар ҳаракат оварда, ба-он мултафат шуд, ки арсаи он билодро аз лавси вуҷуди куффори фуҷҷор пок гардонад».[1] Ин нукта дар «Китоби рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон» айнан зикр шудааст, [2] ки ҳатто ҷумлаҳои онҳо шабеҳи ҳамдигаранд. Ин собит месозад, ки Низомуддини Шомӣ дар хусуси лашкаркашии Темур на танҳо аз рисолаи Ғиёсуддин Алӣ истифода бурдааст, балки дар баъзан мавридҳо навиштаҳои ӯро бетағйир

[1]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Бейрут. 1937– С. 170.
[2] Ғиёсиддин Алӣ. Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон. Петроград. Типография императорской академии наук. 1915. С.-45

овардааст. Ҳамзамон, ин ҳолат бо сабки дигар дар «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ[1] ва «Холди барин»-и Муҳамад Юсуф Валеҳ Исфаҳонӣ Қазвинӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, муаллифи рисолаи «Холди барин» менависад: «Чун соҳибқирони покэътиқод рӯйи ҳиммати валонеҳмат ба нияти ғазо ва ҷиҳод ба савби мамолики Ҳиндустон ниҳод…».[2] Аммо муаррихони дигар, аз ҷумла Ибни Арабшоҳ ва Мирхонд оид ба ин масъала назари дигар доранд. Ба навиштаи Ибни Арабшоҳ сабаби ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон вафот кардани подшоҳи он Фирӯзшоҳ ва ҷойнишин надоштани ӯ буд, ки Темур мехост аз ин фурсат истифода бурда, онро ба гумоштагони худ бидиҳад: «Дар он ҳангом Темурро хабар расид, ки Фирӯзшоҳ- султони Ҳинд аз заҳмати дунё раста ва ба раҳмати Яздон пайваста аст. Ва мар ӯро фарзанде нест, ки ҷойгузини вай шавад. Темур бикушид, ки вилояти он сомон ба даст гирад» [3]. Ҳамин маънӣ дар рисолаи Мирхонд васеътар тасвир ёфтааст. Мувофиқи ахбори ӯ баъд аз фавти Фирӯзшоҳ Саранг ва Маллу, ки аз умарои он буданд, набераи Фирӯзшоҳ султон Маҳмудро ба подшоҳӣ бардошта, хостанд ба ин восита ҳокимиятро ба даст оранд. Темур аз ин воқеа воқиф гашта, мақсади тасхири Ҳиндустон намуд.[4]

Сабабҳои ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустонро Ибни Арабшоҳ ва Мирхонд воқеъбинона тасвир кардаанд. Се муаллифи дар гурӯҳи аввал зикршуда, ки дар дарбори Темур ва Темуриён ифои вазифа мекарданд, зимни инъикоси ҳуҷуми Темур ба Ҳинудстон бо таваҷҷуҳ ба вазифаҳои хеш маҷбур буданд сабаберо дар ин хусус пайдо намоянд, ки дар он ихтилофи назари омма наафтад. Бинобар ин, ҳуҷуми Темурро аз рӯйи шариати ислом асоснок намуда, мардуми Ҳиндро куффор ва паҳн кардани дини исломро дар он ҷо сабаби мувофиқ донистанд. Аммо ҳақиқат ин аст, ки баъд аз вафоти

[1] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. Издателского журнала «SAN`AT», 2008. -С.216.
[2] Муҳаммад Юсуф Валеҳ Исфаҳонӣ Қазвинӣ. Холди Барин (Таърихи Темуриён ва туркманон). Теҳрон: 1379 ҳ.қ. Ҷ.6-7.-С.246
[3] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977.-С.99-100.
[4] Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон. Чопхонаи «Маҳорат», 1373. Чопи аввал, Ҷ.6-С.1078.

Фирӯзшоҳ авзои сиёсии Ҳиндустон мураккаб гардид. Темур аз ин фурсат истифода намуда, бо мақсади вусъат додани сарҳади давлати худ ва ғорати Ҳиндустон, ки аз ғанитарин мамолики ҷаҳон ҳисоб мешуд,[1] «пас аз чор моҳи омодагӣ бо 400 ҳазор аскар»[2]ва мувофиқи ахбори рисолаи «Манам Темури ҷаҳонкушо» бо 120 ҳазор нафар[3] лашкар кашид. Ӯ ин лашкаркашии худро бо қонунҳои мазҳабӣ асоснок карда, тобистони соли 1398 Амударёро убур намуд ва нахуст ба Андароб ва аз он ҷо ба воситаи дарёи Синд ба Катур расид.

Аз рӯйи ахбори Ғиёсуддин Алӣ, Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ Темур баъд аз воқеаи Катур ба ҷониби вилояти Эрёб ҳуҷум намуда, онро дар тасарруфи худ даровард ва дар он ҷо дар муддати чордаҳ рӯз масҷиди ҷомеъ сохта, сипас қалъаи Шинузон ва 13 сентябри соли 1398 қалъаи Нағзро гирифт.[4] Ӯ шаҳру қалъаҳои водии дарёи Ҷамал, мавзеъҳои Ҷинҷон, Сиҳвол, Ҷиҳвол, Аҷудан ва ғайраҳоро забт карда, ба қалъаи Батнир наздик шуд. Темур дар қалъаи Батнир ба муқобилияти сахти Баҳодурхон дучор омад. Баъдан бо ӯ музокира намуда, ҳангоми мулоқот ӯро ба қатл расонид ва ба куштори мардуми бегуноҳ дастур дод. «Писарони Баҳодурхон, ки чунин хиёнат аз амири машҳур диданд, даст аз зиндагӣ бишустанд ва нахуст занон ва атфоли худро дар дохили қалъа бикуштанд ва он гоҳ даст ба шамшер бурда, ба Темур ҳамла карданд, то

[1] Рене Груссе. Императории сахронавардон. Тарҷумаи Абдулҳусайни Майкада. Чопи дуюм. Теҳрон, 1987.-С.734.

[2] Шильтбергер И. Путешествия по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год / Перевод со старонемецкого. Ф. К. Бруна. — Баку 1984. –С. 26.

[3] Манам Темури ҷаҳонкушо. Саргузашти Темурланг ба қалами худи ӯ. Гирдоваранда Морсел Бреун. Тарҷума ва иқтибоси Забеҳуллоҳ Мансурӣ. (Мушахассоти китоб ) – Теҳрон: 1367 ҳ.-С.238

[4]Ғиёсиддин Алӣ. Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон. Петроград. Типография Императорской Академии Наук. 1915. С.-57-68; Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.272; Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. 2008. -С.-223.

ҳама аз дами теғи душман гузаштанд».[1] Зимни ин ҳодиса Темур 10 ҳазор нафарро ба қатл расонида, шаҳрро вайрон сохт.[2]

Мувофиқи ахбори Низомуддини Шомӣ, Темур 14 ноябр ба қалъаи Фирӯзбандагон ва шаҳри Сарастӣ, Фатҳобод, 17 ноябр ба қалъаҳои Раҷхбпур ва Асиндӣ ва ба дигар вилояту шаҳрҳо лашкар кашида, 13 декабри соли 1398 ба Деҳлӣ наздик шуд.[3] Ғиёсуддин Алӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд ишғоли ин шаҳрҳоро аз ҷониби Темур шабеҳи Низомуддини Шомӣ тасвир намудаанд. Аммо Ибни Арабшоҳ дар рисолаи худ номи ин шаҳрҳоро зикр накарда, ба таври умумӣ мефармояд, ки яке аз сабабҳои асосии даст ёфтани Темур ба Ҳиндустон ба саркашӣ оғоз кардани бародари Маллу Шорангхон (волии диёри Мултон) буд: «Бародари вай Шорангхон, волии диёри Мултон, ба саркашӣ бархост ва қабоили ҳиндуро дуӣ дар кор ва хилоф ошкор шуд. Ин ихтилоф мар Темурро беҳтарин мададгор ва қавитарин пуштибон ва дастёр буд».[4] Ибни Арабшоҳ ҷанги байни Темур ва Шорангхонро муддати ҳашт моҳ арзёбӣ карда, сипас мубориза Темурро бо Маллу инъикос менамояд, ки мувофики он Маллу шикаст хурда, Темур ба ҷониби Деҳлӣ ҳаракат менамояд: «Чун сипоҳи Ҳинд пароканда ва торумор шуд ва риштаи корашон аз ҳам бигусаст, мардонашон табоҳ ва султонашон Маллу ба роҳи хазимат шуд. Темурро фармонравоии Ҳинд мусаллам гашт ва амраш, он гуна ки дар Самарқанд ҷорӣ буд, бад-он диёр бигзашт. Пилбонон пилони ҷангиро фароҳам оварда, бад-ӯ супурданд ва ӯ ба ҷониби шаҳри Деҳлӣ, пойтахти Ҳинд рӯй намуд…» [5] Ибни Арабшоҳ баъзе ҳаводисро печида ва муғлақ тасвир намудааст. Масалан, Маллу, ки сарлашкари султон Маҳмуд буд, дар асари Ибни Арабшоҳ вазири Фирӯзшоҳ ва баъд аз вафоти ӯ шоҳи Ҳинд зикр

---

[1] Мирғулом Муҳаммад Ғубор. Афғонистон дар масири таърих. 1375, Ҷ.1. Чопи аввал.- С.440.

[2]Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон. 1373, Ҷ.6- С.1083

[3]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома.Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 267-289

[4]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 129.

[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур.Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 133

шуда, пеш аз ишғоли шаҳрҳои Деҳлӣ, Лоҳур, Кашмир ва ғайраҳо Темурро фармонфармои тамоми Ҳинд донистааст.[1]

Бино ба ахбори Ғиёсуддин Алӣ, Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ Темур ҳангоми наздик шудан ба шаҳри Деҳлӣ 17 декабри соли 1398 фармон дод, ки 100 ҳазор нафарро, ки аз дарёи Синд то ин ҷо асир гирифта буд, дар наздикии Панипат, дар соҳили дарёи Ҷамад ба қатл расонанд. Сабаби қатли ин асирон дар он буд, ки Темур мехост ҳангоми ҳуҷум ба Деҳлӣ аз ақибгоҳи худ осуда бошад.[2] Зеро асирон метавонистанд ба ҷониби лашкариёни султон Маҳмуд ва Маллу, ки шумораи онҳо ба 10 ҳазор савора, 25 ҳазор пиёда ва 127 фили ҷангӣ баробар буд, гузашта, дар мубориза кӯмак намоянд.

Темур лашкари подшоҳи Деҳлӣ султон Маҳмуд ва Маллухонро шикаст дода, мардуми зиёди дигарро ба қатл расонид. Низомуддини Шомӣ фоҷиаи анҷомдодаи Темурро дар ин шаҳр бо фоҷиаҳои Исфаҳону Систон муқоиса карда, мефармояд: «Ва аз хуни сиёҳон теғи сабзрангро сурх сохтанд ва нили нокомӣ бар чеҳраи амонии эшон кашиданд ва чандон аз он гурӯҳ куштанд, ки ҳикояти қатли Исфаҳону Систон мансух гашт».[3]

Тавре зикр кардем, Низомуддини Шомӣ дар инъикоси ишғоли шаҳрҳои Ҳиндустон, хусусан Деҳлӣ аз ҷониби Темур бештар ба рисолаи Ғиёсуддин Алӣ такя кардааст ва ахбори онҳо чӣ аз ҷиҳати мазмун ва чӣ аз ҷиҳати сабку услуб ба ҳамдигар шабоҳат доранд. Барои мисол воқеаи Деҳлиро дар ҳарду сарчашма ҳамчун намуна тасвир менамоем. Ғиёсуддини Алӣ мефармояд: «Дар ҳамин рӯз шоҳзодагону умаро ба иззи арз расониданд, ки аз лаби оби Синд то дар ин манозил 100 ҳазор ҳинду аз куфр ва габр ва бутпараст асир гаштанд ва дар лашкаргоҳ муҷтамаъ шуда. Ва дар ҳисоб, ки рӯзи ҷанг ба тарафи габрони Деҳлӣ майл кунанд ва ҳуҷум карда, бад-эшон пайванданд. Ҳукми ярлиғи ҷаҳонкушой ба нифоз пайваст

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур.Душанбе: ЭР-Граф, 2018. –С.133
[2] История таджикского народа.Т. III. Душанбе, Дониш, 2013.-С.449.
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.–С. 295.

ва маҷмӯи ҳиндуёнро, ки дар дасти лашкариён буданд, ба қатл оварданд ва аз хун селобҳо равон шуд». [1]

Низомуддини Шомӣ оид ба ин масъала аз рисолаи Ғиёсуддин Алӣ чунин истифода намудааст: «…ва дар ҳамин рӯз шоҳзодагону умаро ба иззи арз расониданд, ки аз лаби оби Синд то ин манозил 100 ҳазор ҳинду аз куффору габр ва бутпараст асир гаштанд ва дар лашкаргоҳ муҷтамаъ шуда. Ва дар ҳисоб, ки рӯзи ҷанг ба тарафи Деҳлӣ майл кунанд ва ҳуҷум карда, бад-эшон пайванданд. Ҳукми ярлиғи ҷаҳонкушой ба нифоз пайваст ва маҷмӯи ҳиндуёнро, ки дар дасти лашкариён буданд, ба қатл оварданд ва аз хуни эшон селобҳо равон карданд» [2].

Шарафуддин Алии Яздӣ низ дар тасвири воқеаҳои таърихӣ, хусусан ишғоли Деҳлӣ аз ин ду рисола истифода бурдааст. Фарқияти асосӣ дар такмили матнҳо ва сабку услуби таълифи онҳо ба мушоҳида мерасад. Муаррихи дигар Мирхонд бошад, дар инъикоси воқеаҳои дар назар дошташуда ба Шарафуддин Алии Яздӣ бештар пайравӣ карда, дар мазмуни онҳо низ тафовутҳои ҷиддӣ дида намешавад. Аммо ҳуҷуми Темур ба Деҳлӣ дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» баръакси рисолаҳои зикршуда ба таври умумӣ ва кӯтоҳ тасвир ёфтааст. Тибқи ахбори Ибни Арабшоҳ ҳангоми наздик шудани Темур ба пойтахти Ҳинд –шаҳри Деҳлӣ мардуми он ба дижҳои устувори шаҳр баромада, дарвозаҳоро барбастанд: «Ӯ (Темур) бо лашкари анбӯҳ ва сипоҳи фаровон, ки ба ҳамроҳ дошт, гирдогирди он бигрифт. Ва гуфтаанд, ки он гурӯҳи бешуморро ба сабаби бузургии шаҳр ёрои он набуд, ки бар тамоми атрофи он муҳит шаванд. Пас онро аз як сӯй дар ҳисор гирифтанд ва то се рӯз ба кашокашу задухӯрд ба сар бурданд ва вусъати доираи шаҳр чандон буд, ки дар ин муддат ҷониби дигари шаҳр аз ғавғои он хабар наёфтанд»[3]. Р.Г. де Клавихо низ ҳуҷуми Темурро ба Ҳиндустон ба таври умумӣ ва кӯтоҳ зикр кардааст. Ӯ соли ҳуҷуми Темурро ба Ҳинд ва ишғоли дигар шаҳру навоҳии онро аз мадди

---

[1]Ғиёсиддин Алӣ. Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон. Петроград. 1915.- С.109-110.
[2]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 291.
[3]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 133-134.

назари худ дур гузошта, танҳо воқеаи Деҳлиро нигоштааст. Мувофиқи ахбори Клавихо дар муҳорибаи аввал шоҳи Ҳинд бо истифода аз 50 фили ҷангӣ Темурро шикаст дод. Аммо рӯзи дигар бо фармони Темур шутурҳоро намад печонида ва оташ зада, ба муқобили филҳо равон карданд, ки филҳо тарсида фирор намуданд. Клавихо мегӯяд: «Ҳамин тариқ, шоҳи Ҳинд мағлуб шуд ва Тимурбек аз ин шоҳ тамоми заминҳои ҳамвор ва заминҳое, ки ба империяи Самарқанд ҳамсарҳад буданд, гирифт».[1] Маҳз ҳамин ахборро И. Шильтбергер бехабар аз ахбори Клавихо ва Ибни Арабшоҳ тасдиқ мекунад.[2]

Аз таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои таърихӣ маълум мешавад, ки воқеаи ишғоли Деҳлӣ аз ҷониби Темурро Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд аз ахбори Ғиёсуддин Алӣ, ки шоҳиди ин лашкаркашӣ буд, ба вадиа гирифтаанд. Аммо Ибни Арабшоҳ ва Р. Г. Клавихо ба ахбори дар байни мардум интишорёфта қаноат намуда, ба яқин аз асари Ғиёсуддин Алӣ иттилоъ надоштанд.

Бино ба ахбори Низомуддини Шомӣ пас аз ишғоли Деҳлӣ Темур ба ҷониби Вазиробод, қалъаи Мирт, кӯҳи Купла, нуҳуми моҳи ҷумодиулаввали соли 801 ҳ.қ. (17 январи 1399) кӯҳи Суолик лашкар кашид ва дар соҳилҳои дарёи Ганг, хусусан мавзеи Туғлуқупур мардуми зиёдеро ба қатл расонида, дороиҳояшонро ба ғорат бурд: «Ва лашкари мансур аз ақиби эшон даромада, халқе бисёр аз эшон ба теғ гузарониданд. Ва зану фарзанди эшонро асир сохтанд. Ва лашкариён галлаҳои аспу гов аз шумори қиёс берун ғанимат ёфтанд».[3] Низомуддини Шомӣ зикр менамояд, ки Темур шонздаҳуми моҳи ҷумодиулохири соли 801 ҳ.қ. (23 феврали соли 1399) навоҳии Ҷамуро дар тасарруфи худ даровarda, ҳабдаҳуми ҷумодиулохири соли 801 ҳ.қ. (24 феврал) ба ҷониби Кашмир ва дигар

[1] Руи Гонсалес де Клавихо. Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403—1406) . Москва: Наука, 1990. -С.124
[2] Шильтбергер И. Путешествия по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год . — Баку, 1984. –С. 27.
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 295.

шаҳру деҳаҳо ҳаракат намуда, онҳоро ишғол кард[1] ва 6 марти соли 1398 ба Самарқанд баргашт: « Ва ҳам дар ин рӯз (6 март) ҳукм ба нифоз пайваст, ки умарои бaровaнғору ҷовaнғор ва соири умарои қушунот ҳар як ба роҳи муайян рӯй ба дорулмулки Самарқанд оваранд».[2] Ин воқеаҳо бо ҳамин мазмун дар рисолаҳои Ғиёсуддин Алӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ низ инъикос ёфтааст. Аммо Ибни Арабшоҳ ҳуҷумҳои Темурро ба дигар шаҳру вилоятҳои Ҳиндустон зикр накарда, навиштааст, ки бо фатҳи Деҳлӣ тамоми Ҳиндро ба даст овард: «Темур бар курсии Ҳинд мустақар ва бар шаҳрҳо ва канору гӯшаи он мусаллат шуд ва фармонаш бар саросари он мулк бигузашт ва лашкариёни худро бар вилояту шаҳрҳо ва гузаргоҳҳои ҳамвору ноҳамвор гузин кард».[3] Аз рӯйи ахбори ҳамин манбаъ Темур баъди огоҳ шудан аз марги қозӣ Бурҳонуддин Аҳмади Севосӣ ва ал-малик аз-Зоҳир Абусаиди Барқуқ кори Ҳиндустонро саросемавор ба сомон расонида, бо лашкариёни худ ва ғаниматҳои зиёд ба Самарқанд баргашт.[4]

Сабаби дигари ба зудӣ аз Ҳиндустон баргаштани Темур номае мебошад, ки Темур гумон бурд, ки аз ҷониби фарзандаш Амироншоҳ аст. Ин нома дар рисолаи Ибни Арабшоҳ инъикос шуда ва дар он омадааст: «Ҳамоно дарозии даврони зиндагӣ ва шикастагиву нотавонии ҷисм туро сусту ночиз намуда ва аз иҷрои маросими раёсат ва ба ҷой овардани умури сиёсат бидоштааст. Пас шоистатар он аст, ки роҳи ибодат ва бандагӣ гузинӣ ва дар гӯшаи узлат ва парҳезгорӣ нишинӣ, то замонат сар ояд. Фарзандон ва наводагони ту тавонанд, ки амри раъиятро риоят ва кори лашкару кишварро кифоят кунанд…»[5] Ҳамзамон, дар нома суханҳои тунду тез ва таҳқиромез дар ҳаққи Темур баён шудааст.

Р.Г. Клавихо ҳуҷумҳои Темурро ба дигар шаҳрҳои Ҳиндустон инъикос накарда, пас аз воқеаи Деҳлӣ мефармояд, ки қисмати зиёд ва беҳтари

---

[1]Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 319
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 319
[3]Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон,1977. -С.104
[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018.- С. 134.
[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 135.

заминҳои Ҳинд дар тобеияти шоҳи Ҳинд монд: «Қисмати зиёди заминҳои Ҳинд ноҳамвору кӯҳсоранд, аммо мегӯянд дар онҷо шаҳру деҳаҳои зиёд ҳастанд ва замин ҳам бисёр ҳосилхез аст. Вақте шоҳи Ҳинд мағлуб шуд, вай ба ин кӯҳсор омад ва лашкари нав ҷамъ кард. Аммо Тимурбек вайро интизор нашуда, лашкарашро ҷамъ кард ва ба водӣ рафт. Шоҳи Ҳинд бошад, нияти ба вай ҳуҷум кардан накард. Дар ин заминҳои ҳамвор, ки Тимурбек ба даст оварда буд, то ба шаҳри Гормес (Ормуз)-и бузург ва сарватманд набераи вай роҳбарӣ мекард. Аммо қисмати калон ва беҳтари Ҳинд дар тобеияти шоҳи Ҳинд буд».[1]

Дар зимн метавон натиҷагирӣ кард, ки Темуланг баъд аз фатҳи Деҳлӣ ба бисёр аз шаҳрҳои Ҳиндустон, аз ҷумла Вазиробод, қалъаи Мирит, кӯҳи Қупла, кӯҳи Суолиқ, шаҳру ноҳияҳои соҳили дарёи Ганг, Лоҳур, Кашмир ва ғайраҳо лашкар кашид. Аммо моҳи марти соли 1399 аз халалдор шудани вазъи сиёсӣ дар Эрону Ироқ огоҳ шуда, ба Самарқанд ва аз он ҷо ба Эрону Шом лашкар кашид.

Ҳамин тариқ, лашкаркашии Темур ба Ҳиндустон бо тасвири пурраи воқеаҳо, сана, моҳ ва соли ишғоли ҳар як шаҳру вилоят дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, рисолаҳои Ғиёсуддин Алӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд инъикос ёфтааст. Ибни Арабшоҳ ва Р.Г. Клавихо ба иттилое, ки аз ин лашкаркашӣ доштанд, онро ба иҷмол тасвир кардаанд. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки масоили ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ хеле густурда инъикос шудааст. Ҳамчунин, аз омӯзиш ва таҳлили манбаъҳои хаттӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки Темур зимни ҳуҷум ба Ҳиндустон на танҳо онро тасарруф кард, инчунин бисёр шаҳру қалъаҳои онро хароб намуда, мардуми бегуноҳро аз дами теғ гузаронида, молу сарвати зиёде ба ғанимат гирифт. Ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон ба мардуми Ҳинд фоҷиаҳои бузург ба бор овард.

Баъд аз хуруҷи лашкари Темур Ҳиндустон дар шумори сарзаминҳои зертобеи Темур боқӣ намонд.

[1] Руи Гонсалес де Клавихо. Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403—1406). Москва: Наука, 1990. -С.124

**Таваҷҷуҳи Темур ба Эрону Гурҷистон ва Ироқу Рум баъд аз забти Ҳиндустон.** Пас аз ғорати Ҳиндустон Темур ба як қатор шаҳру кишварҳои дигар, мисли Эрон, Гурҷистон, Рум, Шом, Истанбул, Анқара ва ғайраҳо лашкар кашид. Аз рӯйи ахбори Низомуддини Шомӣ сабаби таваҷҷуҳи Темур дар ин навбат ба Эрон дар он буд, ки ҳангоми баргаштанаш аз Ҳиндустон ба Самарқанд ба саҳми ӯ расониданд, ки вазъи сиёсии Эрон халал ёфтааст: «…ба масомеи шарифа расониданд, ки ба аҳволи мамолики Эрон ва тахсиси Озарбойҷон ва тавобеи он футуре роҳ ёфта ва аз лашкари гурҷу арман раоёнро осебе расида». [1] Ӯ дигар ҷузъиёти ин воқеаро зикр накардааст, вале ба навиштаи Шарафуддин Алии Яздӣ, ки оид ба ин масъала ба Низомуддини Шомӣ ҳамфикр мебошад, сабаби инро чунин тасвир намудааст, ки Мироншоҳ (ҳокимиятро дар Эрону Ироқ идора мекард) зимни шикор дар соли 1396 аз сараш захм бардошт, ки ин минбаъд ба ӯ дар корҳои идораи ҳокимият таъсири манфӣ расонд. Р. Г. де Клавихо ба дурустии ин масъала, ки дар он давра дар байни мардум паҳн гашта буд, шак карда, менигорад, ки Мироншоҳ дар вақти дар Ҳиндустон будани падараш ба хулосае меояд, ки коре беҳтар аз вайронкорӣ аз дасти ӯ намеояд ва ба ин хотир Табрез ва Султонияро хароб кард. [2]Бино ба иттилои Муҳаммад Юсуфи Исфаҳонӣ ба муҷиби лашкар кашидани Мироншоҳ ба Бағдод, ба айшу ишрат бештар машғул шудани ӯ ва бо истифода аз ин фурсат сар баровардани гурҷиён авзои сиёсии минтақа ноором шуд.[3] Аз рӯйи ахбори Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд султон Тоҳир- писари султон Аҳмад-ҳокими Бағдод соли 1398 аз бетаваҷҷуҳии Мироншоҳ ва дар Ҳиндустон будани Темур истифода бурда, қалъаи Анҷаникро муҳосира кард. Гурҷҳо ба ӯ пайваст шуда, лашкари Табрезро, ки бар зидди онҳо омада буд, шикаст доданд. [4] Бино ба таъйиди ҳамаи

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Бо муқаддима ва кӯшиши Паноҳӣ Саҳнонӣ. Интишороти «Бомдод». 1363 ҳ.қ. -С.212

[2] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016.— С.105.

[3] Муҳаммад Юсуф Валеҳ Исфаҳонӣ Қазвинӣ. Холди Барин (Таърихи Темуриён ва туркманон) Ҷ.6-7. Теҳрон: 1379 ҳ.қ-С.263

[4] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. 2008. -С.252-253; Мирхонд. Равзату-

сарчашмаҳои дар боло зикршуда хабарро ҳамсари Мироншоҳ Хондзода пинҳонӣ аз шавҳараш ба Темур расонидааст.

Ибни Арабшоҳ аз вазъи рӯҳӣ ва амалҳои Мироншоҳ, ҳуҷуми султон Тоҳир ва лашкари Гурҷ ба Табрез ёдовар нашудааст. Тавре дар боло зикр намуда будем, тибқи ахбори Ибни Арабшоҳ Темур ҳангоми дар Ҳиндустон буданаш аз марги қозӣ Бурҳониддин Аҳмади Севосӣ, ки ҳокими Севос буд ва ин вилоят дар билоди Рум дохил мешуд, огаҳ шуда, бо мақсади ғасби Севос аз Ҳиндустон ба Самарқанд ва аз он ҷо ба ҷониби Шом ҳаракат кард. [1]

Ҳангоми дар Ҳиндустон қарор доштани Темур Мироншоҳ аз бетаҷрибагӣ ва ноуҳдабарой, инчунин бештар ба айшу ишрат машғул шудан аз уҳдаи идораи ҳокимият дар Форс баромада натавонист. Ин боис шуд, ки ҳаракатҳои ҷудоихоҳии мулкҳои тасарруфшуда ба вуқӯъ омада, ҳамзамон таваҷҷуҳи дигар давлатҳо ба Форс ҷалб гардид. Темур зимни баргаштани худ аз Ҳиндустон ба воситаи ҳамсари Мироншоҳ Хондзода аз ин вазъият огоҳ шуда, бо мақсади ба низом даровардани авзои сиёсии Эрон ва ишғоли Гурҷистон, Рум ва Шом аввали моҳи сентябри соли 1399 ба ҷониби Эрон ҳаракат кард ва ба Шоҳрух, ки ҳокими Ҳирот буд, қосид фиристод, ки бо лашкари худ ба ҷониби Озарбойҷон таваҷҷуҳ фармояд. Ӯ нахуст Мироншоҳро аз ҳокимият дур карда, баъзе аз ашхоси мансабдори ӯро ба қатл расонд ва фармондеҳии лашкарро ба уҳдаи худ гирифт. Сипас, дар деҳаи Қарабоғи Табрез, ки барои зимистонгузаронии лашкари ӯ ҷойи муносиб буд, қарор гирифт. Аз ҳамин нуқта таҳоҷими интиқомҷӯёнаи худро аллайҳи гурҷиён ба роҳ андохт, вале шиддати бурудати ҳаво аз пешравии амалиёт ҷилавгирӣ кард.[2] Бинобар ин, баҳори соли 1400 бо тайёрии ҷиддӣ ба ҷониби Гурҷистон лашкар кашид.

Тибқи иттилои Низомуддини Шомӣ Темур ҳангоми ҳамла ба Гурҷистон ва тасхири қалъаву шаҳрҳои он мардуми зиёдро ба қатл

---

с-сафо.Теҳрон, 1373, -С.1091.

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф-2018. -С.134.

[2] Таърихи Эрон давраи темуриён. Пажуҳиш аз Донишгоҳи Кембриҷ. Теҳрон, 1379.- С.84

расонида, сипоҳи Хурсонро ҷудо карда ба ҷониби Тифлис гузошт. Баъди тасхири Арману Гурҷистон ба ҷониби қалъаи Зурият, ки гурҷиён паноҳ бурда буданд, таваҷҷуҳ намуда, тамоми мардуми онро ба қатл расонид.[1]

Ин масъала дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» ба таври мухтасар тасвир ёфтааст. Ҳарчанд муаллифи он аз тасвири ҷузъиёти ин воқеа сарфи назар карда бошад ҳам, маҳаки асосии онро баён доштааст, ки нисбат ба ахбори Низомуддини Шомӣ аз лиҳози мазмуну моҳият пурратар ва ба ҳақиқат наздиктар мебошад: «Пас бо гурӯҳе анбуҳ, ки ба ҳамроҳ дошт, рӯзи панҷшанбеи дуюми ҷумодиу-л-охира (30 январи 1400) ба шаҳри Тифлис даромад ва оҳанги билоди Гурҷистон карда, бурду боруи он дарҳам шикаст ва дижҳову калъаҳо аз ҷой барканд ва ба ҳар кас, ки даст ёфт, фармонбардор ва нофармон аз пой даровард ва тане аз саркашону гарданфарозон бар ҷой нагзошт»[2]. Шарафуддин Алии Яздӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, қайд менамояд, ки дар муддати як моҳ тамоми «кофирон»-ро нест карда, вилояти Гурҷро ба ихтиёри худ даровард.[3]

Ахбори сарчашмаҳои таърихӣ оид ба ҳуҷуми Темур ба Гурҷистон ба ҳам шабоҳат доранд. Вале дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ таваҷҷуҳи муаллифон нисбат ба аъмоли Темур бештар эҳсос мегардад.

Дар зимн метавон натиҷагирӣ кард, ки Темур моҳи январи соли 1400 ба Гурҷистон ҳуҷум намуда, дар муддати як моҳ 15 шаҳру қалъаи онро дар тасарруфи худ даровардa, мардуми зиёдро ба қатл расонид. Ӯ сипас ба ҷониби Рум лашкар кашид, ки мувофиқи ахбори Низомуддини Шомӣ яке аз сабабҳои асосии ин ҳуҷум хароб гардидани баъзе аз билоди Рум аз ҷониби подшоҳи он Йилдируми Боязид ва таҳдиди ӯ ба ҳокими Арзинҷон Таҳмутан оид ба байъат намудан ба вай буд. Ба навиштаи И.Шелтбергер Боязид бо 300 ҳазор аскари худ ба Арманияи Хурд ва шаҳри асосии он

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 331-332.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур.Душанбе, ЭР-Граф, 2018.- С.140.
[3] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. «SAN`AT», 2008. -С.259.

Арзинҷон ҳуҷум карда, ҳокими он Мутаххараро асир гирифта, ба дарбори худ баргашт.[1]

Бояд гуфт, ки мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ин шаҳр ба ҳокимияти Темур дохил мешуд. Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд низ дар ин масъала ба Низомуддини Шомӣ ҳамфикр буда, ба андешаи онҳо ишғоли Севос, Мордин ва қалъаҳои Арзинҷону Арзирум аз ҷониби Ийлдирум сабаби ҳуҷуми Темур ба Рум гардид. Аммо Ибни Арабшоҳ ва Руй Гонсалес де Клавихо оид ба сабабҳои ҳуҷуми Темур ба Рум ишорае накардаанд. Йилдируми Боязид ба шаҳрҳои наздимарзии дар тобеияти Темур қарордошта фишор овард, ки барои Темур ҷиҳати ҳуҷум ба Рум баҳонаи муносиб афтод. Темур ба сарҳади ин давлат наздик шуда, пеш аз ҳама ба шаҳри Севос, ки сарҳади Рум ва Шомро аз ҳам ҷудо мекард, ҳуҷум овард.

Аз рӯйи ахбори Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ Йилдирум дар Севос Мустафо ном шахсро ҳоким таъйин намуда, ба ихтиёраш чаҳор ҳазор нафарро барои муқобилият ба Темур гузошта буд. Ӯ мефармояд: «Лашкари мансурро фармон расид, то дар атрофу ҷавониби ҳисор арродаву манҷаниқ насб карданд ва бурҷҳо дар муқобили ҳисор баровrouteранд. Ва рӯй бар ҷанг оварда, муддати ҳаждаҳ рӯз бар ин минвол бигузарониданд. Ва аз атроф заминҳо қисмат карда, ба нақб машғул буданд ва чун нақбҳо тамом шуд, ҳукми ҷаҳонмутоъ нифоз ёфт, то оташ дар нақбҳо заданд ва арродаву манҷаниқ ба кор андохтанд»[2]. Низомуддини Шомӣ аз зикри сана, моҳ ва соли сар задании ин воқеа сарфи назар карда, дигар хунхориҳои Темурро дар ин шаҳр чандон равшан зикр накардааст. Аммо ба навиштаи Алии Яздӣ Темур аввали моҳи муҳаррами соли 803 (22.08.1400) ба ҷониби Севос ҳаракат кардааст. [3] Бино ба ахбори Ибни Арбшоҳ Темур 17 моҳи зулҳиҷаи соли 802 ҳиҷрӣ (9 августи соли 1400) ба он шаҳр наздик шуда, онро дар муҳосира гирифт ва дар муддати

[1] Шильтбергер И. Путешествия по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год . — Баку, 1984. –С. 24.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома.Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С. 337-338
[3] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. SAN`AT, 2008. –С. 266.

18 рӯз онро тасхир кард: «Он гоҳ гирдогирди шаҳрро бигирифт ва ба рӯзи ҳаждаҳум баробар бо панҷшанбеи панҷуми муҳаррами 803 (26 августи соли 1400) бад-он мусаллат гашт ва савганд ёд кард, ки аз хунрезӣ даст бидорад ва ҷоҳу номуси мардумро гиромӣ шуморад, аммо чун аз кори задухӯрд бознишаст ва аз кашокаш бипардохт, бандҳои гарон бар гарданашон барбаст ва гувдолҳои жарф биканд ва эшонро зинда дар он гувдолҳо афканд, шумораи касоне, ки бад-он чоҳҳо нагун шуда, ҷон супориданд, аз ҳазорон нафар беш будааст». [1]

Яке аз сабабҳои асосии инъикос наёфтани баъзан фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур аз ҷониби Низомуддини Шомӣ ба мавқеи ӯ ва ҳифзи нуфузи Темур вобастагӣ дорад. Тавре қайд намуда будем, Ибни Арабшоҳ, ки дар навиштаи рисолаи худ озод буд, тамоми ахбори ба даст овардаашро дар хусуси ғасбкориҳо ва фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур боҷуръатона қайд намудааст.

Ҳамин тавр, баъд аз тасарруфи Гурҷистон Темур сиёсати ғасбкоронаи худро идома дода, ба ҷониби Рум таваҷҷуҳ фармуд. 26 августи соли 1400 нахуст Севосро дар муҳосира қарор дода, дар муддати 18 рӯз онро ғасб кард ва мардуми зиёди ин шаҳрро аз дами теғ гузаронида, шаҳро вайрон кард. Баъдан ба ҷониби Обилистон ва Малотия, ки аз вилоятҳои Рум буд ва онҳо низ марзҳои Руму Шомро аз ҳам ҷудо мекарданд, ҳуҷум карда, онҳоро ба тасарруфи худ даровард. Аммо аз ишғоли дигар шаҳрҳои билоди Рум дар ин навбат даст кашида, ба ҷониби Шом ҳаракат кард ва қалъаҳои Беҳсанӣ, Антоб ва шаҳрҳои Ҳалабу Баалбакро ишғол намуда, ба ҷониби Димишқ рӯ овард.

Бино ба ахбори Низомуддини Шомӣ Темур миёнаи моҳи ҷумодиулохири соли 803 ҳ.қ.(охири моҳи январи соли 1401) ба наздики Димишқ расида, бисёре аз қаровулони онро ба қатл расонид. Баъдан бо волии Миср, ки ҷиҳати мубориза бо Темур ба ин ҷо омада буд, музокира намуд, аммо ба тавофуқ нарасида, гирдогирди Димишқро муҳосира кард.

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. -С.152.

Аз рӯйи маълумоти ин манбаъ волии Миср фирор намуда, Темур шаҳрро ишғол кард ва дар ҳамин вақт ба ногоҳ шаҳр оташ гирифт: « Ногоҳ бехабару ихтиёри мардум оташ дар шаҳри Димишқ афтод» [1]. Ба андешаи ӯ ҳар сол як ё ду бор ҳар гӯшае аз Димишқ оташ мегирифт: «Ва чун пеш аз он маъҳуд буда, ки ҳар сол як бор ё ду бор дар ҳар ҷонибе аз Димишқ оташ афтодӣ ва қузоту акобир ва аъён ҷамъ шудандӣ ва ба ҳазор ҳиллат оташро фурӯ нишондандӣ ва бад-ин сабаб доимо дар Димишқ ба иморат машғул будандӣ».[2] Аз рӯйи ахбори ҳамин манбаъ баъди сӯхтани Димишқ охири моҳи раҷаби соли 803 ҳ.қ. (15 феврали соли 1401) лашкари Темур даст ба ғорат ниҳода, ҳамчунин аҳолии Димишқро асир гирифта, бо фармони Темур аз куштани онҳо худдорӣ карданд.

Ин масъала дар рисолаи Ибни Арабшоҳ ба таври дигар инъикос шудааст. Ӯ ҳуҷуми Темурро ба Димишқ, ки дар он вақт дар ин шаҳр будааст,[3]«намунаи рӯзи растохез» номида, мефармояд: «Балои ногаҳонӣ ҳама ҷоро фаро гирифт ва қазои осмонӣ ҳамагонро дарёфт. Фикрҳо норасо ва хирадҳо нотавон шуд. Гарди мотаму андӯҳ дар фазо печид. Қасам ба Худо, ки он рӯзҳо нишони рӯзи растохез ва намудори он вақту соати ҳавлангез буд. Ин ғорат ва куштор ҳамчунон то се рӯз истисмор дошт».[4]

Тавре дар боло зикр кардем, Низомуддини Шомӣ оташ гирифтани шаҳри Димишқро «худ аз худ» мегӯяд. Аммо Ибни Арабшоҳ ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода, сабаби фармудаи Низомуддини Шомиро, ки дар он вақт дар байни мардум паҳн гашта буд, рад мекунад. Назар ба навиштаи ӯ лашкариёни Темур шаҳр ва масҷиди Бани Умайяро оташ заданд: «Ҳамчунон рӯзону шабон ба кори оташафрӯзӣ буданд, то он чи аз нуфусу нафоис барҷой монда буд, дар коми оташ табоҳ гашт ва лавҳи вуҷуди шаҳр ва мардуми он ба забони шуъла сутурда шуд. Чунон ки гуфтӣ аз оғоз

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.362.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.362
[3] Валтер Ҷ. Фесчел. Ибни Халдун ва Темурланг. Тарҷумаи Саид Нафисӣ ва Нушинвахт Нафисӣ. Теҳрон,1952 –С.4.
[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф-2018.-С.192.

набудааст. Ва ин амал он гоҳ карданд, ки бору буна аз шаҳр берун кашида ва молу матоъ аз он бадар бурда буданд»[1].

Ба навиштаи Мирхонд ҳангоми мубориза бо фармони Темур нақбҳо оташ зада шуданд ва дар ин вақт оташ ба шаҳр афтод ва ё лашкариёни Темур шаҳрро оташ заданд. Пас аз ин Темур Димишқро ғорат кард.[2] Клавихо бошад, аз оташ задани Димишқ аз ҷониби Темур ёдовар нашуда, танҳо қайд менамояд, ки Темур бо зӯрӣ шаҳрро аз худ карда, косибону ҳунармандони онро ба Самарқанд бурд.[3]

Ибни Арабшоҳ ҳаводиси баъд аз воқеаи дар Димишқ рухдодаро тасвир намудааст, ки ин масъала дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ ба мушоҳида намерасад. Назар ба ахбори ӯ баъд аз ҳуҷуми Темур ба Димишқ сагҳо ба лошаи куштагон дарафтода, касеро ёрои қадам гузоштан ба ҷониби масҷиди Бани Умайя набуд. [4]

Аз омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои зикршуда бармеояд, ки ҳарчанд Низомуддини Шомӣ ҳуҷуми Темурро ба Димишқ ба таври васеъ инъикос намуда бошад ҳам, дар баъзан ҳолатҳо ҳақиқати таърихро рӯйпуш намудааст. Масалан, дар хусуси худ ба худ оташ гирифтани шаҳри Димишқ ва ғорат кардани шаҳр баъд аз сӯхтор. Ахбори Ибни Арабшоҳ бошад, нисбат ба дигар манбаъҳои хаттӣ ба ҳақиқат наздик аст. Бо вуҷуди ин дар натиҷаи омӯзиши манбаъҳои хаттӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки Темур соли 1401 ба Димишқ ҳуҷум карда, онро ғорат ва сипас оташ зад. Аскарони худро фармуд, ки ҳар кадоми онҳо сари буридаи одамӣ оваранд. Сипас, аз ин сарҳо каламанора сохтанд.[5] Боқимонда аз аҳолии шаҳр, хусусан ҳунармандон ва косибонро иҷборан ба Самарқанд бурд.

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф, 2018. -С.192-193.
[2] Мирхонд. Равзату-с-сафо. С.-1099
[3] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016.-С.86.
[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф,2018.-С.193.
[5] Ғафуров Б. Тоҷикон / Б. Ғафуров-Душанбе, 1983. Ҷ. 1.- С.649.

Темур 15 феврали соли 1401 аз Димишқ берун шуда, ба ҷониби Мордин ва Бағдод ҳаракат кард. Низомуддини Шомӣ қайд менамоянд, ки Темур ба ҷониби Бағдод ҳуҷум карда, онро баъд аз чил рӯзи муҳосира ишғол карда, марду зан ва пиру ҷавон –ҳама аз дами теғ гузаронида шуданд: «…пири ҳаштодсолаву тифли ҳаштсола дар бозори қаҳру ғазаб ба як нарх ба кор рафтанд. Боди бениёзӣ вазидан гирифт ва киштии аъморро дар дарёи ҳалоку вубол ғутта дод ва тундбоди қаҳр баргу бори вуҷуди эшонро бар хоки ҳисор андохт. Ва он чӣ аз сад яке ва аз бисёр андаке бозмонда буд, ба ҳукми фармон ҳамаро асир карданд… Пас ҳукм нофиз шуд, то иморот, бозорҳо, хонаҳо ва ҷавомеи онро «қоан сафсафан»[1] гардониданд то оламиён эътибор гиранд».[2]

Ин воқа дар рисолаи Ибни Арабшоҳ низ инъикос шудааст. Ӯ ба монанди Низомуддини Шомӣ муҳосира шудани ин шаҳрро аз ҷониби Темур зикр карда, мефармояд: «Дар моҳи зулҳиҷҷа (13 июл-10 августи 1401) он шаҳрро дар ҳисор гирифт. Аз ду сӯй ба задухурд пой бифушурданд ва бештар куштагону захмдорон аз лашкариёни Темур будаанд».[3] Ибни Арабшоҳ вуруди Темурро ба шаҳр ва фоҷиаҳои анҷомдодаи ӯро нисбатан дақиқтар тасвир карда, менависад, ки Темур ба қаҳр дарвозаи онро кушода, дар рӯзи иди Қурбон ба аскарони худ фармон медиҳад, ки ҳар як кадом ду сари буридаи одамӣ оваранд: «Пас даста-даста ва якояк сарҳо баргирифтанд ва назди вай бурданд ва наҳри Даҷла аз хуни куштагон лабрез карданд. Дар шумори навад ҳазор тан ба қатл расонданд. Баданҳои куштагонро дар майдонҳо дарандохтанд ва аз сарҳои онон манораҳо сохтанд. Баъзе аз сипоҳиён, ки ба мардуми Бағдод даст наёфтанд, аз мардуми Шом ва дигар асирон, ки ба ҳамроҳи худ доштанд, бикуштанд ва бархе, ки аз мардон дур монданд, занонро сар баргирифтанд ва касоне, ки аз он ҳам бебаҳра шуданд, аз ёрону ҳамроҳони худ ҳар киро тавонистанд,

[1] Заминро майдоне ҳамвор бигузорад.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Бо муқаддима ва кӯшиши Панохӣ Саҳнонӣ. Интишороти Бомдод. 1363 -С. 241
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф, 2018. -С. 201-202.

бифирефтанду бикуштанд ва душману дӯстро фарқ нагузоштанд, зеро ки хилофи фармони Темур наметавонистанд ва ҳеҷ узре пазируфта набуд». [1]

Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва Муҳаммад Юсуф Валеҳи Исфаҳонӣ низ дар инъикоси ин воқеаҳо ба Низмиддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ ҳамфикр мебошад. Муҳаммад Юсуф қайд менамояд, ки дар ин воқеа «саре намонд, ки аз пой дар наёмада ва дасте намонд, ки теғ накашида ва дарёи бало ба мавҷ омада, киштии ҳаёт хурду бузургу пиру ҷавону ғанӣ ва фақир ғариқи бахри фано гардид».[2] Бино ба ахбори ин манбаъ дар шаҳр, ба ҷуз масоҷиду мадорис тамоми хонаву бозорҳо ба хок яксон карда шуданд. [3]

Ахбори Ибни Арабшоҳ дар хусуси лашкаркашии Темур ба Бағдод нисбат ба ахбори Низомуддини Шомӣ бештар воқеият дорад. Ҳарчанд ӯ баъзан ҷузъиётҳои ин масъаларо инъикос накарда бошад ҳам, аммо воқеаҳои аҳамияти таърихидошта, аз ҷумла шумораи кушташудагон, санаи ба вуқӯъ омадани воқеа ва хунхориҳои Темурро хеле хуб инъикос намудааст. Сабаби ба чунин пуррагӣ ва ба ҳақиқат наздик тасвир намудани лашкаркашии Темур ба Бағдод дар «Зиндагии шигифтовари Темур» дар он аст, ки ин воқеа ба солҳои ҳаёту зиндагии Ибни Арабшоҳ рост омада, муаллиф ахбори аз шоҳидони воқеаҳо шунидаашро, ки аҳамияти худро дигар накарда буданд, хуб дар хотир гирифтааст. Аммо Низомуддини Шомӣ, бо вуҷуди он ки худ шоҳиди ин воқеа буд, баъзан ҷузъиёти онро рӯйпӯш ва ё ба таври умумӣ зикр намудааст. Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва Муҳаммад Юсуф бо вуҷуди инъикоси фоҷиаҳои анҷомёфта, ба тавсифи Темур кӯшиш намуданд.

Дар зимн метавон натиҷагирӣ кард, ки Темур 13 июли соли 1401 ба Бағдод наздик шуда, онро қариб ба муддати 40 рӯз, яъне то 10 августи

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф, 2018. -С.202.
[2] Муҳаммад Юсуф Валеҳ Исфаҳонии Қазвинӣ. Холди Барин (Таърихи Темуриён ва туркманон) Теҳрон, 1379, Ҷ.6-7. ҳ.-С.305
[3] Муҳаммад Юсуф Валеҳ Исфаҳонии Қазвинӣ. Холди Барин (Таърихи Темуриён ва туркманон) Теҳрон: 1379 ҳ. Ҷ.6-7.-С.305

ҳамон сол дар муҳосира гирифт. Пеш аз ин ҳокими Бағдод султон Аҳмад аз омадани Темур бохабар шуда, шаҳрро ба ихтиёри Фураҷ ном шахси наздикаш гузошта, худ фирор намуд. Фураҷ ба муқобили Темур мубоизаи сахт бурд, аммо шикаст хӯрд. Темур ба шаҳр ворид шуда, дар рӯзи иди Қурбон ба лашкариёнаш фармон дод, ки 90 ҳазор сари одамӣ ҷамъ оваранд ва аз сари онҳо 120 манора сохт.[1]

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои хаттӣ Темур баъди ишғоли Бағдод ба ҷониби Рум ва Истанбул таваҷҷуҳ фармуда, бисёр шаҳру қалъаҳои онҳорро дар тасарруфи худ даровард. Соли 1404 бо шумораи зиёди асирон ба Самарқанд баргашт. Ба навиштаи Ибни Арабшоҳ аз тавоифу қабоил ҳафтоду ду фирқа ба ҳамроҳ дошт .[2] Ӯ як муддат дар ин ҷо қарор гирифта, дар назди худ мақсад гузошт, ки ба Чин ҳуҷум карда, онро дар тасарруфи худ дарорад. Тавре қайд намуда будем, Темур пеш аз ҳуҷум ба Ҳиндустон мехост ба Чин лашкар кашад, аммо ишғоли Ҳиндустон ва баъдан Сурияву Румро дар авлавият қарор дода, иҷрои ин ҳадафашро ба таъхир гузошта буд.

Сабаби асосии ҳуҷуми Темур ба Чин дар рисолаҳои «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд, «Ҳабибу-с-сияр»-и Хондамир ба таври аниқ нишон дода нашудааст. Бино ба ахбори Муҳаммад Юсуф Исфаҳонӣ бошад, Темур пас аз забти Ироқу Рум ба Самарқанд баргашта, ҷашн орост ва сипас қурултой доир намуда,шоҳзодагон, умаро ва нуйинонро ба маҷлис даъват намуда, масъалаи ҳуҷум ба Чинро бо мақсади ғазо ва ҷиҳод ба миён гузоштанд: «…дар хотир чунон аст, ки ҳамон лашкарро, ки он ҷарроим аз раҳгузари эшон ба вуқуъ анҷомида ба ҷониби Хитой ва Чин, ки диёри куфр аст, барем ва маросими ғазо ва ҷиҳод ба тақдим расонем».[3] Аммо Руи Гонсалес

---

[1] История таджикского народа.Т. III. Душанбе, Дониш, 2013.-С.450
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф, 2018. -С.244.
[3] Муҳаммад Юсуф Валеҳ Исфаҳонии Қазвинӣ. Холди Барин (Таърихи Темуриён ва туркманон) Теҳрон, 1379 ҳ. Ҷ.6-7.-С.353.

де Клавихо дар рисолаи худ воқеаеро зикр менамояд, ки дар ин маврид хеле ҷолиб ва баҳсталаб аст. Назар ба ахбори ӯ ҳангоми дар дарбори Темур қарор доштанаш сафирони Чин ҷиҳати ситонидани андозҳои чандсола аз Темур ба дарбори ӯ омада буданд: «Вақте ки амир ба ин шаҳр омад, ба назди ӯ сафирони императори Чин омаданд ва ба ӯ ошкоро гуфтанд, ки ин сарзамин танҳо барои идоракунӣ ба вай дода шуда буд ва акнун ӯ бояд боҷу хироҷи ҳафтсолаи ин кишварро пардохт намояд… Акнун ҳашт сол шуда буд, ки ӯ ба чиниҳо боҷу хироҷ намедод ва дар ин муддат императори Чин ҳам барои гирифтани хироҷ одам нафиристода аст».[1] Бино ба иттилои ҳамин манбаъ Темур бисёр ба ғазаб омада, таҳқиромез ҷавоб мегардонад, ки «даъвои онҳо ҳақиқат дорад, аммо ӯ боҷу хироҷро намехоҳад тавассути сафирон фиристад, зеро онҳо метавонанд дар роҳ як қисми онро талаф диҳанд. Бинобар ин, ӯ худаш боҷу хироҷро ба Чин хоҳад бурд».[2] Иогонн Шилтбергер дар рисолаи худ «Путешествия по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год» ин масъаларо бехабар аз ахбори Клавихо тасдиқ мекунад.[3] Р.Г.де Клавихо ва Шилтбергер оид ба дигар муносиботи дуҷонибаи ҳокимияти Темур ва императори Чин хабар надоданд. Бино ба ахбори Рене Грусе дар давраи ҳукумронии сулолаи «Мин» императории Чин пурқувват шуда, мавқеи ҳукмронии муғулонро дар ин сарзамин танг карда, онҳоро ба хироҷдиҳӣ маҷбур кард ва бо мақсади ба тасарруфи худ даровардани Темур аз ӯ андоз талаб кард. «Темур чандин бор ба дарбори Чин сафирони худро фиристод ва дар ҳар навбат таҳфибусилаи он сафарро ирсол дошт, ки метавон онро ба мушобеъа хироҷу боҷ таъбир намуд».[4]

Солҳои 80-уми асри XIV муносибатҳои тиҷоратию сиёсии Мовароуннаҳр ва Чин хуб ба роҳ монда шуда буд. Соли 1387 сафорати

---

[1] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016.-С.178.
[2] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016-С.178.
[3] Шильтбергер И. Путешествия по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год. Баку, 1984. –С. 29
[4] Рене Груссе. Императории саҳронавардон. Тарҷумаи Абдулҳусайни Майкада. Теҳрон, 1987.-С.754.

Темур бо роҳбарии Мавлоно Ҳофиз бо 15 асп ва ду шутур ба Чин сафар кард[1] ва аз ҷониби императори он Чжу Юанчжан пазирой шуд. Минбаъд чунин шумораи аспҳо ва шутурҳо ҳар сол ҳамчун тухфаҳо ба шоҳи Чин фиристода мешуд. Соли 1392 сафорати дигаре аз Самарқанд бо тухфаҳо дар шакли матоъ ба Чин рафт ва вақти баргаштан беш аз 1200 мусалмон аз музофоти Гансу, ки дар замони ҳукмронии муғулҳо ба он ҷо рафта буданд, ба Самарқанд фиристода шуданд.[2] Дар давоми солҳои 1388-1398 ҳайати сафорат аз Мовароуннаҳр ба Чин нуҳ маротиба сафар карданд.[3] Соли 1394 Темур ба Чин 200 асп фиристод.[4] Ба ивази ин ҳама тухфаҳо шоҳи Чин ба Темур сангҳои қиматбаҳо ва пулҳои коғазӣ равон кард, ки ба эҳтимоли зиёд онро сафорати Темур дар Чин масраф кард.[5]

Ҳамчунин, соли 1395 махсус аз ҷониби Темур ҳайати сафорат равон карда шуд [6] ва аз ҷониби Чин бошад, дар ҳамин сол аввалин сафирони Чин бо сардории Ан Чжидао ва Го Цзи ба дарбори Темур ба Самарқанд омаданд. Аммо ин сафорат бо сабаби тарҷумаи нодурусти мактуби императори Чин, ки маънои андозсупоранда будани Темурро ифода кард,[7] охири соли 1397 аз ҷониби Темур дар Сирдарё қабул карда шуд. Темур намояндаи сафорати Чин Фу Аняро то соли 1404 ҳамчун гаравгон нигоҳ дошт.

Ҳақиқат ин аст, ки Темур баъд аз муваффақиятҳои зиёд хост монанди Чингизхон ба Хитой лашкар кашида, онро ғорат намояд, аммо барои ӯ

---

[1] Китайские документы и материалы по истории Восточного Туркестана, Средней Азии и КазахстанаXIV—XIX вв.—Алматы: Гылым,1994.-С.45.

[2]Кадырбаев А.Ш. Смерть, спасшая Поднебесную, или Последний поход «Железного хромца». /А.Ш. Кадырбаев // www.minbar.su (санаи шиносой 08.04.2021, соати 14: 20 дақиқа)

[3] Гийяс-Ад-Дин Накка. Дневник путешествия в Китай. Ташкент. 2017-С.56.

[4] Bretschneider E. Mediaeval Researches from Eastern Asiatic sources. Fragments Towards the Knowledge of the Geography and History of Central and Western Asia from the 13 th to the 17 th century. Vol. 1–2. London: Trübner & CO, Ludgate Hill.; 1888.P.-271.

[5] . Бартольд В. В. Улугбек и его время / В. В. Бартольд // Сочинения. Т. 2, ч. 2. М.: Наука, 1964. -С. 68

[6] Гийяс-Ад-Дин Наккаш. Дневник путешествия в Китай. Ташкент. 2017-С.56.

[7] Fletcher J. F. China and Central Asia, 1368–1844. In: Fairbank J. K. (ed.) The Chinese World Order: Traditional China’s Foreign Relations. Cambridge, MA: Harvard University Press; 1968. P.-209.

сабабе лозим буд. Бинобар ин, Темур мисли забти дигар кишварҳои ғайримусулмонӣ куфор будани мардуми Чин ва бад шудани муносибатҳои дипломативу тиҷоратиашро баҳонаи муносиб дониста, ҳуҷуми худро ба Чин бо ин воқеаҳо асоснок карданӣ буд. Аз ҷониби дигар сулолаи Мин дар Чин пурқувват гардида, мавқеи муғулонро дар он ҷо танг кард.

Бинобар ин, дар авохири моҳи ноябри соли 1404 Темур аз Самарқанд ба охирин лашкаркашии худ – ба сӯйи Чин раҳсипор шуд ва ба тайиди тамоми сарчашмаҳои таърихӣ то Утрор расид.[1] Бино ба санади Шилтбергер ӯ бо худ дар ин лашкаркашӣ 800 ҳазар нафар аскар дошт. [2]

Мувофиқи ахбори Шарафуддин Алии Яздӣ, Ибни Арабшоҳ Мирзо Муҳаммад Қосим ибни Мирзо Абдулхолиқи Бухорӣ ва Мирхонд Темур 17 шаъбони соли 807 (18 феврали 1405) дар синни 71-солагӣ дар ин ҷо вафот кард.[3] Бо ин сабаб лашкари Темур ҳаракати худро ба сӯи Чин давом надода, ба қафо баргашт.

Сабаби марги Темурро Шарафуддин Алии Яздӣ бемории мухлиқ, Ибни Арабшоҳ ва Мирхонд таъсири сардии шадиди зимистон инъикос намудаанд.

Тибқи ахбори Ибни Арабшоҳ ҷасади Темурро ба Самарқанд оварда, дар тобуте аз обнус дафн карданд.[4] Ҳамзамон, ӯ қайд менамояд, ки пас аз аз чанде ки кори гӯр ва сохтани бинои он ба поён шуд, ҷасади Темурро дар тобуте аз пӯлод, ки ба дасти яке аз устодони санъат дар Шероз сохта шуда буд, … дар он макони машҳур ба хок супурд.[5] Абӯтоҳирхоҷаи Самарқандӣ низ дар рисолаи худ «Самария» ёдрас менамояд, ки ҷасади ӯро ба сандуқи

---

[1] Камол Ҳ. Асрори дафни Темурланг / Ҳ. Камол, А.Шарифзода// Фарҳанг. 2004, №3, 2004. С.-17. (15-22.)

[2] Шильтбергер И. Путешествия по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год . Баку 1984. –С. 29

[3] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент. «SAN`AT», 2008. С.-344; Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур.Душанбе, ЭР-Граф-2018. С.-269; Мирзо Муҳаммад Қосим ибни Мирзо Абдулхолиқи Бухорӣ. Темурнома. Тошканд, 1331, -С.437; Мирхонд. Равзату-с-сафо.Теҳрон, 1373.- С.1122.

[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф - 2018. - С. 281.

[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф - 2018.- С. 282.

мармар гузошта, дар зерпойи ҳазрати Саид гӯронданд.[1] Эҳтимол меравад, ки «сандуқи мармар» зикр кардани муаллиф, ҳамон сандуқи пӯлодии қайдкардаи Ибни Арабшоҳ бошад. Аммо ахбори Ибни Арабшоҳ масоили дигареро ба миён меорад, ки бо эҳтимоли зиёд ҷасади Темурро дубора аз гӯр ба дар мекунанд ва дар тобути фулӯзии аз Шероз барояш «тӯҳфа» шуда, меандозанд ва муҷаддадан дар ҳамин хонақоҳи Муҳаммад Султон дафн мекунанд.[2]

Бояд тазаккур дод, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ қайд мегардад, ки Темур пеш аз ҳуҷум ба Ҳиндустон мақсади лашкаркашӣ ба Чинро дошт. Яъне, аз ин ахбор бармеояд, ки Темур ба тасарруфи худ даровардани Чинро аз ҳадафҳои худ қарор дода буд, аммо барои амалӣ намудани он фурсат меҷӯст. Баъди ба ҳокимияти худ ҳамроҳ кардани Ироқу Рум ӯ ба Самарқанда баргашта, барои лашкаркашӣ ба Чин тайёрӣ дид ва охири соли 1404 бо 200 ҳазор аскар ба ҷониби Чин ҳаракат кард.[3] Ҳангоми ба Утрор расиданаш дар моҳи феврали соли 1405 бемор шуда, 18 феврал вафот кард. Ҷасади ӯро зери роҳбарии Ҳоҷӣ Юсуф пинҳонӣ ба Самарқанд оварда, шоми 23 феврали соли 1405 дар хонақои мадрасаи Муҳаммад Султон дафн карданд.[4]

Хулоса, инъикоси лашкаркашиҳои Темур дар рисолаи «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Бо вуҷуди он ки Низомуддини Шомӣ лашкаркашиҳои Темурро бо ҷузъиёташ нисбат ба Ибни Арабшоҳ васеътар инъикос намудааст, аммо дар бисёр ҳолатҳо ҳақиқати таърихро воқеъбинона тасвир накардааст. Ибни Арабшоҳ бошад, аз баёни ҷузъиёти

---

[1] Абӯтоҳирхоҷаи Самарқандӣ . Самария. Ба кӯшиши Эраҷи Афшор.-Теҳрон, 1367.-С.174.

[2] Камол Ҳ. Асрори дафни Темурланг / Ҳ. Камол, А. Шарифзода // Фарҳанг. 2004, №3, 2004. С.-17. (15-22.)

[3] Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А. Якубовксий-Москва: Груш, 1992. –С.37; Мирғулом Муҳаммад Ғубор. Афғонистон дар масири таърих. Ҷ.1. Чопи аввал. 1375.-С.440.

[4] Камол Ҳ. Асрори дафни Темурланг / Ҳ. Камол, А. Шарифзода // Фарҳанг. 2004, №3, 2004. С.-17. (15-22.)

воқеаҳои таърихӣ иҷтиноб карда, вале ҳодисаҳои таърихиро воқеъбинона инъикос намуда, ба амалҳои Темур ҳақиқатнигорана баҳо додааст.

## 2.3. Хусусиятҳои фарқкунандаи тасвири рӯйдодҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ

Инъикоси ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ бо як қатор хусусиятҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аввалин хусусиятҳои фарққунандаи онҳо дар тасвири ҳодисаҳои таърихӣ дар он ба мушоҳида мерасад, ки дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ воқеаҳои таърихӣ аз соли 1360, яъне аз ҳуҷуми Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр ибтидо гирифта, то соли 1404 идома меёбанд. Муаллиф аз зикри ному нажоди Темур, таваллуд ва овони ҷавонии ӯ чизе намегӯяд, таърихи ӯро аз лаҳзаи ба майдони сиёсӣ ворид шуданаш нигоштааст. Рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ бошад, ҳаводиси таърихиро аз соли 1336, яъне аз таваллуди Темур ва зикри номи падару бобои ӯ, ҳамчунин касбу кори онҳо то соли 840 ҳ.қ. (1436-1437), фавти Халил султон ва ҳукмронии Шоҳрух дар бар мегирад.

Аз номи китоб «Зафарнома», ки бештар ифодакунандаи муваффақиятҳои сиёсӣ мебошад, бармеояд, ки ҳадафи Низомуддини Шомӣ маҳз инъикоси масоили сиёсӣ буд. Бинобар ин, Шомӣ, ки дар иншои таърихи Темур озод набуд, мувофиқи табъи Темур зикри таваллуд ва овони ҷавонии ӯро сарфи назар кард. Аммо Ибни Арабшоҳ, ки дар нигориши асари худ «Зиндагии шигифтовари Темур» озод буд, таърихи Темурро аз лаҳзаи таваллуди ӯ оғоз карда, салтанати ворисони ӯро то замони таълифи асар ба қалам дод.

Дигар аз хусусиятҳои фарқунандаи тавсифи воқеаҳои таърихӣ дар рисолаҳои «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ дар сабку услуби баён ва манбаъҳои истифоданамудаи муаллифон зоҳир мешавад. Низомуддини Шомӣ ҳодисаҳоро нисбатан бо забони сода ва оммафаҳм баён намудааст. Тавре

худи ӯ дар муқаддимаи асараш ишора менамояд, ин ҳам дастури Темур мебошад. [1]

Аз сабку услуби баёни «Зафарнома» бармеояд, ки ҳодисаҳои таърихӣ дар як фазои муайяни сиёсӣ нигошта шудаанд. Муаллиф зимни тасвири воқеаҳо ба Темур бештар таваҷҷуҳ намуда, ҷилави суханро аз чаҳорчӯбаи идеологияи муайяншудаи синфи ҳукмрони давр берун накашида, балки таваҷҷуҳи хонандаро дар нигоҳи аввал ба ҷониби Темур ҷалб мекунад ва сиёсати пешгирифтаи ӯро аз рӯйи адолату ҳақиқат тасвир менамояд. Ғайр аз ин, манбаъҳои истифоданамудаи муаллиф, ки бештар аз дарбор ва шахсони мансабдор дастрас шуда буданд, ба сабку услуб ва таваҷҷуҳи муаллиф бетаъсир намемонданд. Бинобар ин, «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ бо вуҷуди оммафаҳм буданаш аз нуқтаи назари шахсони мансабдори дарборӣ нигошта шуда, дар сабку услуби баёни рисола пайдарҳамии воқеаҳо ва алоқамандии онҳо ба якдигар хеле хуб ба мушоҳида мерасад.

Дар тасвири воқеаҳои таърихӣ дар «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ бошад, озодии баёни фикр нисбат ба «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва дигар манобеи таърихӣ бештар эҳсос мегардад. Муаллиф ба Темур аз нуқтаи назари танқид нигариста, бештар ба маълумотҳои дар бораи Темур дар байни мардум паҳнгашта такя кардааст. Аз сабку услуби навишти «Зиндагии шигифтовари Темур» бармеояд, ки агар муаллиф худ шоҳиди қисме аз воқеаҳо бошад, қисми дигари манбаъҳои истифоданамудааш маҳз суҳбат бо шахсони алоҳида ва нақлу ривоятҳои паҳнгаштаи замони ӯ мебошад.

Дар тасвири ҳодисаҳои таърихӣ дар рисолаҳои «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ хусусиятҳои фарққунанда ва монандии воқеаҳо ба назар мерасад. Масалан, масоили то ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр омадани Темур дар «Зафарнома» дар 18 фасл ва беш аз 70 саҳифа ва дар «Зиндагии

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.27-28.

шигифтовари Темур» дар 5 фасл ва 12 саҳифа инъикос шудааст. Дар «Зафарнома» авзои сиёсии Мовароуннаҳр, хусусан саркашӣ ва мухолифати ҳокимони вилоятҳои он, ҳуҷумҳои Туғлуқтемур, ҳокими шаҳри Кеш гардидани Темур, иттифоқи Темур бо амир Ҳусайн ва муборизаҳои онҳо бар зидди хони муғул, шӯриши Сарбадарони Самарқанд, мухолифати Темур бо амир Ҳусайн тасвир ёфтааст, ки ин ҳодисаҳо дар «Зиндагии шигифтовари Темур» (ба ғайр аз ишорае дар хусуси як ҳуҷуми Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр ба таври кӯтоҳ) тавсиф наёфтаанд, балки дар инъикоси Ибни Арабшоҳ, таври зикр намуда будем, Темур дар овони ҷавонӣ ба дуздӣ ва ғорати моли мардум машғул буда, баъди дастгир шуданаш дар Систон ва аз ҷониби амир Ҳусайн ба муборизаи ҳокими Систон фиристодани ӯ, ба ҷониби Мовароуннаҳр гурехта, баъд аз ғорати шаҳри Каршӣ ба ҳокимони Бадахшон нома фиристонд, ки онҳо ба ӯ таслим шуданд.

Монандии воқеаҳои то ба сари ҳокимият омадани Темур дар рисолаҳои «Зиндагии шигифтовари Темур» ва «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ дар даст ёфтани Темур ба Мовароуннаҳр, қатли ҳокими Балх амир Ҳусайн ва соли ба вуқуъ омадани ин ҳодиса мебошад.

Ҳаводиси баъди ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр омадани Темур низ дар ин сарчашмаҳо ба таври гуногун тасвир ёфтааст. Назар ба навиштаи Ибни Арабшоҳ Темур баъди ба даст овардани ҳокимият «нахуст бо тоифаи муғули барфук ва мудоро ёр шуд ва духтари Қамариддинхон, подшоҳи он қавмро ба занӣ биситад ва аз қайди онон хотир осуда дошт. Эшон аз ҷониби Ховар ҳамсояи ӯ буданд ва ҷинсияту домодӣ ва қурби давору пайравӣ аз кеши воҳид, ки ёсои Чингиз аст, ононро бо якдигар муттаҳид сохта, дуй аз миён бардошта буд».[1] Ин масъала, ки дар «Зиндагии шигифтовари Темур» ба ҳамин ду ҷумла ба анҷом мерасад, пеш аз ҳуҷуми Темур ба Хоразм тасвир ёфтааст. Дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ бошад, ин воқеа баъди ду каррати ҳуҷуми Темур ба Хоразм инъикос

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф, 2018.- С. 326.

ёфтааст, ки ба соли 1375 рост меояд ва ду бобро дар бар мегирад. Аз рӯйи навиштаи Низомуддини Шомӣ Темур ба ҷониби муғул лашкар кашида, Қамариддин шикаст хурда фирор намуд. Дар ин муҳорибаҳо Ҷаҳонгир духтари Шамсддин Дилшодоғоро ба даст оварда, бо галлаҳои гӯсфанд ба Темур пешкаш кард, ки Темур ӯро ба никоҳи худ даровард. Ҳуҷуми дигари Темур ба ҷониби Қамариддин дар «Зафарнома» баъд аз ҳуҷуми каррати сеюми Темур ба Хоразм инъикос мегардад, ки дар ин дафъа писари Темур Ҷаҳонгир ба ҳалокат расида, Қамариддин фирор менамояд ва охирин муҳориба дар назди Исиққул ба вуқӯъ омада, мамлакати муғул ба дасти Темур меафтад.[1]

Шомӣ ахбори ба занӣ гирифтани духтари Қамариддин ва сулҳи миёни онҳоро зикр накардааст. Агар дар «Зиндагии шигифтовари Темур» ҳодисаи мазкур ба таври умумӣ ва ду ҷумла инъикос ёфта бошад, дар «Зафарнома» бо далел, соли ба вуқуъ омадан ва натиҷаи ҳодиса пайдарҳам тасвир ёфтааст.

Тавре дар боло қайд намуда будем, Темур панҷ маротиба ба Хоразм ҳуҷум намуда, онро дар тасарруфи худ даровард. Аммо ин масоил дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ дар чор каррат тасвир ёфтааст. Низомуддини Шомӣ ҳар як ҳуҷуми Темурро ба Хоразм дар бобҳои алоҳида: «Зикри лашкар кашидани амири соҳибқирон ба ҷониби Хоразм, каррати аввал», «Зикри лашкар кашидани амири соҳибқирон каррати дувум ба ҷониби Хоразм», «Зикри таваҷҷуҳи амири соҳибқирон каррати сеюм ба ҷониби Хоразм» ва «Зикри таваҷҷуҳи амири соҳибқирон ба шаҳри Хоразм каррати чаҳорум» ва Ибни Арабшоҳ дар се фасли алоҳида: «Азимати Темур ба ҷониби Хоразм», «Таваҷҷуҳи Темур дар савумин бор ба ҷониби Хоразм» ва «Таваҷҷуҳи Темур ба ҷониби Хоразм дар навбати чаҳорум» инъикос намудаанд. Ҳуҷуми дуюми Темур ба Хоразм дар ин рисола дар фасли «Азимати Темур ба ҷониби Хоразм» ба таври хеле кӯтоҳ- як ҷумла зикр мешавад.

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.117-120.

Аммо лашкаркашиҳои Темур ба Хоразм дар «Зафарнома» дар маротибаи якум ва дуюм пеш аз ҳуҷуми аввали Темур ба ҷониби Қамариддин, яъне солҳои 1372-1374, ҳуҷуми сеюм баъди лашкаркашии каррати аввал ба ҷониби Қамариддин ва ҳучуми чаҳоруми Темур ба Хоразм баъд аз лашкаркашиҳои Темур ба ҷониби Хуросон ва ишғоли шаҳрҳои Султония, Табрез, Шероз, Исфаҳон (дар навбати аввал) сурат гирифтааст. Дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» бошад, лашкаркашиҳои якум ва дуюм ба Хоразм баъди воқеаи Қамариддин ва ҳуҷумҳои дуюму сеюм баъди ғасби Хуросон инъикос ёфтаанд.

Дар ду дафъаи ҳуҷуми Темур Низомуддини Шомӣ сабабҳои ҳуҷуми Темурро, тавре мушоҳида кардем, инъикос намуда, ҳангоми ҳуҷуми маротибаи аввал қайд менамояд, ки Ҳусайни Сӯфӣ ногаҳонӣ вафот мекунад. Аммо ин масъала дар рисолаи Ибни Арабшоҳ ҳатто дар ду дафъа ба зинда будан ва ғоиб шудани Ҳусайни Сӯфӣ ишора менамояд. Ғайр аз ин, агар дар «Зафарнома» сабаби дуюмбора ҳуҷум намудани Темур ба Хоразм ҳуҷуми Юсуф Сӯфӣ ба Кот бошад, дар навиштаи Ибни Арабшоҳ ҳеҷ гуна сабабе ба назар нарасида, ҳатто дар ин бор аз Юсуф Сӯфӣ ишора намешавад. Дар навбати сеюми ҳуҷум, ки дар рисолаи Низомуддини Шомӣ вафоти Юсуф Сӯфӣ ва ба тасарруфи Темур даромадани Хоразм зикр мешавад, дар рисолаи Ибни Арабшоҳ дигар хел тасвир ёфтааст. Яъне, ҳаводиси каррати сеюми рисолаи Ибни Арабшоҳ ба ҳаводиси маротибаи аввали дар «Зафарнома» инъикосёфта мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, дар навбати чоруми ҳуҷуми Темур ба Хоразм, ки дар асари Шомӣ ҳокими он Сулаймон Сӯфӣ дарҷ шудааст, дар «Зиндагии шигифтовари Темур» зикр нашуда, муаллиф танҳо аз харобкориҳои Темур ёдовар мешавад. Аммо бояд қайд кард, ки ҳарчанд Ибни Арабшоҳ соли ба вуқуъ омадани се маротибаи ҳуҷуми Темурро ба Хоразм зикр накарда бошад, ҳуҷуми чорумро ба соли 773 (1372) нисбат додааст, ки дар муқоиса ба «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, дигар манбаъҳои хаттӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқон дар ин сол аввалин лашкаркашии Темур ба Хоразм сурат

гирифтааст. Бинобар ин, ҳуҷуми Темур ба Хоразм дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» бо тасвири нопурраи воқеаҳо баён шудааст. Ҳаводиси мазкур дар «Зафарнома» бо пайдарҳамии воқеаҳо, тасвири пурра, соли сар задан ва натиҷаи воқеаҳо зикр гардидааст.

Дар тавсифи ҳуҷуми Темур ба Хуросон дар ҳарду манбаи дасти аввал фарқият ҷой дорад. Мувофиқи тасвири воқаҳо дар «Зафарнома» соли 1381 Темур амирзода Амироншоҳро бо панҷоҳ қушун ба ҷониби Хуросон равон карда, пеш аз ҳуҷум ба Ҳирот қалаъаи Пушангро тасхир менамояд. Аммо ҳуҷуми Темур ба Хуросон дар «Зиндагии шигифтовари Темур» аз лаҳзаи ҳуҷум ба Ҳирот оғоз мешавад. Ҳамчунин, дар «Зафарнома» тасарруфи Ҳирот баъд аз ҷангу хунрезӣ ба Темур муйяссар шуда бошад, дар рисолаи Ибни Арабшоҳ баъди муҳосираи қалъа бе ҷанг таслим шудани ҳокими он Ғиёсуддин тасвир ёфтааст.

Ғасби дигар шаҳру вилоятҳои Хуросон, хусусан Сабзавор, Нисо ва Калот дар «Зафарнома» бе ҷанг ва шаҳри Исфароин тариқи ҷанг ба тасарруфи Темур даромада, мардуми зиёди он кушта шуд ва Темур Хуросонро ба тасарруфи худ даровард. Аммо дар «Зиндагии шигифтовари Темур» дар аввалин ҳуҷуми Темур ба Хуросон аз зикри ишғоли дигар шаҳру вилоятҳое, ки дар «Зафарнома» инъикос ёфтаанд, ёд нашуда, балки ба таври умумӣ зикр мешавад, ки пас аз забти Ҳирот Темур Хуросонро ба тасарруфи худ даровард.

Монандии воқеаҳо дар ҳар ду манбаи хаттӣ дар саркашӣ намудани ҳокими Ҳирот Ғиёсуддин аз фармони Темур, тасарруфи Ҳирот ва баъди ғасби Хуросон ба Самарқанд баргаштани Темур зоҳир мегардад.

Дигар аз воқеаи таърихие, ки дар ҳарду сарчашма инъикос ёфта, бо хусусиятҳои хоси худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ҳуҷуми Темур ба Систон мебошад. Ин воқеа дар «Зафарнома» баъд аз баргаштани Темур аз Хуросон ва муборизаҳои ӯ бо Алибек ва Амир Валӣ ва дар «Зиндагии шигифтовари Темур» баъд аз баргаштан аз Хуросон ва дубора таваҷҷуҳ

намудани ӯ ба он ҷо дар фасли «Бозгашти вай ба Хуросон ва Систон» якбора аз омадани Темур ба Систон тасвир меёбад.

Дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ сабаби ҳуҷуми Темур ба Систон зикр нашудааст. Аммо дар ин хусус Ибни Арабшоҳ возеҳ аз кинаи дерин доштаи Темур ба мардуми Систон мегӯяд, ки мо дар фасли гузашта ин масъаларо зикр намуда будем. Дар баёни ин воқеа Низомуддини Шомӣ қайд менамояд, ки ҳангоми расидани Темур ба Систон Шоҳиҷаҳон, Тоҷ ва Сироҷ, ки кӣ будан ва чӣ вазифа доштанашон зикр нашудааст, ба истиқболи Темур баромада, изҳори бандагӣ намуданд ва дар зимни суҳбати онҳо душманон сафи лашкар ороста, берун омаданд ва қасди ҳарб карда, мутаваҷҷеҳ шуданд. Бино ба гуфтаи Ибни Арабшоҳ ҳагоми вуруди Темур ба Систон мардуми он ба назди Темур омада, аз ӯ амон хостанд, ки Темур бар ивази ин аз онҳо ҷамъи тамоми силоҳҳои аҳолии шаҳрро талаб намуд.

Бино ба ахбори «Зафарнома» дар ин ҳагом ҷанги азим воқеъ шуда, мардуми зиёди Систон ба қатл расонида шуда, боқимондаро то қалъа таъқиб намуданд, аммо мардуми он ором нанишаста, шаб бо миқдори даҳ ҳазор нафар ба лашкари Темур шабехун заданд, ки дар натиҷа шикаст хурданд. Фардо лашкари Темур дарвозаи шаҳрро шикаста, ба шаҳр ворид шуда, баъд аз муҳориба малик Қутбиддин таслим гардид, вале дар ҳамин вақт сӣ ҳазор мард аз қалъа ба мухолифат бархоста, ҷанг дарпайват, ки дар натиҷа аспи Темур захмӣ шуд.[1] Дар ҳамин ҳангом бо фармони Темур Малик Қутбиддинро банд карда, қалъаро хароб намуданд ва малики Систонро бо мардуми боқимонда ба Самарқанд ва «қузоту уламо ва акобири эшонро ба Ҳисори Фароҳ фиристоданд».[2]

Аммо ба навиштаи Ибни Арабшоҳ пас аз ҷамъоварии тамоми силоҳҳо Темур ба ваъдаи худ вафо накарда, тамоми мардуми шаҳрро ба қатл расонид. Ибни Арабшоҳ қайд менамояд, ки «ба ҳар ҷо биное дид, вайрон кард ва ба ҳар гӯша дарахту гиёҳе ёфт, аз реша барандохт. Дар тане тавоне

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.148.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.147.

ва аз чизе нишоне бар ҷо нагузошт».[1] Ибни Арабшоҳ ҳаводиси пас аз ҳуҷуми Темур ба ин шаҳрро аз нақли Абдулфатҳи Кирмонии Ҳанафӣ, муқими Димишқ низ овардааст, ки мувофиқи он мардуме, зимни лашкаркашии Темур аз Систон фирор намуда буданд, пас аз баргаштани Темур аз Систон ҷамъ омада, хостанд намози ҷамоат гузаронанд, рӯзи одинаро надонистанд ва «ночор нафареро ба ҷониби Кирмон фиристоданд, то хабар гирифта, бад-эшон бозгӯяд».[2]

Тавре мушоҳида намудем, Ибни Арабшоҳ аз таслим шудани ҳокими он, раванди воқеа, кӯч кардани мардуми он ба Самарқанд ёдовар намешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки агар Низомуддини Шомӣ раванди воқеаҳоро пурра оварда бошад ҳам, таваҷҷуҳи ӯ ба Темур бештар эҳсос мегардад. Зеро ӯ дар ин воқеа нахуст ҳуҷуми мардуми шаҳрро ба лашкариёни Темур зикр намудааст, ки аз ҳақиқат дур мебошад. Бо вуҷуди ин тасвири воқеа дар ҳарду сарчашма ҷиҳати омӯзиши ҳуҷуми Темур ба Систон муҳим буда, андешаеро ба вуҷуд меорад, ки Темурланг зимни лашкаркашӣ ба Систон мардуми зиёди онро ба қатл расонида, шаҳрро хароб карда, ҳокими он ва боқимондаи аҳолии шаҳрро кӯч карда, ба Самарқанд овард.

Пас аз ин воқеа дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ишғоли як қатор шаҳру вилоятҳо, аз ҷумла вилояти Тумон, Оби Ҳирмон, Мамуқту, қалъаи Сурх, Даҳана, Қандаҳор ва баргаштани Темур ба Самарқандро тасвир кардааст. [3] Дар «Зиндагии шигифтоварии Темур» бошад, пас аз тасвири воқеаи Систон, ҳаракати Темур ба ҷониби Сабзавор тасвир мешавад. Ба навиштаи Ибни Арабшоҳ Темур дар Сабзавор ба раиси тоифаи Сарбадор Шариф Муҳаммад вохӯрда, бо маслиҳати ӯ Хоҷа Алӣ ном шахсро даъват менамоянд: «Чун Хоҷа Алӣ бирасид, тухфаҳои сазовор

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф, 2018.-С. 55.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф-2018. -С. 55.
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.149-151.

ва хадяҳои гаронбаҳо пешкаш намуд ва ба таъзиму такрими вай бияфзуд. Андоми ӯро ба танпӯши иззат биёрост; дасташро дар тамоми умури кишвар кушода ва ҳурматашро ҳар рӯз зиёда дошт. Пас дар Хуросон шаҳре бузург ва қалъае устувор намонд, магар ки фармонраво ва ҳокими он ҳамагӣ ба ишорати Хоҷа итоати Темур пазируфтанд ва ба суйи ӯ рафтанд, аз он ҷумла, амир Муҳаммад ҳокими Абевард ва амир Абдуллоҳ ҳокими Сарахс»[1]. Ибни Арабшоҳ соли дақиқи онро тасвир накарда, аммо ишора менамояд, ки ин воқеа пас аз ду соли вафоти Ҳусайн Сӯфӣ сурат гирифта, овоза ва ҳайбати Темурланг ба Мозандарону Гелон ва Ироқу Рай расида, ҳокимони онҳоро, хусусан ҳокими Шероз Шоҳшуҷоъро ба ташвиш андохт.
[2]

Масоили тасарруфи Сабзавор дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ дар навбати аввали ҳуҷуми Темур ба Хуросон, хусусан баъди забти Ҳирот тасвир ёфтааст. Мувофиқи ин манбаъ ҳокими он Хоҷа Алӣ Муайяди Сабзаворӣ ҳангоми вуруди Темур ба шаҳр ба Темур итоат пазируфтааст.[3] Агар соли сар задани ин воқеа дар рисолаи Ибни Арабшоҳ баъди ду соли вафоти Ҳусайн Сӯфӣ зикр шуда бошад, он дар «Зафарнома» ба соли 1381 милодӣ рост меояд. Яъне, ба навиштаи Ибни Арабшоҳ ин воқеа соли 1374 сурат гирифтааст, ки саҳеҳ нест. Зеро бино ба тайиди тамоми манобеи таърихӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқон Темур нахустин маротиба ба Хуросон дар соли 1381 ҳуҷум карда буд.

Монандии ин воқеа дар ҳар ду рисола дар ҳокими Сабзавор тасвир ёфтани Хоҷа Алӣ, бе ҷанг ба тасарруфи Темур даромадани Сабзавор ва таслими ҳокими он дида мешавад. Бинобар ин, аз тасвири воқеаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки воқеаҳои таърихӣ дар «Зафарнома» бо риояи хронологияи таърихӣ, тасвири пурраи воқеаҳо нисбат ба «Зиндагии шигифтовари Темур комилтар ва ба ҳақиқат наздиктар тасвир ёфтааст.

---

[1]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф - 2018. -С. 58.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф-2018. -С. 58.
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.136.

Қайд кардан зарур аст, ки дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» дигар шаҳру вилоятҳоеро, ки Темур дар Хуросон ба тасарруфи худ даровардааст, ба таври умумӣ зикр шудааст.

Дигар аз масоиле, ки дар ҳарду сарчашма зикр шуда, дорои хусусиятҳои фарқкунандаи худ мебошанд, ҳуҷуми Темур ба Эрону Ироқ аст, ки бинобар сабаби васеъ инъикос ёфтани ин масъала дар «Зиндагии шигифтовари Темур» ва «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ мо якчанд воқеаро мавриди муқоиса қарор медиҳем.

Зимни лашкаркашии Темур ба Ироқ тасхири қалъаи Тикрит дар ҳар ду рисолаи зикршуда тасвир ёфтааст. Аз рӯйи гуфтаи Низомуддини Шомӣ ҳангоми расидани Темур ба он ҷо волии он амир Ҳасан ду маротиба аз Темур амон хоста, нияти таслим шуданашро изҳор кардааст. Темур ба ин розӣ шуда, аз ҷанг худорӣ кардааст, аммо ӯ боз аз қавли худ гашта, ба назди Темур нарафтааст. Аз рӯйи навиштаи Низомуддини Шомӣ ин воқеа пеш аз оғози ҷанг рух додааст. Низомуддини Шомӣ мегӯяд, дар севумин бор бародари худро назди Шоҳрух фиристода, амон хост, аммо ин бор Темур ба шарти онҳо розӣ нашуда, қалъаро тасхир карда, лашкариёнро аз омма ҷуда карда, аз сарҳои бурида манора ва гилтудаҳо сохта, «қалъа ва ҳисорро ба дашти ҳомун баробар кард».[1] Бино ба ахбори Ибни Арабшоҳ лашкариёни Темур Тикритро муҳосира карда, зиёни зиёд расониданд ва ҳокими он Ҳасан ночор аз Темур амон хоста, бо либоси сафед ҳамроҳи фарзандонаш аз қалъа берун шуд.[2] Мувофиқи ахбори ҳамин манбаъ Темур бо ӯ паймон баста буд, ки хунаш нарезад, «пас ӯро ба канори девор бурд ва деворо ба сараш фуруд оварда, касонашро бикушт занону кӯдаконашро асир гирифта, мардуми он диёрро ба саргардонӣ ва парешонӣ дарафканд»[3].

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.225.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф, 2018. -С. 97-98.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф, 2018. -С. 97-98.

Ҳодисаи мазкур дар ҳар ду рисола хеле хуб инъикос шуда, фақат фарқияти он дар рисолаи «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ дар шумораи кушташудагон ва сохтани каламанораҳо зоҳир мегардад.

Хусусиятҳои монандии ин воқеа дар ҳарду рисола дар саркашии ҳокими он Ҳусайн, зери девори қалъа мондани ӯ ва асир гирифтани зану фарзанди ӯ аз ҷониби Темур, ҳамчунин ба қатл расонидани мардуми зиёди ин шаҳр ба назар мерасад.

Ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон низ аз масъалаҳоест, ки дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ бо хусусиятҳои фарқкунанда зикр шудаанд. Ин масъала дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ дар 13 фасл ва рисолаи Ибни Арабшоҳ дар се фасл: «Азимати Темур ба билоди Ҳиндустон», «Найранги Темур дар дафъи пилон» ва «Огоҳ шудани Темур аз даргузашти қозӣ Бурҳонуддин ва ал-малик аз-Зоҳири Барқуқ инъикос ёфтааст. Агар дар «Зафарнома» сабаби ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон огоҳ шудани Темур аз ғайри дини ислом будани мардуми он тасвир ёфта бошад, дар «Зиндагии шигифтовари Темур» вафот кардани Фирӯзшоҳ ва ҷойгузин надоштани ӯ инъикос шудааст, ки Темур мехост аз ин фурсат истифода намуда, онро ба даст орад. Ба назар мерасад, ки Темур аз вазъи ноороми дохилии Ҳиндустон истифода намуда, мақсад гузошт онро ба сарзамини зери ҳукумати худ ҳамроҳ кунад. Аммо Низомуддини Шомӣ сабаби онро, ки дар дигар рисолаҳо, хусусан «Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ ва «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ низ инъикос ёфтааст, ба хотири асоснок намудани ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон гуфта шуда, ки муаллифин мехостанд ба ин восита ҳуҷуми Темурро дар чашми мардуми мусулмон аз рӯйи қонунҳои шариати ислом ва шахсияти ӯро ҳамчун пуштибони дини ислом инъикос намоянд.

Дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ санаи ҳуҷуми Темур аввали моҳи зулҳиҷҷаи соли 800 ҳиҷрӣ (15 августи соли 1398), ки дар ин ҳангом Темур дар сарҳади Ҳинд расида буд, зикр шуда, рӯзи баргаштани ӯ аз

Ҳиндустон ба санаи 6 марти соли 1399 нисбат дода шудааст. Ин масъала дар «Зиндагии шигифтовари Темур» зикр нашудааст. Тавре баён шуд, Низомуддини Шомӣ воқеаҳои таърихии ҳуҷуми Темурро ба ҳар як шаҳру қалъаи Ҳиндустон тасвир намудааст, ки дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» ба назар намерасанд. Ибни Арабшоҳ ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустонро ба таври умумӣ зикр карда, яке аз сабабҳои асосии даст ёфтани Темурро ба он ба саркаши оғоз кардани бародари Фирӯзшоҳ Шорангхон-волии диёри Мултон баъди вафоти Фирӯзшоҳ медонад. Ибни Арабшоҳ муборизаи Темурро бо Шорангхон муддати ҳашт моҳ арзёбӣ карда, сипас муборизаи Темурро бо Маллу –подшоҳи Ҳинд ва ҳуҷуми Темурро ба шаҳри Деҳлӣ ба таври умумӣ зикр менамояд, ки мувофики он Маллу шикаст хурда, Темур ба ҷониби Деҳлӣ ҳаракат менамояд ва муҳосираи он се рӯз идома меёбад[1].

Қатли сад ҳазор асирон дар Деҳлӣ, ки дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ, Ғиёсуддини Алӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва дигар адабиёти илмӣ инъикос шудааст, дар «Зиндагии шигифтовари Темур» ба мушоҳида намерасад.

Дар «Зафарнома»-и Шомӣ пас аз забти Деҳлӣ ғасби қалъаи Мирт, соҳилҳои дарёи Ганг, кӯҳи Суолик, дараи Купла, навоҳии Ҷаму, Кашмир ва Лоҳур зикр шудааст. Аммо аз рӯйи тасвири Ибни Арабшоҳ Темур бо гирифтани Деҳлӣ тамоми мамолики Ҳиндро ба даст оварда, аз Деҳлӣ ба Самарқанд бармегардад.

Ҳуҷуми Темур ба Деҳлӣ дар «Зиндагии шигифтовари Темур» ба таври гузаро тасвир шуда, ишғоли шаҳру вилоятҳои алоҳидаи он ва соли ҳуҷуми Темурро муаллиф зикр намекунад. Бинобар ин, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин ҳодисаи таърихӣ дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ густурда инъикос шуда, рафти воқеаҳои тасвиршуда, ба истисноси сабабҳои воқеаҳо, ба ҳақиқат наздикӣ доранд.

---

[1]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С.133-134.

Дар тасвири лашкаркашиҳои Темур ба Эрон, Гурҷисон, Севос, Мордин, Димишқ, Бағдод, Истанбул ва ғайраҳо (1400-1404) баъзан хусусиятҳо ва монандии воқеаҳо ба назар мерасанд. Тибқи тасвири Ибни Арабшоҳ Темур моҳҳои октябр-ноябри соли 1399 ба ҷониби Эрон таваҷҷуҳ фармуда, ҳабдаҳуми рабеъулаввали соли 802 (17 ноябри 1399) ба Қарабоғ расида, бад-он бор биафканд ва билоди Озорбойҷонро ба забт дароварда, рӯзи паншанбеи дуюми ҷумодиу-л-охира (30 январи 1400) ба шаҳри Тифлис даромад ва оҳанги билоди Гурҷистон кард. Низомуддини Шомӣ аз забти Озарбойҷон ва солу рӯзу моҳи ҳуҷуми Темур ба Гурҷистон ёдовар нашуда, ишора ба он намудааст, ки баъд аз мавсими дайю баҳман (феврали соли 1400) ба ҷониби Гургин ҳуҷум намуд.[1]

Дар ҳар ду рисола дар ҷузъиётҳои тавсифи воқеаҳои хуҷуми Темур ба Эрон ва Гурҷистон монандӣ низ ба назар мерасад. Мувофиқи ахбори ҳарду сарчашма Темур дар Қарабоғи Табрез қарор гирифта, ба Гурҷистон ҳуҷум намуда, мардуми зиёдро ба қатл расонид. Аммо раванди воқеаҳо дар рисолаи Шомӣ бештар тасвир ёфтааст.

Масоили ҳуҷуми Темур ба Димишқ низ дар рисолаҳои «Зафарнома» ва «Аҷоибу-л-макдру фи ахбори Темур» тасвир ёфтааст. Низомуддини Шомӣ зимни тавсифи ин воқеа онро дар фасли алоҳида офаридааст. Ба навиштаи ӯ зимни таваҷҷуҳи Темур ба Димишқ волии Миср бо лашкари зиёд дар шаҳр қарор гирифта, се тан қосидро ба ҷониби Темур фиристод, ки вазифаи яке аз онҳо тариқи заҳр куштани Темур буд, ки ин воқеа дар рисолаи Ибни Арабшоҳ зикр намешавад. Низомуддини Шомӣ ҳангоми вуруди Темур ба Димишқ қатли мардуми онро зикр накарда, балки мефармояд, ки Темур ҷамоатеро ба ҳимояи масҷиди Бани Умая гузошта, намехост он хароб гардад, аммо ноогоҳ шаҳр оташ гирифт. Мувофиқи тасвироти ӯ Димишқ ҳар сол як ё ду бор оташ мегирифт, аммо дар ин навбат баъди оташ гирифтани шаҳр Темур ба нақбҳо оташ зад. Шомӣ оташ гирифтани масҷиди Бани Умаяро махсус зикр накардааст. Аммо ба

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома.Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.330.

навиштаи Ибни Арабшоҳ Темур ҳангоми ҳуҷум ба Димишқ аввал хуни мардуми мусалмонро рехта, молу маноли онҳоро мусодира намуда, масҷиди Бани Умаяро оташ зад, ки вазиши бод онро ба шаҳр пароканда кард. Ҳамчунин, ба навиштаи ӯ лашкариёни Темур рӯзону шабон ба оташафрӯзӣ машғул будаанд.

Масоили ғорати молу амволи мардум дар «Зафарнома» баъд аз сӯхтани шаҳр ва дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» пеш аз сӯхтани шаҳр инъикос ёфтааст. Низомуддини Шомӣ қайд менамояд, ки баъд аз сӯхта шудани Димишқ ва ба саҳро афтодани мардуми он лашкариёни Темур дар охири моҳи раҷаб (15 феврали соли 1401) даст ба ғорат ниҳода, аҳолии Димишқро асир гирифтанд ва ҳукм шуд, ки касеро накушанд ва даст аз ҳалоки мардум боздоранд. Бино ба маълумоти Ибни Арабшоҳ нуфусу нафоис дар коми оташ рафта, мардуми он ба забони шуъла сутурда шуд ва баъд аз ин ҳодиса сагҳо ба лошаи куштагон дарафтоданд ва касеро ёрои он набуд, ки қадаме ба ҷониби масҷиди Бани Умайя бардорад.[1]

Аз рӯйи ахбори Низомуддини Шомӣ Темур аввали моҳи шаъбон (17 марти соли 1401) ва аз рӯйи маълумоти Ибни Арабшоҳ рӯзи савуми шаъбон (19 март 1401) бо лашкариёни худ аз шаҳр берун шуд.[2]

Дар масоили ҳуҷуми Темур ба Бағдод, ки дар ҳарду рисола зикр шудааст, як қатор хусусиятҳои фарққунанда ба мушоҳида мерасад. Назар ба навиштаи Низомуддини Шомӣ Темур муддати чил рӯз Бағдодро муҳосира карда, сарлашкарон арз доштанд, ки агар амр шавад, ба як ҳамала аз ин қазия фориғ шаванд, аммо Темур ба ин иҷозат надода, фармудааст: «Таъҷил макунед, бошад, ки аз ин феъл пушаймон шаванд ва дар мақоми эътирозу инқиёд дароянд, то мустаҳаққи қатлу уср нагарданд

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С.191, 193.

[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.363; Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 193.

ва ин шаҳр ба куллӣ хароб нагардад».[1] Аз рӯйи ахбори Ибни Арабшоҳ Темур дар моҳи зулҳиҷа (13 июл-10 августи 1401) он шаҳрро дар ҳисор гирифта, аз ҳарду тараф задухурд сар зад, ки дар натиҷа бисёр аз лашкариёни Темур ба ҳалокат расид.

Ба навиштаи Низомуддини Шомӣ бисту ҳафтуми моҳи зулқаъдаи соли 803 (9 июли соли 1401) қалъаро кушода, зану мард ва пиру ҷавон, ҳамаро ба қатл оварда, аз сад яке ва аз бисёр андаке боқӣ монд, ки онҳоро асир гирифтанд.[2] Ибни Арабшоҳ бошад, қайд менамояд, ки Темур ба шаҳр ворид шуда, дар рӯзи Иди Қурбон мусулмононро қурбон намуда, аз хуни куштагон дарёи Даҷларо лабрез карданд ва аз сари 70 ҳазор одамон манораҳо сохтанд.[3] Ҳамчунин, ба навиштаи ӯ бисёр мардум зимни фирор дар дарёи Даҷла ғарқ шуд, ки яке аз онҳо Фаруҷ буд.[4]

Дар тасвири ин воқеа дар ҳар ду рисола монандиҳо низ ҷой дорад. Маслан, фирор намудани султон Аҳмад пеш аз ҳуҷуми Темур ба Бағдод ва ба ҷойи худ гузоштани Фаруҷро дар шаҳр, муҳосираи Бағдод ва қатли мардуми шаҳр аз масъалаҳоеанд, ки дар ҳарду рисола инъикос шудаанд. Аммо ба андешаи мо ҳаводиси дар «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ инъикосшуда нисбат ба «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ пурратар ва ба ҳақиқат наздик аст. Ҳарчанд Низомуддини Шомӣ худ шоҳиди ин воқеа буд, аммо дар инъикоси пурраи ин воқеа, хусусан даҳшате, ки Темур анҷом додааст, ҷуръат накардааст.

Ҳамин тариқ, дар тасвири воқеаҳои дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур» («Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»)-и Ибни Арабшоҳ инъикосшуда хусусиятҳои фарқкунанда дида мешавад. Агар масоили ҳуҷуми Темур ба Хоразм, Хуросон ва Ҳиндустон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ бо хусусиятҳои худ ба ҳақиқат

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома.Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.368.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома.Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С.369-370.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018.- С. 202.
[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018.- С.202.

наздик тасвир ёфта бошанд, масоили таваллуд ва овони ҷавонии Темур, лашкаркашиҳои ӯ ба Эрон, Гурҷистон, Рум, Димишқ, Бағдод ва ғайраҳо (солҳои 1401-1404) дар «Зиндагии шигифтовари Темур» тасвири бештари худро ёфтаанд.

## 2.4. Тасвири шахсияти Темур аз ҷониби Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ

Дар сарчашмаҳои хаттии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV дар радифи инъикоси ҳодисаҳои таърихӣ ба масоили тасвири шахсияти Темур низ муаллифон таваҷҷуҳ кардаанд. Ин масъала пеш аз ҳама дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур» -и Ибни Арабшоҳ ба назар мерасад. Аммо пеш аз таҳқиқи ин масъала тасвири симои зоҳирии Темур дар манобеи хаттӣ муҳим аст.

Симои зоҳирии Темур дар рисолаҳои муррихони дарбори Темур ва Темуриён, ба монанди Ғиёсуддин Алӣ, Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва ғайраҳо инъикос наёфтааст. Шояд сабабаш он бошад, ки барои навиштани ин мавзӯъ ба муаррихони дарбор иҷозат дода нашуда буд. Дигар муаррихон, ки ба рисолаҳои таърихии муаррихони дарбори Темур пайравӣ кардаанд, ин масъаларо аз мадди назари худ дур гузоштанд. Вале Ибни Арабшоҳ, ки дар нигориши рисолаи худ озод ва Темурро дар чаҳордаҳсолагӣ бо чашми худ дида буд, аввалин шуда симои зоҳирии Темурро инъикос кардааст. Ӯ мефармояд: «Темур марди баландболо ва олимартабат буд. Қомати кашида дошт, чунон ки гуфтӣ аз бозмондагони амолиқа аст. Сараш бузург ва пешониаш баланд ва ранги чеҳраи ӯ сапеди моил ба сурхӣ буд; андоми устувор, шонаҳои фаррох, ангуштони дурушт, риши соф овехта, дасту пойи росташ шал ва ланг, ду чашмаш чун ду шамъи ниммурда ва овозаш дуруштоҳанг буд; шумораи солаш наздик ба ҳаштод мерасид ва бо ин ҳол диле ором ва тане чун санги хоро сахту устувор дошт...».[1] Сафири испанӣ Р. Г де Клавихо қайд менамояд, ки рони росташ захмин шуда ва ду ангушти хурди дасти росташ низ вуҷуд надоранд.[2] Тибқи ахбори ӯ Темур пир шуда буд ва аз ин сабаб чашмонаш хира шуда буданду пилки чашмонашро бардошта

---

[1]Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977.-С. 293
[2] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. Душанбе: ЭР-Граф, 2016. –С. 88

наметавонист.[1] Низомуддини Шомӣ низ аз захм бардоштани дасти Темур дар муборизаи якҷояи ӯ бо амир Ҳусайн ба муқобили ҳокими Систон ёдовар мешавад.[2]

Дар зимн метавон натиҷагирӣ кард, ки ахбори Ибни Арабшоҳ ва Клавихо ба ҳақиқат наздик буда, ба таҳқиқоти анҷомдодаи Герасимов,[3] ки ӯ моҳи май-июни соли 1941 гӯри Темурро кушода, симои ӯро аз рӯйи устухонҳояш шаклбандӣ кардааст, шабоҳат доранд. Инъикос наёфтани симои зоҳирии Темур аз ҷониби Низомуддини Шомӣ ва дигар муаррихон аз як тараф дастури худи Темур ва аз ҷониби дигар дасту пойи ланги Темур мебошад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ муаррихони дарбор инро навишта наметавонистанд.

Назари муаллифини манобеи таърихӣ оид ба шахсияти Темур гуногун аст. Хусусан, ин маънӣ дар унвони рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ ба мушоҳида мерасад. Аз номи «Зафарнома» бармеояд, ки Низомуддини Шомӣ зери мафҳуми «зафарнома», ки маънои музаффарият, муваффақият ва дастовардҳоро дар масоили сиёсӣ аз лиҳози мусбӣ ифода мекунад, тамоми лашкаркашиву ғоратгариҳои Темурро мусбӣ арзёбӣ карда, ӯро ҳамчун подшоҳи одилу раъиятпарвар, ғамхору пуштибони халқ ва тамоми лашкаркашву ғоратгариҳояшро ба нафъи мардум тасвир намудааст. Низомуддини Шомӣ тамоми амалҳои Темурро хулоса карда, зери як мафҳум –«зафарнома» инъикос намудааст, ки ин ибора Темурро ҳамчун қаҳрамони халқ ифода мекунад. Агар мавқеи муаллифро низ ба назар гирем, маълум мешавад, ки ӯ ҳеҷ гоҳ наметавонист ба ин асар номи дигар диҳад ва агар номи дигаре ҳам гузоштанӣ мешуд, кӯшиш мекард калима ва ё ибораеро истифода барад, ки аз ҷиаҳти маъниву мазмун аз «зафарнома» болотар истад. Ба монанди Низомуддини Шомӣ муаллифи

---

[1] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. Душанбе: ЭР-Граф, 2016. –С. 137

[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 43.

[3] Герасимов М. М. Портрет Тамерлана (Опыт скульптурного воспроизведения на краниологической основе) / М.М. Герасимов // Краткие сообщения Института истории материальной культуры. 1947. Вып. XVII. С. 14—21.

сарчашмаи дигари таърихии давраи Темуриён Шарафуддин Алии Яздӣ низ номи рисолаи худро «Зафарнома» гузошта, дар хусуси маънову мазмуни он бо Низомуддини Шомӣ ҳамфикр мебошад. Аммо Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ зери мафҳуми номи асари худ-«Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур», ки бо забони форсӣ -тоҷикӣ «Зиндагии шигифтовари Темур» тарҷума шудааст, шахсияти Темур ва тамоми амалҳои ӯро ҳайратовар ва берун аз дарки ақли инсонӣ тасвир кардааст.

Дар муқаддимаи муаллифони сарчашмаҳои асримиёнагӣ сабабу мақсади таълифи рисолаҳо ва аҳамияти онҳо баён гаштаанд. Ин анъана дар рисолаҳои «Зафарнома» ва «Зиндагии шигифтовари Темур» низ риоя шудааст, ки аз як тараф ба тасвири шахсияти Темур рабт доранд. Низомуддини Шомӣ дар ин қисмати рисолаи худ ба шахсияти Темур ишора карда, амалҳои ӯро ҷиҳати таҷриба дар кишваркушоиву раъиятпарварӣ ва дар умури корҳои дунявиву фунуни қавоиди подшоҳӣ «рӯзномачаи саодат» номида, мефармояд: «Ва таърихи сайъҳои ҷамилу кӯшишҳои писандида ва раъйҳои соқибу тадбирҳои соиби он ҳазрат дар ӯ баён кардам, то ин китоби салотини олам ва уқалои бани одам ба тахсиси фарзандони ҳумоюн ва уруғи маймуни ӯро дар умури маоши дунявӣ ва фунуни қавоиди подшоҳӣ рӯзномачаи саодат, сардафтари давлат, устоди роҳнамо ва ҳамдами дилкушо бошад. Ва дар кушудани мамолик ва паймудани масолик ва тасхири билоду тарфеҳи ибод ва танқиси маоқиди дину давлат ва тамҳиди қавоиди мулку миллат иқтидо бад-он кунанд ва қавлу феъли он ҳазратро муршиди рӯзгор ва муддабири кору бори худ донанд».[1]

Низомуддини Шомӣ Темурро идомадиҳандаи давлати Чингизхон, эҳёкунандаи расму қавоиди он ва эҳёкунандаи насли чағатоӣ дониста мегӯяд: «Ва чун шаҷарраи давлати ин ҳазрат дар бустони саодат ва уруғи мубораки Чингизхон нашъунамо ёфтааст, балки дар давраи охир ва аҳди бозпасин боғу роғи он хонадони бузургворро боғбони саъйи ин ҳазрат оби

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 29.

рафта бо ҷӯй оварда ва русуму қавоиди он подшоҳи соҳибқиронро дар олам тоза гардонида. Ва ба тахсис насли муборакн чағатоиро эҳё карда, ба мартабаи салтанати Эрону Турон расонида».[1] Низомуддини Шомӣ Темурро аз ибтидои асараш идомадиҳандаи давлати чағатоӣ муаррифӣ карда, ба ин восита шаҷарраи ӯро ба Чингизхон пайваст ва ё асоснок намудааст, ки дар он давра барои шахсияти Темур бисёр муҳим буд.

Ибни Арабшоҳ низ дар дебочаи рисолаи худ ба шахсияти Темур ишора карда, баръакси фармудаи Низомуддини Шомӣ ҳаёту рӯзгори ӯро аз «шигифттарин достонҳо» ва «бузургтарин фитнаҳо» донистааст. Ӯ Темурро «саромади табоҳкорони даҷолсифат» номида, мефармояд: «Ва аз шигифттарин достонҳо, балки бузургтарин фитнаҳо, ки хиради доноён дар водии гумроҳӣ ҳайрон сохт ва ҳуши зиракон дар тирашоми табоҳӣ ба ваҳшат андохт, бихрадонро ба сафоҳат дучор ва арҷмандонро забуну хор кард, ҳамоно достони Темурланг, саромади табоҳкорони даҷолсифат буд, ки оташи фитна бар Ховару Бохтари гетӣ барафрухт; дунёи фурумоя бад-ӯ рӯй намуд ва ӯ рӯй аз ҳақиқат бигардонд, сафҳаи гетӣ ба қасди табоҳӣ дарнавишт ва рӯяндаву ҷунбанда бар ҷой нагузошт… Ва он гоҳ ки саропои вуҷудаш ба наҷосати ҳакамия биёлуд, тимамро бар арсаи хок даст дарандохт ва ба шамшери саркаше туғёни хунҳо басе биафшонд ва ба шустушӯ пардохт ва бад-ин ғусл палидӣ ва нопокии ӯ бар ҷаҳониён муқаққақ гашт».[2] Ибни Арабшоҳ, ки дар давраи ворисони Темур умр ба сар мебурд, аз аввалин нафароне гашт, ки боҷуръатона сифатҳои аслии Темурро дар муқаддимаи асар ба таври возеҳу равшан инъикос намояд. Тасвири воқеаҳои таърихӣ дар «Зиндагии шигифтовари Темур» низ собит месозад, ки Ибни Арабшоҳ дар ин масоил дар муқаддимаи асараш ба шахсияти Темур баҳои барҳақ додааст.

Дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва дигар таърихномаҳои ин давра, ба ғайр аз «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур», сурату сифати

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 30.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 31.

Темур дар шакли фасл ва ё боби алоҳида тасвир нашудааст. Аммо дар таркиби ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ назари муаллифонро оид ба шахсияти Темур фаҳмидан мумкин аст. Низомуддини Шомӣ дар таркиби воқеаҳои таърихии «Зафарнома» ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, заминаҳои ба сари ҳокимият омадани Темурро, ки аз мухолифати ӯ бо амир Ҳусайн ибтидо мегирад, хости Худо донистааст. Ӯ дар фасли «Зикри мухолифати амири соҳибқирон бо амир Ҳусайн ба машварати Шербаҳром ва Баҳроми Ҷалоир» мегӯяд: «Бар арбоби хираду биноӣ ва асҳоби ақлу доноӣ равшан аст, ки чун хости ҳазрати Иззат ҷалла ҷалола ба коре тааллуқ гирад, аввал сабабе ки муҷиби будани он кор бошад, падид овард. Бинобар ин маънӣ чун иродати Худои таъоло ба заволи давлати амир Ҳусайн таалluқ гирифт, нахуст дилҳои халоиқро аз ӯ мутанаффир гардонид ва ахлоқи ӯро мутағайир кард. Ва чун хост, ки амири соҳибқиронро волии умури олам гардонад, дилҳои арбоби қулуброро ба тарафи ӯ моил гардонид ва ӯро тавфиқи корҳои неку арзонӣ дошт. Лоҷарам давлати аз амир Ҳусайн рӯй бартофта, дуаспа ба истиқболи ин соҳибдавлат омад».[1] Аз сабаби он ки аксари мардуми Мовароуннаҳру Хуросон мусулмон буд ва ҳама чизро хости Худо медонист, Низомуддини Шомӣ дар такя ба қонунҳои шариати ислом Темурро ҳамчун назаркардаи Худо муаррифӣ кардааст. Зимни тасвири ҳодисаҳои дигар, хусусан лашкаркашиҳои Темур ишорат ба раъиятпарварию мардумдӯстии ӯ карда, бештари сабабҳои задухурдҳои Темурро бо рақибонаш пуштибонӣ аз халқу дин, нест кардани зулму ситам аз сари мардум ва паҳн кардани дини ислом баён доштааст. Ин маъниро метавон дар фасли «Зикри таваҷҷуҳи амири соҳибқирон ба ҷониби амир Валӣ каррати дувум», хусусан дар воқеаи ҳуҷуми Туқтамиш ба Табрез мушоҳида кард. Тавре муаллифи рисола мефармояд: «… Муддате қуббатулисломи Табрез харобу бойир ва беравнақу отил буд, то боз ба маёмини ёсоқ ва адли ҳазрати соҳибқирон рӯй ба ҳоли беҳӣ ниҳод. Ва

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – С. 62-63.

зуафо дар сояи маъдалату насафати ӯ ба қарор боз омаданд ва интиоше ёфтанд».[1]

Ба монанди ахбори Низомуддини Шомӣ дар рисолаи «Манам Темури ҷаҳонкушо» ишора мешавад, ки мувофиқи он падари Темур пеш аз таваллуди фарзандаш хоб дида, аз Шайх Шамсиддин таъбири онро мепурсад ва ӯ дар ҷавоб мегӯяд: « Худованд ба ту писаре хоҳад дода, ки бо шамшери худ ҷаҳонро хоҳад гирифт ва дини исломро дар саросари ҷаҳон тавсеъа медиҳад, зинҳор ки аз тарбияти он писар ғафлат накунӣ…» [2] Ин ҳама суханпардозиҳо дар васфи Темур танҳо ба хотири ситоиши ӯ буда, дар асл ҳеҷ ҳақиқат надоранд ва Темур низ на барои тарғиби дини Ислом ва на барои хизмати мардум зода шудааст. Ӯ танҳо хунхор ва ғоратгаре буд, ки қонунҳои исломро ба нафи худ ва рӯйпӯши ҷиноятҳояш истифода кард. Ҳамзамон, худро муриди шайхҳо дониста, ба ин восита ваҳшониятҳояшро зери нуфузи онҳо амалӣ мекард.

Дар бештари лашкаркашиҳои Темур дар «Зафарнома» Низомуддини Шомӣ кӯшиш кардааст, ки баҳонае дар хусуси лашкаркашии Темур офарида, беҳтарин сифатҳои ҷавонмардӣ ва халқпарвариро дар симои ӯ таҷассум намояд. Ӯ мегӯяд: «Амири соҳибқирон фармуд: «…ҳар ки аз рӯйи мусулмонӣ ва некхоҳӣ хасмро огоҳ гардонида, ба ҷодаи инсофу ростӣ даъват кунад ва аз бадию оқибати ситеза ва ситамгорӣ бипарҳезонад, ба ҳақиқат узри худ хоста бошад. Ва баъд аз он агар сурате аз сари хушунат воқеъ шавад, гуноҳ онро бувад, ки сухан нашунида бошад ва аз роҳи инсоф гардонида».[3]

Низомуддини Шомӣ беҳтарин хислати ҷавонмардӣ –бахшандагиро низ дар сифати Темур тасвир менамояд, ки гӯё бадтарин душмани худро (дар ҳоле ки таслим мешуд) мебахшидааст. Масалан, аз рӯйи ахбори Шомӣ бо вуҷуди рақиби асосии Темур будани хокими Балх амир Ҳусайн, ки дар соли 1370 дастгир шуд, Темур мехост аз хуни ӯ даргузарад. Ё

---

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома.Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.155-157.
[2] Манам Темури ҷаҳонкушо. Саргузашти Темурланг ба қалами худи ӯ. Гирдоваранда Морсел Бреун. Теҳрон:1367 ҳ. -С.10.
[3] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.108.

Туқтамишхон, ки ба Темур ҳуҷум намуд ва баъдан ба ҳамлаи Урусхон тоб наоварда, ба ҷониби Темур паноҳ бурд, ӯро низ авф кард.

Аз оғоз то ба анҷоми «Зафарнома» - и Низомуддини Шомӣ Темур ҳамчун подшоҳи одилу раъиятпарвар, пуштибони халқу давлат ва мубориз роҳи адолату ҳақиқат тасвир ёфтааст. Аммо дар баробари ин, Шомӣ манфуртарин амалҳои Темурро, хусусан қатли шахсони бешумор ва ғоратгариву яғмогарии ӯро ҳангоми лашкаркашиҳояш бо сабки маҷози мурсал инъикос намудааст. Аз ҷумла, зимни ҳуҷуми Темур ба Исфаҳон мефармояд: «Рӯзи дигар ҳукм нофиз шуд то ҳафтод ҳазор адад сари одамӣ ба зоҳири Исфаҳон ҷамъ карданд. Намунаи рӯзи растохез дар он шаҳр зоҳир шуд».[1] Низомуддини Шомӣ фоҷиаҳои аз ин ҳам бадтари анҷомдодаи ӯро, хусусан қатли 100 ҳазор асирро дар Деҳлӣ инъикос намуда, мефармояд: « Ҳукми ярлиғ ба нифоз пайваст, то маҷмӯи он асиронро ба қатл оварданд ва аз хуни эшон селобҳо равон кардад. Бар муҷиби фармуда ба тақдим расониданд, то ҳадде ки мавлонои аъзам Носируддин Умар, ки аз бандагону мулозимони он даргоҳ аст, бо вуҷуди он ки дар умри худ гӯсфанде забҳ накарда буд, понздаҳ нафар аз он габрон бар теғ гузаронид».[2] Тавре дар фаслҳои гузашта зикр кардем, Шомӣ дигар хунхориҳои Темурро низ дарҷ кардааст.

Инъикоси лашкаркашиҳо ва фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур дар «Зафарнома» шояд андешаеро низ ба вуҷуд оварад, ки Низомуддини Шомӣ зери қабои мадҳу сано тасвир намудани бераҳмиву ғоратгариҳои Темур тариқи рамз ба шасияти ӯ баҳои манфӣ дода бошад? Аммо метавон тахмин кард, ки Низомуддини Шомӣ ба чунин амал даст зада наметавонист. Вазифаи ӯ, ки сабти таърихи Темур буд ва он аз ҷангу лашкаркашӣ иборат буд, ба ҳеҷ ваҷҳ сарфи назари муаллиф шуда наметавонист. Ғайр аз ин, навиштани чунин асари таърихӣ аз ҷониби Шомӣ бо дастури худи Темур сурат гирифта буд. Ҳарчанд ӯ ба Темур таваҷҷуҳ намуда, тамоми лашкаркашиву ғоратгариҳояшро бо сабабҳо асоснок намуда бошад ҳам,

[1] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.167.
[2] Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Душанбе: ЭР-Граф, 2019.-С.291.

инъикоси ҳодисаҳо дар «Зафарнома» маҷрои андешаро дар хусуси шахсияти Темур (бар хилофи хостаи Низомуддини Шомӣ) ба самти манфӣ мебарад.

Ба монанди Низомуддини Шомӣ Ғиёсуддин Алӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ низ дар таркиби ҳаводиси инъикосшуда ба шахсияти Темур баҳои мусбӣ додаанд. Ғиёсуддин Алӣ, ки дар дарбори Темур хидмат ва зимни ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон ӯро ҳамроҳӣ мекард, ҳангоми инъикоси воқеаи мефармояд: « Чун аз қазияи Катур ва дафъи баъзе муфсидон фориғ шуд, ҷамъе аз фуқаро ва раоёи вилояти Эрёб аз ҷавру бедоди қитоуттариқ, ки эшонро қабилае ва рукуне хонанд, дод хостанд, ки бар мо зулму бедод карданд ва асбобу амлоки моро ба тасарруф гирифта ва ба сари амири ҳазораи мо, ки аз ғуломони бандагии ҳазрат аст, шабехун оварда ва ӯро куштаанд. Ва сари роҳ гирифта, ҳеҷ офарида аз тааррузи эшон ба саломат наметавонад гузашт. Оташи ҳамият забона зад ва осори кина дар чину ҷабини ҳумоюн зоҳир гашт. Бад-ин сабаб аз роҳи Ғазнин рӯй гардонида, ба тарафи Эрёб равона шуд. Ва чун ба ҳаволии қалъаи он ҷо расид, атноби саропардаи азамату комгорӣ баркашиданд. Ва лашкар гурӯҳ-гурӯҳ перомуни он гирифта, расиданд».[1]

Шарафуддин Алии Яздӣ бошад, ба Низомуддини Шомӣ ва Ғиёсуддин Алӣ ҳамфикр мебошад. Ӯ ҳангоми ҳуҷуми Темур ба Ҳиндустон мефармояд: «Ба саҳми Темур расониданд, ки дар баъзан вилоятҳои Ҳиндустон, хусусан Деҳлӣ парчами дини Муҳаммад барафрохта шудааст, аммо дар баъзан вилоятҳои дигар бединон ва оташпарастон маскан гирифтаанд. Амири соҳибқирон ҳамеша орзуи ҷанги муқаддас бо кофиронро дошт. Бо ин сабаб лашкар ҷамъ намуда, мақсади ба Ҳиндустон лашкар кашиданро кард… Амири соҳибқирон бо мақсади ҷанги муқаддас ба Ҳиндустон рафт ва бо шарофати ин мақсади хуб аз ҷониби Худованди қодири муттаол ба таври

[1] Ғиёсиддин Алӣ. Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон. Петроград. 1915.- С.58.

равшан намоён шудааст, ки "Кӯмак аз ҷониби Аллоҳ ва пирӯзӣ наздик аст"…Аллоҳ аллакай ба шумо дар Бадр кӯмак кард" ва қувват бахшид»[1].

Тавре қайд гардид, дар рисолаҳои Низомуддини Шомӣ, Ғиёсуддин Алӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ Темур як мусалмони комил ва муҷоҳиди роҳи ҳақ тасвир ёфтааст. Ҳадафи муаллифон зери пардаи ислом паноҳ кардани ҷиноятҳои ӯ ва сохтани як чеҳраи бузурги сиёсӣ ва исломӣ буд. Аммо Клавихо ҳангоми дар дарбори Темур қарор доштанаш аз базме ёдовар мешавад, ки дар он Темур ва ҳама мардуми он май менӯшиданд: «Дар ин базм бо супориши амир ҳама май нӯшиданд, худи ӯ низ нӯшид. Атрофиёни шоҳ ҷуръати дар байни халқ май нӯшиданро надоранд. Бе иҷозати шоҳ онҳо танҳо пинҳонӣ май нӯшида метавонанд. Шаробро онҳо пеш аз таом он қадар зиёд ва зуд-зуд менӯшанд, ки маст мешаванд ва агар маст нашаванд, барои онҳо ҷашн ҷашн нест ва хурсандӣ хурсандӣ нест… Агар касе нӯшидан нахоҳад, мегӯянд, ки ӯ амирро таҳқир кардааст, зеро ҳама бо ирода ва хоҳиши вай менӯшанд».[2] Ҳамзамон, Клавихо дар сафарномаи худ аз оростани як базми тӯёнаи ҳамсари Мироншоҳ Хондзода дар санаи 9 октябри соли 1404, ки ба он ҷо даъват шуда буд, аз майнӯшии занҳо низ ёдовар шуда, мефармояд: «Ӯ (Хондзода) зани сафедпӯсту фарбеҳе буд, ки тақрибан чилсола менамуд. Дар пеши вай кӯзаҳои зиёд меистоданд, ки пур аз май ва дигар нӯшокиҳои аз шири асп ва қанд омодашуда буданд. Нӯшокии дуюмро, ки онҳо бисёр истифода мекунанд, босат меноманд. Ҳамроҳи Хондзода наздикони ӯ ва хешу табори амир Темур буданд… Вақте мо ба он ҷо расидем, онҳо аллакай ба майнӯшӣ оғоз карда буданд. Як надими пире, ки аз хешони амир буд, якҷоя бо ду баччаи хурд, ки онҳо ҳам авлоди амир буданд, ба Хондзода ва дигар ашрофзанҳо май пешниҳод мекарданд»[3].

Ибни Арабшоҳ бошад, зимни инъикоси воқеае лашкари Темурро лашкари куффор номида, дар хусуси амалҳои ӯ қайд менамояд, ки ҳеҷ

[1] Шараф ад-Дин Али Йаздӣ. Зафар-наме. Ташкент, 2008. -С. 216
[2] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. Душанбе: ЭР-Граф, 2016. –С. 143.
[3] Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. –С. 151-152.

ҳайвони ваҳшӣ чунин корҳоро анҷом намедиҳад: «Чун Темур анбони ози худ ба нафоиси гуногун бианбошт, ба озору шиканҷаи фармондеҳону амирони бузург фармон дод. Ононро сахт биозурданд ва обу намак дар гулӯяшон бирехтанд ва хокистару оҳак дар комашон фурӯ бурданд... Гурӯҳи кофиркешон ва бединон даст бароварданд ва озору шиканҷа бар ҳамагон ба шадидтарин ваҷҳ раво доштанд»[1].

Ахбори Низомуддини Шомӣ, Ғиёсуддин Алӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ роҷеъ ба шахсияти Темур вобаста ба мавқеи иҷтимоии онҳо баён шудааст. Ахбори Клавихо ва Ибни Арабшоҳ дар ин хусус бештар мавриди эътимоданд. Таҳқиқи лашкаркашиву хунҳориҳои Темур дар фаслҳои гузашта шаҳодати онанд, ки «ӯро бадтарин инсон ва номусулмонтарин бошандаи сарзамини ислом ҳукм кунем».[2]

Клавихо воқеаро қайд менамояд, ки Темур ришвахӯриву дуздиро написандида, барои беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии мардуми Самарқанд кӯшиш мекард, балки муфтхӯрону манфиатхоҳонро, ки ҳаққи мардумро мехӯрданд, сахт ҷазо медод: «Дар ин корҳо (Тимурбек) амр дод то мурофиа ташкил кунанд. Гузашта аз ин,(Тимурбек) фармуд, то баъзе аз дӯкондоронро, ки дар набудани Темур гӯштро чандин баробар бо нархи гарон фурӯхтанд,ҷазо диҳанд. Баъдан мурофиаро нисбат ба баъзе кафшдӯзҳову косибони дигар амалӣ кард, чун дар набудани Тимур онҳо молҳояшонро нисбатан гарон мефурӯхтанд, амр кард, то пулҳои фоидадидаашон аз онҳо бозситонида шавад. Бисёре аз аҳолии Самарқанд аз ин вазъият норозӣ буданд ва мегуфтанд, ки (Тимурбек) фармон дод то мо аз шаҳр берун биёем ва ба яғмогарон пайваст шавем, то онҳоро нест кунем».[3] Аммо ба назар мерасад, ки ин корҳо бештар тазоҳурӣ буда, чун як

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 192-193.
[2] Амиршоҳӣ Н. Темур дуввумин чеҳраи хунрези таърих / Н. Амиршоҳӣ// Фарҳанг, 2004, №1. –С. 14-15.
[3] Руи Гонсалес де Клавихо. Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403—1406) . Москва: Наука, 1990.-С.122.

ҳокими мустабиди асри миёна мисли Темур наметавонист то ин ҳад мардумӣ бошад.

Тасвири шахсияти Темур нисбат ба дигар манобеи хаттӣ дар рисолаи Ибни Арабшоҳ васеътар инъикос ёфтааст. Муаллиф ба монанди дигар таърихнависон дар таркиби инъикоси ҳодисаҳои таърихӣ ба масоили шахсияти Темур ишора карда, дар ҳамин хусус фасли алоҳидае низ офаридааст. Аз тарафи дигар ахбори ӯ аз ҷиҳати маънову мазмун аз дигар рисолаҳо фарқ мекунад. Масалан, Ибни Арабшоҳ дар фасли «Зикри ному нажод ва сабаби истилои Темур бар билод» мегӯяд: «Гӯянд дар шаби валодати ӯ чизе чун хун дар ҳаво падид омад ва чун ба рӯйи замин афтод, бишукуфт ва шарораҳои оташ аз он бархосту дуру наздики фазоро биянбошт. Ва низ гуфтаанд, ки чун аз модар бизод, ду есташ хунолуд буд».[1]

Чунин ба назар мерасад, ки ин ривоятҳо он замон дар байни мардум бисёр маъмул буданд ва ишора ба он менамоянд, ки ҳанӯз ҳангоми таваллуд паёмадҳои хунхориву ҷоҳилии Темур зоҳир шудааст. Эҳтимол меравад, ки ин ривоятҳоро мардум пас аз лашкаркашиву ғоратгариҳои Темур ба ӯ нисбат додаанд, ки асли мақсад ишора ба амалҳои ғайриинсонӣ ва ҳайратовари вай мебошад. Ғайр аз ин, ривоятҳои зикршуда гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки Ибни Арабшоҳ бар хилофи дигар таърихнависони дарбори Темур ба шахсияти ӯ воқеъбинона нигаристааст.

Инъикоси фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур дар «Зиндагии шигифтовари Темур» низ шахсияти ӯро хеле хуб маълум месозад. Ибни Арабшоҳ зикр менамояд, ки «Темур ҳамон роҳи каҷ, ки равиши доимии ӯст, дар пеш гирифт ва ҷодаи бедоду ситамро, ки тариқаи маъҳуди ӯст, месипард. Лашкариёнаш ҳамчунон бар атрофи ҷаҳон пароканда ва ҳайбаташ дар дилҳо ҷой гирифта буд»[2].

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. С.- 32.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 194.

Ҳамзамон, ҳангоми зикри ҳаводиси Бағдод дар рисолаи мазкур Темур ҳамчун ғоратгару хунхор ва бераҳму золим тасвир ёфтааст: «Темур пас аз он ки амвол ва хазоини он шаҳр ба тороҷ бурд ва мардумашро ба фақру тангдастӣ дарафканд ва манзилҳои он ба хоки роҳ яксон кард ва фарозаш ба нишеб фуруд овард, шаҳрро аз бун барандохт ва мадинату-с-саломро диёри ҳалокат сохт ва гурӯҳе нотавон аз бақоёи мардумро, ки ба ҷо монда буданд, асир карда, ҷамъашон аз ҳам бипошид ва ба дасти рӯзгор санги тафриқа дар миёнашон дарафканд».[1] Ибни Арабшоҳ ҳатто ҳангоми тасвири марги Темур ба шахсияти ӯ ба нафрат нигариста, мефармояд: «…Худо нахост, ки рӯҳе чунон палид аз колбуде чунон нопок берун шавад, магар бо сифоти пасту нопокӣ, ки худ шоистаи он мебуд ».[2]

Тавре қайд кардем, Ибни Арабшоҳ ба ғайр аз тасвири шахсияти Темур дар таркиби ҳаводиси таърихӣ фасли алоҳидае бахшидааст. Ӯ дар ин фасл ҳам хислатҳои нек ва ҳам бади Темурро зикр кардааст. Мувофиқи ахбори ӯ Темур ҳазлу шухиро намеписандид, ба ҳавову ҳавас дил намедод, ростиро хуш медошт, дар маҷлисҳо суханҳои носазо ва дар баёни ҷангу хунрезӣ намегуфт ва намеписандид, бар гузашта афсӯс намехӯрд ва ба хушиҳо, ки ба ӯ мерасид, рӯйи шодмонӣ наменамуд. Нақши ҳотамаш «ростӣ, растӣ» буд; донишу донишмандонро дӯст медошт: «Бисоти раҳмат ва ҳайбат ба як ҷой мегустурд ва дар мубоҳиса сухан ба муқтазои ҳашамат ва аз рӯйи инсоф мегуфт. Қаҳраш ба меҳр омехта ва унфаш дар либоси лутф нуҳуфта буд».[3]

Мувофиқи ахбори ҳамин манбаъ «(Темур) диловаре пешраву пурҳайбат ва фармонраво буд. Далерону паҳлавононро дӯст медошт ва қуфли сахтиҳо ва тилисми душвориҳо ба дасти қудрат ва андешаи онон мекушуд ва зарраи кӯҳҳои гарон ба пойи истиқоматашон мепаймуд. Андешае расо, ҳуше шигарф, бахте чира, ахтаре дамсоз, азме пойдор ва раъйе устувор дошт. Забоноваре балеғу тезхуш ва бедордиле сахтгӯш буд.

---

[1] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе: ЭР-Граф, 2018. - С. 202-203.
[2] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977.-С. 230
[3] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977.-С. 297

Талбиси касон аз назараш пӯшида намемонд ва солуси риёкорон сурати кор бар вай дигаргуна наменамуд. Ҳаққу ботилро ба зиракӣ фарқ мегузошт ва андарзгӯе ва чоплусро ба озмудагии худ нек мешинохт, чунон ки гуфтӣ ба андешаи равшан роҳнамои нақми соқиб аст ва тири ситорагон ба пайравии рояш соиб».[1]

Тибқи ахбори Ибни Арабшоҳ Темур ба аҳли санъат шефта мешуд, ба шоирону базлагӯён хашмгин буд, пизишкону ситорашиносонро муқарраб дошта, суханашонро гӯш мекард ва ба кор мебаст.[2]

Муаллиф ҳатто ба дараҷаи саводнокии Темур низ аҳамият дода, нигоштааст, ки « ӯ худ навиштан ва хондан наметавонист ва аз арабӣ баҳра надошт. Луғатҳои порсӣ ва туркиву муғулӣ дар сухан ба кор мебурд ва муътақид ба ёсои Чингиз мебуд».[3] Аз рӯйи маълумоти ҳамин манбаъ Темур ҳушёру зирак буда, ҷиҳати расидан ба ҳадафои худ бисёр кӯшиш менамуд ва ҳар хабари баде, ки ба ӯ мерасид, ба дафъи он нек мекушид.[4]

Бино ба ахбори Ибни Арабшоҳ Темур дар сафарҳо бештар ба шунидани таърихи пайғамбарон ва ахбори гузаштагон ба забони форсӣ мепардохт. [5]

Назар ба нигоштаи ӯ Темур дар ободу зебо гардонидани Самарқанд рағбати калон дошта, сарбустонҳо бунёд карда, ба онҳо номҳои Бустони Ирам, Зиннати дунё, Ҷаннати Фирдавс, Бустони Шимол ва Ҷаннати улё ном гузоштааст.[6] Ҳамчунин, дар атрофи Самарқанд, декадаҳо бунёд карда, ба онҳо номи шаҳрҳои бузургро ба монанди Димишқ, Миср, Шероз, Бағдод ва ғайраҳо гузоштааст. Аммо ободиҳои анҷомдодаи Темур ангӯштшуморанд, ки ҳоҷат ба зикри онҳо нест, вале он шаҳру навоҳии дар

[1] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977.-С. 297-298
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф, 2018. -С. 331.
[3] Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1977.-С. 298
[4] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе. ЭР-Граф, 2018. -С. 332.
[5] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф , 2018. -С. 331.
[6] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф , 2018. -С.341

тобиеияташ бударо бегона фикр карда, ба ғайр аз Самарқанд ҷиҳати ободии онҳо ҳеҷ амалеро иҷро накардааст. Харобкориҳои ӯ садҳо баробар аз ободкориҳояш зиёданд.

Дар охири ин асари худ Ибни Арабшоҳ оид ба шуғлҳои дӯстдоштаи Темур, муносибат бо донишмандон, бустонсаройҳо, занон, вазирон, ҳайати лашкариёни Темур ва ғайраҳо маълумотҳои муҳим овардааст. Аз ҷумла, мувофиқи гуфтаи муаллиф дар лашкари Темур турк, бутпараст, оташпараст, мушрик, кофар, ғайбгӯй ва ғайраҳо бисёр будааст. Аммо «дар лашкариёни ӯ хар касро, ки сангиндилтар, бадхӯйтар, бераҳмтар, кофартар ва фурумоятар будӣ, гиромитар дошта, ба пешвоӣ баргузидандӣ ва ба раҳнамоии ӯ нофармонӣ ва саркашӣ бо Худой оғоз ниҳодандӣ».[1] Ибни Арабшоҳ дар ҳайати лашкариёни Темур аз занони ҷанговар низ ёдрас мешавад, ки зикри онҳо дар сарчашмаҳои дигари аҳди Темур ба назар намерасанд. [2]

Роҷеъ ба занҳои Темур мефармояд: «Занони Темур яке маликаи кубро муқаддам ва бартар бар дигарон буд ва яке маликаи суғро зеботару накутар аз соирон ва ҳар ду аз духтарони подшоҳони Хито буданд. Дигар Тумон духтари амир Мӯсо, фармонравои Нахшаб…Занон ва канизакони дигари ӯ бисёранд, номи маликаи кубро Шодмулк аст ва дигаре Тумон, ки чунон ки гуфта шуд». [3]

Ба монанди Ибни Арабшоҳ таърихнависи арманӣ Фома Метсопский (соли вафоташ 1446) , ки шоҳиди лашкаркашиҳо ва фоҷаҳои анҷомдодаи Темур дар Арманистон буд, менависад, ки «Марде мусаммо ба Темурланг…бераҳм, беҳаё ва хунхор, сахт пурғазаб, манҳус …дар шарқ дар Самарқанд падид омад»[4]. Фома Метсопский дар рисолаи худ ваҳшониятҳои Темурро дар Арманистон инъикос карда, ҳаводиси пас аз

[1]Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф , 2018. -С. 355
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф , 2018. -С.357.
[3] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Душанбе, ЭР-Граф , 2018. -С. 342.
[4] Мецопский Ф. История Тимур-ланга и его преемников. Баку. 1957.-С.55

рафтани Темурро дар ин кишвар чунин ба қалам додааст: «Пас аз рафтани Темур дар сарзамини мо гуруснагии даҳшатнок ҳама ҷоро фаро гирифт ва мардум сагону гургонро хӯрданд, писарону духтарони худро бирён карданд…»[1]

Қайд кардан ба маврид аст, ки агар зиндагиномаи Темурро аз оғозаш холисона баррасӣ кунем, бе шак дугонагӣ дар рафтор, дурӯягӣ дар кирдор ва риёкорӣ дар зиндагии ҳамарӯзаашро ба сароҳат мебинем.[2] Ба ҳар кишваре, ки лашкар кашид, ҷиноятҳои вахшиёна ва даҳшатнок ба анҷом расонд.[3] Фоҷиаҳои анҷомдодаи ӯ собит месозад, ки ӯ ба хотири манфиатҳои худ аз ваҳшонияттарин амал худдорӣ намекард. Аммо бо сабаби он ки худро дар назди мардум ҳамчун шоҳи адолатпарвар нишон диҳад, аз дину мазҳаби мардуми Мовароуннаҳру Хуросон истифода намуда, шариати исломро ҳамчун барнома ҷиҳати истилокориҳои худ истифода кард. Ба ҳар куҷое, ки лашкар кашид, аввал айби онҳоро ҷӯста, бо оятҳои қуръонӣ ва дигар қонунҳои шариати ислом асоснок мекард. Аммо «дар асл вай ва ҷанговаронаш тамоман аз ислом дур буданд. Иҷрои талаботҳои ислом барои ӯ танҳо як воситаи ба даст овардани мақсадҳои сиёсӣ буд».[4] Ҳамчунин, бештар кӯшиш мекард ба донишмандон, хусусан рӯҳониёни ислом муносибати хуб намояд. Зеро ин ба обрӯ ва нуфузи ӯ дар байни мардум таъсири бузург мегузошт.

Темур забони форсиро хуб медонист ва дар ҳама маврид аз он истифода мекард. Ӯ марди боҳиммату моҷароҷӯ ва дар айни ҳол собиту сарсахт ва саркашу аҷул буд.[5]

Ҳамин тавр, шахсияти Темур дар рисолаҳои таърихии «Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ, «Зафарнома»-и Низомуддини

---

[1] Мецопский Ф. История Тимур-ланга и его преемников. - Баку, 1957. - С.56

[2] Камол Ҳ. Темурланг /Ҳ. Камол // Фарҳанг. - 2004. - №1. - С 11.

[3] Мирзоён З. Ислом Каримов вассофи Темурланг / З Мирзоён // https://mazdo-wordpress-com.translate.goog/ (торнигори «Зафар Мирзоён) (Санаи шиносоӣ 8.12.2021, соати 8:50).

[4] Камол Х. Таджикский народ во вторoи половини XIV-XV вв. / Х. Камол// Истории таджикского народа. - Том III. (Период развития феодалного общества). - Душанбе: Дониш, 2013. – С. 441.

[5] Мирғулом Муҳаммад Ғубор. Афғонистон дар масири торих. – Кобул, 1375. - Ҷ.1. Чопи аввал. - С.430-431.

Шомӣ ва «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ ҳамчун амири одилу раъиятпарвар инъикос шудааст, ки ин гурӯҳи муаллифон бо сабаби дар рикоби Темур ва ворисони ӯ, ҳамчунин зери таъсири идеологияи синфи ҳукумрон қарор доштанашон ба Темур бештар ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ахбори Ибни Арабшоҳ, Клавихо ва Фома Мецопский оид ба шинохти шахсияти Темур аҳамияти муҳим дошта, бо такя ба ахбори ин рисолаҳо гуфтан мумкин аст, ки Темур хондану навишта наметавонист, рӯҳониёни ислом ва донишмандонро эҳтиром мекард ва зимни лашкаркашӣ ба занону кӯдакон ва пирону барҷомондагон раҳм намекард. Ӯ ҳамчун амири хунхору золим ва ғоратгару бераҳм ба сари мардуми Хоразму Хуросон, Эрону Ҳиндустон фоҷиаҳои бузург овардааст.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Аз натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ, таҳлилу баррасии ахбори дигар манобеи хаттӣ ва осори илмӣ чунин натиҷагирӣ метавон кард:

1. Омӯзиш ва таҳлили муқоисавии воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ, ки ин рисолаҳо дар баррасии масоили таърихии асрҳои зикршуда сарчашмаҳои муҳими таърихӣ дониста мешаванд, зарур аст.
2. Низомуддини Шомӣ аз зумраи донишмандон ва таърихнависони нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV буда, дар Шанаби Ғазони Табрез ба дунё омадааст. Ӯ соли 1401 зимни лашкаркашии Темур ба Бағдод ба рикоби Темур даъват шуда, ба навиштани асаре дар бораи футуҳоти Темур муваззаф гардид. Низомуддини Шомӣ соли 1404 навиштани таърихи Темурро ба анҷом расонида, ба иҷозати Темур ба зодгоҳи худ –Табрез баргашт. Дар бораи дигар паҳлуҳои ҳаёти ӯ маълумотҳо вуҷуд надорад. Ӯ бештар бо рисолаи «Зафарнома»-аш машҳур мебошад.
3. Ибни Арабшоҳ соли 1388 дар Димишқ ба дунё омада, дар синни ҳаштсолагӣ ҳангоми ҳуҷуми Темур ба Димишқ дар қатори дигар асирон ба Самарқанд оварда шуд. Ӯ дар Самарқанд ба омӯзиши илмҳои замони худ машғул шуда, соли 1408 ба Хито ва аз он ҷо ба Хоразм рафта, соли 1412 аз он ҷо ба Адрана сафар намуда, ба дарбори султон Муҳаммад-писари Боязид роҳ ёфт. Ӯ дар тӯли ҳаёти худ ба бисёр шаҳру минтақаҳо сафар намуда, асарҳои зиёде офаридааст. Ибни Арабшоҳ соли 1436- баъд аз 31

соли вафоти Темур рисолаи «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-ро навишт ва соли 1451 дар Миср вафот кард.

4. «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ аз аввалин рисолаҳоест, ки ҳаводиси таърихии Мовароуннаҳру Хуросонро дар нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV инъикос мекунад. Муаллифи он Низомуддини Шомӣ зимни навиштани рисолаи худ аз ҳуҷҷатҳои расмии дарбори Темур ва асарҳои дар хусуси таърихи Темур таълифшуда истифода кардааст. Ӯ зимни инъикоси воқеаҳо ба Темур ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, аммо бузургтарин фоҷиаҳои Темурро низ нигоштааст. Дигар таърихнависони асримиёнагӣ, ки баъд аз Низомуддини Шомӣ ба навиштани таърихи Темур машғул шуданд, ба монанди Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд, Хондамир ва дигарон аз ин рисола истифода карданд.

5. «Зиндагии шигифтовари Темур» («Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»)-и Ибни Арабшоҳ дар инъикоси ҳодисаҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV манбаи дасти аввал ба ҳисоб рафта, аҳамияти муҳими таърихӣ дорад. Дар он таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур, лашкаркашиву ғоратгариҳо ва сирату сурати Темур беғаразона ва воқеъбинона тасвир ёфтааст.

6. Таърихи таваллуд, наврасӣ ва ҷавонии Темур дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ инъикос нашудааст. Ин масъала дар асарҳои Ибни Арабшоҳ ва Р.Г. Клавихо инъикоси худро ёфтааст.

7. Масъалаи ба майдони сиёсӣ ворид шудани Темур дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд ба таври васеъ инъикос ёфта, аммо муаллифон бисёр масъалаҳоро链 мармуз баён доштаанд. Ахбори Ибни Арабшоҳ ва Клавихо бошад, дар ин хусус ошкоро баён шудааст.

8. Сабабҳои ҳуҷуми Темур ба кишварҳои бегона, хусусан ба Хоразм дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур» нисбат ба ахбори Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ ба ҳақиқат наздик тасвир ёфтааст. Зеро Ибни Арабшоҳ дар инъикоси воқеаҳои таърихӣ озод буда, Низомуддини

Шомӣ зери таъсири идеологияи синфи ҳукмрон кӯшиш кардааст сабаби мувофиқеро офарад, ки амалҳои манфури Темурро рӯйпӯш намояд.

9. Ҳуҷуми Темур ба Хоразм дар чор маротиба дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ бо тасвири пурраи воқеаҳо ва соли сар задании онҳо боиси эътимод аст. Аммо ин воқеаҳо дар рисолаи Ибни Арабшоҳ чандон возеҳ баён нашуда, муаллиф раванди ҳодисаҳо ва соли сар задании онҳоро мушаххас накардааст. Бинобар ин, масоили мазкур дар рисолаи Шомӣ комилтар тасвир ёфтааст.

10. Сабабҳои лашкаркашии Темур ба Хуросон дар соли 1381 дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ воқеъбинона тасвир ёфтааст. Низомуддини Шомӣ ба хотири асоснок кардани ин ҳуҷуми Темур аз худ баҳонаҳоеро пеш меоварад, ки ҳақиқат надоранд.

11. Ишғоли Ҳирот аз ҷониби Темур дар манбаҳои хаттии зикршуда ба ҳам монанд тасвир ёфтааст.

12. Фоҷиаҳои анҷомдодаи Темур дар Хуросону Эрон, хусусан Систону Исфаҳон дар ҳар ду рисола ба таври васеъ инъикос шуда, дар маҷмӯъ ба ҳам монананд. Ҳақиқати ин фоҷиаҳо дар рисолаи Ибни Арабшоҳ равшан ба назар мерасад.

13. Дигар аз ҳаводиси таърихии ғасбкориҳои Темур дар Хуросону Эрон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ ба таври гуногун тасвир ёфтааст. Қисме аз воқеаҳои таърихӣ аз мадди назари Ибни Арабшоҳ дур афтода, дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ инъикоси худро ёфтаанд.

14. Сабабҳои ҳуҷуми Темур ба Ҳинд дар рисолаҳои Ибни Арабшоҳ ва Мирхонд барҳақ тасвир ёфтааст. Низомуддини Шомӣ, Ғиёсуддин Алӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ вобаста ба тақозои замон асли матлабро нагуфта, куффор будани мардуми Ҳиндро яке аз сабабҳои асосии ҳуҷуми Темур донистаанд, ки ба ҳақиқат чандон наздикӣ надорад.

15. Масоили лашкаркашии Темур ба Ҳиндустон дар рисолаи «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ ба таври умумӣ зикр шудааст. Ин

масъала бо зикри сана, моҳ ва соли ишғоли ҳар як шаҳру қалъа дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ комилтар қайд гардида, муаллиф аксари воқеаҳоро аз рисолаи «Китоби рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ рӯйнавис кардааст.

16. Лашкаркашии Темур ба Табрез, Гурҷистон, Севос, Мордин, Димишқ, Бағдод, Рум ва ғайраҳо, инчунин фоҷиаҳои анҷомдодаи ӯ дар шаҳрҳои зикршуда дар рисолаи Ибни Арабшоҳ воқеъбинона зикр шудааст. Низомуддини Шомӣ бо таваҷҷуҳ ба Темур ба бештари амалҳои манфури ӯ бароат дода, хостааст ба ин васила ваҳшониятҳои Темурро рӯйпӯш намояд.

17. Тасвири шахсияти Темур дар рисолаҳои таърихии «Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ, «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ аз лиҳози мусбӣ баҳогузорӣ шуда, ӯро ҳамчун амири одилу раъиятпарвар инъикос намудаанд, ки ин гурӯҳи муаллифон бо сабаби дар рикоби Темур ва ворисони ӯ, ҳамчунин зери таъсири идеологияи синфи ҳукумрон қарор доштанашон ба Темур бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда, аз асли матлаб дур афтоданд. Ахбори Ибни Арабшоҳ, Клавихо ва Фома Мецопский оид ба шинохти шахсияти Темур аҳамияти муҳим дошта, ба ҳақиқат наздиканд. Ҳамзамон, Ибни Арабшоҳ дар нигориши шахсияти Темур ҳақиқати ҳолро баён доштааст.

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Натиҷаҳои диссертатсияро зимни омӯзиши масоили сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон, Эрону Ироқ ва Хоразму Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV истифода кардан мумкин аст. Дар баробари ин натиҷаҳои диссертатсияи мазкур метавонанд барои таҳияи асарҳои умумии вобаста ба таърихи асримиёнагии халқи тоҷик, таърихи Осиёи Марказӣ дар асрҳои миёна, таҳлил ва омӯзиши сарчашмаҳои хаттии таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV; ҳангоми омӯзиши

курсҳои махсус ва таҳияи китобҳое, ки ба ҳаводиси таърихии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV, хусусан таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур дар Мовароуннаҳр, лашкаркашиҳои ӯ ба кишварҳои бегона ва фоҷиаҳои анҷомдодаи ӯ иртибот доранд, ҳамчун маводи иловагӣ ва ёридиҳанда истифода шаванд.

# НОМГӮИ АДАБИЁТ

## 1.Феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда

## Манбаъҳои хаттӣ


1. Ан-Насави, Мухаммад. Жизнеописание султана Джалал ад-Дина Манкбурни. Пер. с арабского З.М. Буниятова. – Баку, 1973.
2. Аснод ва мукотиботи таърихи Эрон. Аз Темур то шоҳ Исмоил. Теҳрон, 1977.
3. Гийяс-Ад-Дин, Наккаш. Дневник путешествия в Китай. Передисловие, перевод с персидского на узбекский и русский языки, перемечания А. Буриева. Ташкент. 2017.-157 стр.
4. Гиясиддин, Али. Дневник похода Тимура в Индию. Перевод, предисловия и примечания А.А.Семенова. -М: Изд. Востмед, 1958. - 206 с
5. Ғиёсуддин, Алӣ. Рӯзномаи ғазовати Ҳиндустон. Петроград. Типография Императорской академии наук. 1915.- 231 саҳ.
6. Заҳриддин Мухаммад Бобур. Бобурнома. Тошкент -2008.-368 с.
7. Ибни Арабшоҳ, Аҳмад ибни Муҳаммад. Зиндагии шигифтовари Темур. (Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур). Мутарҷим Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ. Баргардонанда Аҳмадхон Муродзода. Душанбе, «ЭР-Граф»-2018.- 400 с.
8. Ибни Арабшоҳ. Зиндагонии шигифтовари Темур. Тарҷумаи Муҳаммад Алии Наҷотӣ. - Теҳрон, 1356 ҳ.қ. - 358 с.
9. Ибн Арабшах. История Амир Тимура. Аджоиб ал-макдур фи таърихи Таймур. Автор перевода Хайдарбек Бобобеков. 3-е издание. - Ташкент, 2008. -239 с
10. Йаздӣ, Шараф ад-Дин Али. Зафар-наме. Предисловие. Перевод со староузбекского, комментарии, указатели и карта доктора истарических наук. Профессора Ашрафа Ахмедова. Ташкент, издателского журнала «SAN`AT», 2008. - 486 саҳ.

11.Клавихо, Руи Гонсалес де. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. – Душанбе. ЭР-Граф, 2016. -288 саҳ.

12.Клавихо, Руи Гонсалес де. Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403—1406) . Перевод со староиспанского. Москва. Наука.1990.-211 стр.

13.Китайские документы и материалы по истории Восточного Туркестана, Средней Азии и Казахстана XIV—XIX вв.—Алматы: Гылым, 1994. —27 2 стр.

14.Манам Темури ҷаҳонкушо. Саргузашти Темурланг ба қалами худи ӯ. Гирдоваранда Морсел Бреун. Тарҷума ва иқтибоси Забеҳуллоҳ Мансурӣ. (Мушахассоти китоб ) –Теҳрон. 1367 ҳ.(1984)

15.Мецопский, Фома. История Тимур-ланга и его преемников. Т. Тер-Григоряна, А. Баграмяна, Баку, 1957.-104 стр.

16.Мирзо Ҳайдар. Таърихи Рашидӣ. Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, №475.

17.Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон, 1366 ҳ.ш.

18.Мирзо Муҳаммад Қосим ибни Мирзо Абдулхолиқи Бухорӣ. Темурнома. Тошканд, 1331ҳ.

19.Муҳаммад Юсуф Валеҳ Исфаҳонии Қазвинӣ. Холди Барин (Таърихи Темуриён ва туркманон) Ҷ.6-7. Теҳрон. 1379 ҳ.-804 саҳ.

20.Рене Грусе. Империтории саҳронавардон. Тарҷумаи Абдулҳусайни Майкада. Чопи дуюм. Теҳрон, 1987.

21.Самарқандӣ, Камолуддин Абдураззоқ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн. Бо тасҳеҳи Муҳаммад Шафеъ. - Лоҳур, 1360 ҳ.қ. Ҷ. I - II. – 1368 с.

22.Самарқандӣ, Мавлоно Камолуддин Абдурраззоқ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн. Бо эҳтимоми Абдуҳусайни Навоӣ. - Теҳрон, 1353 ҳ.қ.

23.Самарқандӣ, Камолуддин Абдураззоқ. Матлаи саъдайн ва маҷмаи бахрайн. - Ташкент, 1969.

24.Самарқандӣ, Абӯтоҳирхоҷа. Самария. Ба кӯшиши Эраҷи Афшор.- Теҳрон, 1367. ҳ.қ.

25.Турбатӣ Абӯтолиб Ҳусайн. Тузукоти Темурӣ. Таҳрири Абӯтолиб Ҳусайни Турбатӣ ба форсӣ. - Теҳрон,1342 / 1963.

26.Фасих, Ахмад ал-Хавафи.. Муджамали Фасихи. Перевод, перидсловие, перемечение и указатели Д.Ю.Юсуповой.-Ташкент, Фан. 1980.

27.Фасиҳии Хофӣ. Муҷмали Фасиҳӣ. Ҷ. I. Бо тасҳеҳи Маҳмуди Фараҷ. - Машҳад, 1341 ҳ./ 1962. - 523 с.

28.Хафиз Абру (Шихаб ад-Дин Абдаллах ибн Лутфаллах ал-Хавафи). Зайл-и Джами ат-таварих-и Рашиди («Дополнение к собранию историй Рашида»). Пер. с перс., предисл., коммент., прим. и указ. Э.Р. Талышханова.- Казань: зд-во «ЯЗ»,2011. – 320 с.

29.Хондамир. «Ҳабибу-с-сияр». Теҳрон, чопи литографӣ, ҷузви 1. Ҷилди 3. 1271. -640 саҳ.

30.Хондамир. Ҳабибу-с-сийар. Ҷ. 3. Бо кӯшиши Ҷалоли Ҳумоӣ. - Теҳрон, 1334 / 1954. – 760 с.

31.Хондамир. Дастур-ул-вузаро. - Теҳрон, 1317/1938. -514 с

32.Ҳофизи Абрӯ. Маҷмӯаи Ҳофизи Абрӯ. - Теҳрон, 1328 / 1949.

33.Ҷувайнӣ, Алоуддин Атомалик ибни Муҳаммад. Таърихи ҷаҳонкушо. Чопи аввл. ҷилди 1. Теҳрон. Дунёи китоб, 1375 ҳ.ш.

34.Шильтбергер, И. Путешествия по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год / Пер. с нем. и комм. Ф. К. Бруна. — Ташкент: Шарк, 1997. - 240 с.

35.Шильтбергер, И. Путешествия Иоганна Шильтбергера по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год. Перевод со старонемецкого. Ф. К. Бруна. — Баку 1984. -86стр.

36.Шомӣ, Низомуддин Зафарнома. Баргардонанда Аҳмадхон Муродзода. – Душанбе. ЭР-Граф, 2019.-488 саҳ.

37.Шомӣ, Низомуддин. Зафарнома. Бо сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Филекс Тауэр. Бейрут, 1937.

38.Шомӣ, Низомуддин. Зафарнома. -Прага, 1956.- 320 с.
39.Шами, Низамиддин. Зафарнома. –Ташкент. Узбекистан, 1996. -528 с
40.Яздӣ, Шарафуддин Алӣ. Зафарнома. Подготовка к печати, предисловие, примечания и указатели А. Урунбева.- Ташкент. «Фан» 1972.
41.Яздӣ, Шарафуддин Алӣ. Зафарнома. Бо тасҳеҳ ва таҳшеъаи Мавлавӣ Муҳаммад Алҳудод. Ҷ. 1. Калкута, 1887.-824 саҳ.

## Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

42. Абраров, С. История Узбекистана / С. Аброров -Ташкент, 2007. Част 1. -148 саҳ.
43. Абдулла-заде, Х.Ф. История астрономии в средневековом Хорасане и Мавераннахре (IX-XV вв.): автореферат дисс. докт. историч. Наук / Х.Ф. Абдулла-заде – Душанбе, 1990.
44. Амиршоҳӣ, Н. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX–XIV / Н. Амиршоҳӣ - Душанбе, 1998. -1008 с.
45. Аскаров, А. История происхождения узбекского народа / А. Аскаров-Ташкент. Узбекистан, 2018. -664 с .
46. Ахмедов, Б.А. История Амир Темура / Б. А. Ахмедов, Р.Г. Муминова, Г.А. Пугаченков – Ташкент, Фан, 1999.
47. Ахмедов, Б. Государство кочевых узбеков / Б.Ахмедов - Москва. Издательство Наука. 1965.-196 с.
48. Бартольд, В. В. Улусные эмиры царствование Тимура / В. В. Бартольд // Сочинения, Москва. Издательство «Наука», 1964. Том II. Част 2.
49. Бартолд, В. В. Туркистон дар замони истилои муғул. Тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат / В.В.Бартолд -Теҳрон, 1339 ҳ.қ.
50. Бартолд, В. В. Туркистоннома. Тарҷумаи Карими Кишоварз / Бартолд - Теҳрон, 1352. Ҷилд 2.

51. Бартолд, В. В. Гузидаи мақолот. Тарҷума Карими Кишоварз / В.В.Бартолд - Теҳрон, 1358.
52. Бойматов, Л. Сарбадорони Самарқанд / Л. Бойматов- Интишороти «GlobeEdit»-2019.-132 саҳ.
53. Буниятов, З.М. Государство Хорезмшахов-Ануштегинидов (1097 - 1231) / З.М. Буниятов- Москва, Наука, 1986
54. Валтер, Ҷ. Ибни Халдун ва Темурланг. Тарҷумаи Саид Нафисӣ ва Нушинвахт Нафисӣ // Ҷ. Валтер - Теҳрон.1952.-240 саҳ.
55. Гафуров, Б.Г. Избранные труды / Б.Г. Гафуров- Москва,1982.
56. Гафуров, Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении / Б.Г.Гафуров –Москва, 1949, 2-ое издание. -М.,1952. -503 с.; 3-ое издание. М.,1955. -544с.
57. Гафуров, Б. Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г.Гафуров- Москва: Наука, 1972. -664 с.
58. Ғаффорифард, А. Равобити Сафавия ва ӯзбекон (913-1031) / А. Ғаффорифард - Теҳрон, 1374 ҳ.
59. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Китоби 2. Охирҳои асри миёна ва давраи нав/, Ғ. Ғафуров - Душанбе: Ирфон, 1985. - 416 с.
60. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон / Ғ. Ғафуров -Душанбе: Ирфон- 1983, Ҷ.1. - 704 с.
61. Ғафуров, Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик (Зери таҳрири. А. Мирзоев) / Б. Ғафуров - Сталинобод, 1947-384 с.
62. Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз // Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 906 с.
63. Ғафуров, Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик / Б. Ғафуров-– Сталинобод, Нашрдавтоҷик, 1947. Ҷилди 1. - 384 с.
64. Довудӣ, Д. Сиккаҳои Ҳисори Шодмон / Д. Довудӣ- Душанбе. ЭР-Граф- 2015.-128 саҳ.
65. Довудӣ, Д. Из истории Шайбонидов / Д. Довудӣ- Душанбе, 2005

66. Давидович, Е. А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана /Е.А. Давидович – Москва: Наука, 1979. – 462 с.
67. Додхудоева, Л. Тимуриды: тенденции политического, социального и экономического развития / Л. Додхудоева - Душанбе, 2003 - 361 с.
68. Давлатдории тоҷикон дар асрхои IX-XIV. Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. –Душанбе - 1999.
69. Донишномаи Сомониён. Дар ду чилд. Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. -545 с.; 2009. -528 с.
70. Зарринкӯб, А. Рӯзгорон. Таърихи Эрон аз оғоз то сукути Паҳлавӣ / А Заринкӯб - Теҳрон: Маҳорат, Чопи панҷум. 1383.,-1014 с.
71. Ибрагимов, Н. Ибн Баттута и его путешествия по Средней Азии / Н. Н. Ибрагимов – Москва: Наука, 1988. -127 с.
72. История Ирана с древнейших времен до конца 18 века. - Л.; Изд-во ЛГУ, 1958. -390 с.
73. История стран Азии и Африки в средние века. Издательство Московского университета. 1968. -495 стр.
74. Истории таджикского народа. Том III. (Период развития феодалного общества)- Душанбе: Дониш-2013. -380 стр.
75. История Афганистана.Москва : Мысл.1982.- 368 с
76. История армянского народа (С древнейших времён до наших дней): Ереван-1980.- 460 с.
77. История народов Узбекистана. С древнейших времен до начала XVIв. - Ташкент; Изд-во АН СССР, 1950. Том I. - 4 73 с
78. История Узбекистана. Академия МВД Республики Узбекистан, 2012.-273 стр.
79. История Самарканда. С древнейших времен до Великой Октябрьской социалистической революции. - Ташкент; Фан, 1969. Т.I. -484 с.
80. Иқбол, А. Таърихи муфассали Эрон. Аз ҳамлаи Чингиз то ташкили давлати Темур / А.Иқбол –Теҳрон, 1333 ҳ./1962, Ҷ. 1.

81. Иқбол, А. Зуҳури Темур. Бо эҳтимоми Ҳошими Муҳаддис. - Теҳрон, 1361.
82. Камол, Ҳ. Маъхазшиносӣ / Ҳ. Камол, А. Саидов - Душанбе -2015.- 101 саҳ.
83. Камол, Ҳ. Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и ӯ / Ҳ.Камол // Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Баргардонанда. Аҳмадхон Муродзода.- Душанбе: ЭР-Граф, 2019. –С.9-14.
84. Камол, Х. Таджикский народ во второи половини XIV-XV вв / Х.Камол // Истории таджикского народа. (Период развития феодалного общества)- Душанбе: Дониш, 2013. Том III. -С. 422-469.
85. Камол, Ҳ. Оинадори ҳаводиси аҳди хушунат ва бераҳмӣ / Ҳ.Камол // Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. (Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур). Мутарҷим Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ. Баргардонанда ба хатти кириллӣ Аҳмадхон Муродзода. Душанбе, ЭР-Граф-2018. С. 9-19.
86. Камол, Ҳ. Кошифи асрори Бутамон / Ҳ. Камол // Проблемы археологии и истории Таджикистана. Душанбе: Дониш, 2017.
87. Камол, Х. История вторжения кочевых племен Дашти Кипчака в Мавераннахр и Хорасан (XVI в.) / Х. Камол-Душанбе: Дониш, 2012.- 408 с.
88.Каримов, М.М. Из истории международных связей и дипломатии Центральной Азии во второй половине XIV - начале XVI вв: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук / М.М. Каримов - Худжанд-2009.-27 стр.
89. Коргар, А. Аҳди Темуриёни Ҳирот / А. Коргар-Пешовар. Муассисаи интишоротии «Ал-заҳир». Чопи аввал, 1383 ҳ. -197 саҳ.
90. Кӯлоби бостонӣ,(феҳристи адабиёт). Муарттибон Ш. Тошев, Б. Аҳмадов. Душанбе: Эҷод. 2006.-208 саҳ.
91. Лусин, Б. Таърихи муғул. «Темуриён». Тарҷумаи Муҳаммад Беҳфрӯзӣ / Б. Лусин -Теҳрон: Озодмеҳр. Чопи аввал.-1384 ҳ.-304 саҳ

92. Мелехин, А. В. Тамерлан / А. В. Мелехин — «Издательство АСТ», 2018 — (Библиотека военной и исторической литературы).
93. Миклухо-Маклай, Н. Д., Описание персидских и таджикских рукописей Института востоковедения АН СССР, выпуск. 3, Москва, 1975 – 442 стр.
94. Мирғулом, М. Ғ. Афғонистон дар масири торих. Кобул. Чопхонаи «Назат» 1375.ҳ. Чопи аввал.Ҷ.1.-627 саҳ.
95. Мирғулом, М. Ғ. Афғонистон дар масири торих. Интишороти «Чопхона». 1368 . Чопи чаҳорум.-854 саҳ.
96. Мухторов, А. Ҳисор: очерки таърихӣ (охири асри XV – аввали асри XX) / А. Мухторов -Душанбе, 1995.
97. Набаӣ, Абулфазл. Авзои сиёсӣ ва иҷтимоии Эрон дар қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ. Аз сукути Элхониён то ташкили Темуриён /А. Набаӣ. - Машҳад, 1375ҳ.
98. Навоӣ, А. Шоҳ Исмоили Сафавӣ: Аснод ва мукотиботи таърихӣ ба ҳамроҳии ёддоштҳои тафзилӣ / А. Навоӣ – Теҳрон : Арғувон, 1368 ҳ. - 419с.
99. Наҷотӣ, М. А. Муқаддимаи мутарҷим / М.А Наҷотӣ // Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. (Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур). Душанбе, ЭР-Граф-2018. -С. 20-28
100. Неъматов, Н. Н. Таърихи халқи тоҷик (Китоби дуввум) / Н. Неъматов, Н. Амиршоҳӣ, А. К.Мирбобоев, Ҳ. Пирумшоев-Душанбе, «Сарпараст» ва «Ношир»-2008.-815 с.
101. Одилов, А. Амир Темур тузуклари – давлат бошқаруви асоси / А. Одилов - Ташкент: 2016, -180 бет.
102. Ожанд, Я. Қиёми шиаии Сарбадорон / О. Яъқубов - Теҳрон, 1363 ҳ.
103. Оштиёнӣ, А. И. Таърихи муғул ва авоили айёми темурӣ./ А.И. Оштиёнӣ - Теҳрон, 1384 ҳ. - Ҷ. I-II. - Чопи 3.
104. Оштиёнӣ, А. И. Таърихи Эрон пас аз ислом (Аз садри ислом то инқирози Қоҷория) / А.И. Оштиёнӣ- Теҳрон, 1383 ҳ.

105. Панохӣ, С. Муқаддимаи «Зафарномаи темурӣ» / С. Панохӣ // Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Чопи аввал. Интишороти Бомдод. 1363 . -С. 4-28.
106. Петрушевский, И. П. Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII – XIV вв / И. П. Петрушевский - М.- Л.; Изд-во АН СССР, 1960. - 492 с.
107. Петрушевский, И. П. Ислам в Иране в VII - XV веках / И.П. Петрушевский - Л.; Изд-во ЛГУ, 1966. - 400 с.
108. Петрушевский, И. П. Государство Азербайджана в XV веке Сб. ст. по истории Азербайджана / И.П. Петрушевский И. П. - Баку, 1949
109. Раҳматуллоев, А. Таърихи мухтасари тоҷикон/А. Раҳматуллоев, Н. Тоҷов, С. Раҷабов - Душанбе: Ирфон, 2015.
110. Ру, Жан- Поль. История Ирана и иранцев. От истоков до наших дней / Жан- Поль Ру- Санкт-Петербург - 2015. -432 с.
111. Саидзода, А. Мовароуннаҳр дар асри XVII ва нимаи нимаи аввали асри XVIII (таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ) / А. Саидзода - Душанбе: Дониш, 2020.-491 с.
112. Султанов, Т. И. Памятники исторические литературы Средней Азии и Восточного Туркестана XV - XIX вв. (Проблема генезиса и функционирования): автореф. дисс. на соиск. уч. степени докт. историч. Наук: 07.00.02. - Л. / Т.И.Султонов - 1988. -32 с.
113. Стори, Ч. А. Персидская литература. Биобиблнографический обзор / Ч.А. Стори - Москва, 1972. ч. 2.
114. Тоърихи Эрон. Давраи темуриён. Пажӯҳиш аз Донишгоҳи Кембриҷ. Тарҷумаи доктор Яъқуб Ожанд. Теҳрон, 1379, 440 с.
115. Татаро-монголы в Азии и Европе. Сб. статей. 2-е изд М., 1977.
116. Тамерлан: Эпоха, личность, деяния. (составление, обработка и подготовка текста Р. Рахманалиева. -М. 1992, -544 с.
117. Турсунова, Г. Н. Амир Темур. Основаные этапы деятельности (1360-1405гг) /Г.Н. Турсунова - Хуҷанд: Хуросон.-2006.-200 стр.

118. Турсунова, Г. Основные этапы деятельности Амир Темура (1360-1405гг): автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук / Г. Турсунова - Худжанд-2006. -20 стр.
119. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ 1. -М.: СЭ.1969, -952 с.
120. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ 2. -М.: СЭ. 1969, -952 с.
121. Хатиби, С. Персидские документальные источники по социально-экономической истории Хорасана XIII - XIV вв / С. Хатибӣ-Ашхабад: Ылым,1985. -133 с.
122. Ҳақиқат, А. Таърихи ҷунбиши Сарбадорон / А. Ҳақиқат - Теҳрон, 1364 ҳ.
123. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик. (Китоби дарсӣ барои ихтисосҳои ғайритаърихи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов - Душанбе. ЭР-Граф - 2011.-644 саҳ
124. Шарифов, Р. Я. Освещение истории таджикского народа монгольского периода (1219 - 1380) в советской историографии / Р.Я. Шарифов - Душанбе, 1998.-26 с.
125. Шарифзода, А. Кӯлоб- шаҳри қадимаи тоҷикон. / А. Шарифзода // Кӯлоби бостонӣ. Душанбе; Эҷод. 2006.-С . 4-45.
126. Якубовский, А.Ю. Феодальное общество Средней Азии и его торговля с Восточной Европой в X-XV вв. / А.Ю. Якубовский // Материалы по истории Узбекской, Таджикской и Туркменской ССР. – Л.,1932. – Ч.I.
127. Якубовский, А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния / А.Ю. Якубовский-Москва: Груш, 1992.-252 с.
128. Якубовский, А.Ю. Самарканд при Тимуре и тимуридах / А.Ю. Якубовский - Л., 1933.
129. Якубов, Б. С. История Бухары с древнейших времен до наших дней / Б.С. Якубов-Ташкент: Фан, 1976.-381 с.

## Мақола ва маърӯзаҳо:

130. Амиршоҳӣ, Н. Темур дуввумин чеҳраи хунрези таърих / Н.Амиршоҳӣ // Фарҳанг (нашрияи бунёди фарҳанги Тоҷикистон). – 2004. - №1 (январ-феврал). - С. 11-23.
131. Буриев, О. Шарафуддин Али Яздий «Зафарнома» сида Марказий Осиё аҳолисининг этник-ҳудудий ҳолати ҳақида маълумотлар / О. Буриев// УзМУ хабарлари. - Т., 2013. -С. 41.
132. Василевский, В. Г . Византия и печенеги / В.Г. Василевский // Журнал министерства народного просвещения. 1872, № XI. С. 137.
133. Герасимов, М. М. Портрет Тамерлана (Опыт скульптурного воспроизведения на краниологической основе) / М.М. Герасимов // Краткие сообщения Института истории материальной культуры. 1947. Вып. XVII. С. 14—21.
134. Камол, Ҳ. Темурланг / Ҳ.Камол // Фарҳанг. 2004, №2. -С. 10-13.
135. Камол, Ҳ., Шарифзода А. Асрори дафни Темурланг / Ҳ. Камол, А. Шарифзода // Фарҳанг. 2004, №3, 2004. -С. 15-22.
136. Камол, Ҳ. Руҷӯи таърихӣ ё ба ҷойи пешгуфтор / Ҳ. Камол // Таърих хотираи гӯёи миллат. (Маводи конференсияи илмию назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами таърихнигории тоҷик дар давраи муосир). Рашт, 5-6 ноябри соли 2016. Зери назари Ҳ. Камол - Душанбе: Сухан, 2017.
137. Умняков, И.И. Международные отношения Средней Азии в начале XV в. Сношения Тимура с Византией и Францией/ И.И. Умняков - Тр. Узбекского университета. -Самарканд, 1956. -Вып.61 -С.180

## Захираҳои электронӣ [Электронный ресурс]

138. Бабакбаев, Х. Ибн Арабшах. История амира Темура / Х. Бабакбаев// http://www.vostlit.info/(Дата обращения: 14.08.2020. - 12:13)
139. Кадырбаев, А.Ш. Смерть, спасшая поднебесную, или последний

поход «Железного хромца» / А.Ш. Кадырбаев // www.minbar.su (Санаи шиносӣ 08.04.2021, соати 14: 20 дақиқа).

140. Мирзоён, З. Ислом Каримов вассофи Темурланг / З. Мирзоён // https://mazdo-wordpress-com.translate.goog/. (Санаи шиносӣ 8.12.2021, соати 8:50).

## Адабиёт бо забони хориҷӣ

141. Bretschneider, E. Mediaeval Researches from Eastern Asiatic sources. Fragments Towards the Knowledge of the Geography and History of Central and Western Asia from the 13 th to the 17 th century. Vol. 1–2. London: Trübner & CO, Ludgate Hill.; 1888.

142. Fletcher, J. F. China and Central Asia, 1368–1844. In: Fairbank J. K. (ed.) The Chinese World Order: Traditional China's Foreign Relations. Cambridge, MA: Harvard University Press; 1968. P.- 206–224.

## 2. Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1–М]. Мирзоев, Ш. «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ маъхази муҳими таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV / Ш. Мирзоев // Муаррих, №4 (20), 2019.– С.186-195

[2–М]. Мирзоев, Ш. Инъикоси лашкаркашиҳои Темурланг ба Хоразм дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ/ Ш. Мирзоев // Муаррих. №3 (23) 2020.-С 79-86

[3–М]. Мирзоев, Ш. Тасвири шахсияти Темурланг дар «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ / Ш. Мирзоев //Муаррих, №4 (24) 2020.-С 49-58 .

[4-М]. Мирзоев, Ш. Таърихи ба сари ҳокимият омадани Темурланг тибқи ахбори Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ / Ш. Мирзоев // Муаррих, №4 (28) 2021.-С.62-72.

[5–М]. [5–М]. Мирзоев, Ш. (дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ Ҳ.Ш. Камолов) Инъикоси лашкаркашии Темурланг ба Ҳиндустон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ / Ш. Мирзоев // Муаррих. №1 (29) 2022.-С.86-95.

### Маводи конфронсҳо, фишурдаҳо ва маърӯзаҳо:

[6-М]. Мирзоев, Ш. Инъикоси лашкаркашии Темурланг ба Гурҷистону Рум дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ / Ш. Мирзоев // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба «25-солагии Ваҳдати миллӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар

соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (18-23 апрели соли 2022-ҳафтаи илм). Рашт. 2022. -С.52-54.

[7-М]. Мирзоев, Ш. Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ ҳамчун сарчашмаи муҳими таърихӣ / Ш. Мирзоев // Маҷмӯи мақолоаҳои конференсияи илмӣ –амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30 соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рашт.2022.-С.107-111.